**Гузориши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои тамоми коргарони муҳоҷир ва аъзои оилаи онҳо**

**Рӯйхати ихтисораҳо**

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
ФР – Федератсияи Россия
ТҒД – Ташкилотҳои ғайридавлатӣ
КМҶ – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ
ВАО – Воситаҳои ахбори омма
КГМ – Кодекси мурофиавӣ-граждани̅
СММ – Созмони Милали Муттаҳид
КҶ – Кодекси ҷиноятӣ
АБҲШС – Аҳдномаи байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ
ВКД- Вазорати корҳои дохилӣ
РМҶМ – Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои мутташаккил
КДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллӣ
ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
МИ – Маркази иттилоотӣ
СИЗО- Тавқифгоҳ
ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
РКОГ – Раёсати Коммиссари олӣ оид ба гурезагон
ХМ – Хадамоти муҳоҷират
ВМ – Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Мундариҷа**

| Модда ва мавзӯъҳо | Бандҳо | Саҳ. |
|---|---|---|
| **Муқаддима** | 1-5 | 6 |
| **Қисми 1. Маълумоти умумӣ** | | |
| **а) Вазъияти умумии иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 6-12 | 7-10 |
| **б) Чорчӯбаи конститутсионӣ, қонунгузорӣ, ҳуқуқи танзими татбиқи Конвенсия** | 13 – 25 | 10-18 |
| **в)) Чорчӯбаи маъмурӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ** | 26 – 50 | 18-31 |
| **Қисми 2. Маълумот оиди ҳар як моддаи Конвенсия** | | |
| **Моддаи 1(1), 7. Манъ намудани табъиз** | 51 - 53 | 31-32 |
| **Моддаи 83. Ҳуқуқ ба воситаҳои самарабахши ҳифзи ҳуқуқӣ** | 54- 58 | 32-34 |
| **Моддаи 84. Ӯҳдадории татбиқи Конвенсия** | 59 – 64 | 34-37 |
| **Қисми 3. Ҳуқуқҳои инсонии тамоми муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо** | | |
| **Моддаи 8. Ҳуқуқи берун рафтан ва баргаштан аз ҳудуди кадом давлате набошад, аз ҷумла давлати худ** | 65 – 73 | 37-40 |
| **Моддаҳои 9,10. Ҳуқуқ ба ҳаёт; манъ намудани азобу шиканҷа; манъ намудани муносибати ғайриинсонӣ ва муносибате, ки шарафи инсониро таҳқир мекунад** | 74 -81 | 40-41 |
| **Моддаҳои 11. Манъи ғуломӣ ва меҳнати иҷборӣ** | 82 – 96 | 41-48 |
| **Моддаҳои 12, 13, 26. Озодандешӣ ва озодбаёнӣ; озодии афкор, виҷдон ва дин; ҳуқуқи аъзо шудан ба иттифоқҳои касаба** | 97 – 111 | 48-52 |
| **Моддаҳои 14, 15. Манъи дахолати худсарона ва ғайриқонунӣ ба ҳаёти шахсӣ, сӯиқасд ба дахолатнопазирии манзил, мукотибот ва шаклҳои дигари робита; манъи худсарона маҳрум сохтан аз моликият** | 112 -119 | 52-55 |

| | | |
|---|---|---|
| **Моддаҳои 16, 17 ва 24. Ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ; кафолати ҳимоя аз дастгиркунӣ ва ҳабси худсарона; эътироф намудани ҳуқуқи субъективӣ** | 120 – 131 | 55-62 |
| **Моддаҳои 18, 19. Ҳуқуқ ба кафолатҳои мурофиавӣ** | 132 – 142 | 62-66 |
| **Модаи 20. Манъи ҳабс намудан, рад намудан аз додани иҷозатномаи иқомат ва/ё иҷозат барои кор ва ронда шудан дар асоси иҷро накардани ӯҳдадорӣ аз рӯи шартнома** | 143 | 66-67 |
| **Моддаҳои 21, 22, 23. Ҳимоя аз мусодира ва/ё нобуд сохтани шаҳодатномаи шахсӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар; ҳимоя аз дастаҷамъона ронда шудан; ҳуқуқ барои муроҷиат намудан ба ҳимояи консулӣ ё дипломатӣ** | 144 – 150 | 67-70 |
| **Моддаи 25, 27, 28,53. Принсипи муносибати баробар оид ба масъалаҳои мукофотонӣ ва шароитҳои дигари меҳнат ва шароитҳои шуғл; таъминоти иҷтимоӣ; ҳуқуқ барои дастрасӣ ба ёрии таъҷилии тиббӣ; ҳуқуқи озодона интихоб намудани фаъолияти музднок барои аъзои оилаи муҳоҷири меҳнатӣ** | 151 – 158 | 70-74 |
| **Моддаи 29, 30,31,45. Ҳуқуқи кӯдаки муҳоҷири меҳнатӣ ба ном, бақайдгирии таваллуд ва шаҳрвандӣ; дастрасии таҳсилот дар асоси муносибати баробар; эҳтироми мустақилияти фарҳангии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо; истифодаи реҷаи баробар аз ҷониби аъзои оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар соҳаҳои қайдгардида ва чораҳое, ки бо мақсади таъмини кафолати ҷалб намудани кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ ба системаи маҳаллии таълимӣ андешида мешаванд** | 159 – 169 | 74-76 |
| **Моддаи 32, 33, 37. Ҳуқуқи интиқол додани воситаҳои бадастоварда, пасандозҳо ва ашёи шахсӣ ба давлати худ; ҳуқуқи гирифтани маълумот оид ба ҳуқуқҳое, ки аз Аҳдномаи мазкур бармеоянд ва ҳуқуқ ба паҳн намудани маълумот, ҳуқуқи** | 170 – 178 | 76-80 |

| | | |
|---|---|---|
| **хабардор шудан оид ба шартҳои иҷозатдиҳӣ барои ворид шудан ба давлати анҷом додаи кор ба таври кироя ва ба машғул шудан бо фаъолияти музднок** | | |
| **Қисми 4. Ҳуқуқҳои дигари муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, ки дорои ҳуҷҷатҳо ё мақоми доимӣ мебошанд** | | |
| **Моддаҳои 38, 39: Ҳуқуқ ба тарки муваққатӣ бе расондани зарар ба иҷозатномаи будубош ва фаъолият; ҳуқуқ ба ҷойивазкунии озодона ва интихоби маҳалли истиқомат дар ҳудуди давлати анҷом додаи кор ба таври кироя** | 179 – 181 | 80-81 |
| **Моддаҳои 40, 41 ва 42 . Ҳуқуқи таъсис додани ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳои касаба; ҳуқуқи иштирок намудан дар ҳаёти ҷамъиятии давлати худ, ҳуқуқи интихоб шудан ва интихоб кардан дар ин давлат; расмиёт ё институтҳое, ки нисбат ба эҳтиёҷоти муҳоҷирони меҳнатӣ ғамхорӣ зоҳир менамоянд ва имконияти амалигардонии ҳуқуқҳои сиёсиро дар давлати анҷом додаи кор ба таври кироя таъмин менамоянд.**<br>**Моддаҳои 40, 41 ва 42. Ҳуқуқи таъсис додани ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳои касаба; ҳуқуқи иштирок намудан дар ҳаёти ҷамъиятии давлати худ, ҳуқуқи интихоб шудан ва интихоб кардан дар ин давлат; расмиёт ё институтҳое, ки нисбат ба эҳтиёҷоти муҳоҷирони меҳнатӣ ғамхорӣ зоҳир менамоянд ва имконияти амалигардонии ҳуқуқҳои сиёсиро дар давлати анҷом додаи кор ба таври кироя таъмин менамоянд.** | 182 – 185 | 81-82 |
| **Моддаҳои 43,54,55. Принсипи низоми ягона бо шаҳрвандони давлате, ки дар он ба таври кироя дар соҳаҳои зерин кор мекунанд: реҷаи ҳимоя нисбати аз кор холӣ кардан, кӯмакпулӣ пардохтшаванда ҳангоми бекорӣ ва дастрасии барномаҳо оид ба** | 186 – 191 | 82-84 |

| | | |
|---|---|---|
| **корҳои ҷамъиятӣ ё кори дигар бо тарзи кироя ба онҳо; муносибати баробар ҳангоми иҷро намудани фаъолияти музднок** | | |
| **Моддаҳои 44 ва 50. Ҳифзи ягонагии оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва якҷояшавии муҳоҷирони меҳнатӣ; бақайдгирии фавт ва парокандашавии оилаҳо** | 192 – 195 | 84-85 |
| **Моддаҳои 46, 47, 48. Озод намудан аз боҷу пардохтҳо барои ворид намудан ва берун баровардани ашёи шахсӣ; ҳуқуқ барои интиқол додани воситаҳои бадастоварда ва пасандозҳо аз давлате, ки дар он муҳоҷир ҳамчун коргари кироя кор кардааст, ба давлати худ ё давлати дигар; андозбандӣ ва принсипи канорагирӣ аз андозбандии дукарата** | 196 - 198 | 85 |
| **Моддаҳои 49 ва 56. Иҷозатномаи иқомат ва киро кардан барои машғул шудан бо фаъолияти музднок; манъи умумӣ барои иҷборан аз ҳудуди кишвар баровадан ва шартҳои он** | 199 – 202 | 85-86 |
| **Қисми 6. Мусоидат ба фароҳам овардани шароити мӯътадил, боадолат ва қонунӣ барои муҳоҷирати байналмилалии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо** | | |
| **Моддаи 65. Таъсис додани хадамоти лозимӣ оид ба масъалаҳои вобаста бо муҳоҷирати меҳнатии байналмилалии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо** | 203 -205 | 86-91 |
| **Моддаи 68. Қоидаҳо ва мақомоти расмӣ оид ба киро кардани коргарон барои кор дар кишвари дигар** | 206 -208 | 91-92 |
| **Моддаи 68. Чораҳо оид ба пешгирӣ ва решакан кардани гузариши ғайриқонунӣ ё пинҳонӣ ва кирои мухоҷирони меҳнатие, ки мақоми доимӣ надоранд** | 209 – 210 | 92 |
| **Моддаи 71. Баргардонидани ҷасади муҳоҷирони меҳнатӣ ё аъзои оилаи онҳо ва масъалаҳои ҷуброн вобаста ба марги онҳо** | 211 | 92 |

**МУҚАДДИМА**

1. Гузориши аввалияи мазкур мутобиқи моддаи 73 Конвенсия пешниҳод карда мешавад ва тибқи принсипҳои роҳбарикунандаи шакл ва мундариҷаи гузоришҳо, ки аз ҷониби Кумита оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо қабул шудаанд, омода мегардад.

2. Гузориш давраи 2003 ва шаш моҳи соли 2010-ро дар бар гирифта, аз 2 қисм иборат аст. Қисми якуми гузориш асосҳои конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва маъмурии татбиқи Конвенсия, дар бораи сиёсати муҳоҷиратии кишварро дар бар мегирад. Қисми дуюми гузориш аз маълумоти махсус оид ба татбиқи ҳуқуқҳои алоҳида мутобиқи Конвенсия иборат аст.

3. Гузориш аз ҷониби гурӯҳи кории Комиссияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон омода гардидааст. Ба ҳайати гурӯҳи корӣ оид ба омода намудани гузориши мазкур мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ, намояндагони шӯъбаи кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқи шаҳрвандони Дастгоҳи иҷроияи Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон (роҳбари гурӯҳ) Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи такмили ихтисос, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ шомил буданд.

4.Дар рафти омода намудани гузориши мазкур гурӯҳи корӣ доимо вохӯриҳои машваратӣ бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ мегузаронданд. Лоиҳаи гузориш дар муҳокимарониҳои ҷамъиятӣ муҳокима шуд, ҳамчунин барои муҳокима ба мақомоти давлатӣ ирсол гардид, аз мақомоти дахлдори давлатӣ, ҳамчунин донишкадаҳои ҷомеаи шахрвандӣ тавсияҳо қабул карда шуд.

5.Раванди омодасозии гузориши мазкур дар Воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ инъикос гардид.

## Қисми 1. Маълумоти умумӣ

### А. Ҳолати умумии иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1.Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷӣ амалан раванди ташаккулёфта мебошад, ки ба он сол ба сол ҷавонони зиёд ҷалб карда мешаванд. Барои Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони он нақши муҳим мебозад. Тавассути он на фақат эҳтиёҷоти маишӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ қонеъ мегарданд, балки ба сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар низ бешубҳа таъсир мерасонад. Мувофиқи маълумоти Бонки миллӣ интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аллакай қариб 50% Маҳсулоти умумии дохилии кишварро ташкил медиҳанд. Дар соли 2008 тавассути бонкҳо ба ҷумҳурӣ беш аз 2,0 миллиард доллари америкоӣ ворид гардид. Ин ба паст шудани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар мусоидат намуд, ҳамчунин ба таъсиси ҷойҳои кории нав, дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, ба эътидол омадани қурби арзи миллӣ, қарзпазирии бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат намуд.

Дар масъалаи иҷтимоӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба даст овардани малакаҳои нави касбӣ (дар сохтмон, соҳаи кишоварзӣ ва ғайра), ҷамъ намудани маблағ барои сохтмони манзил, имконияти амонат гузоштани маблағ ва рушди инфраструктура (беҳтар намудани сифати роҳ, воситаҳои алоқа, сохтмон, фабрикаҳои хурд дар ноҳияҳо ва ғайра) мусоидат намуд. Кормандони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон дар давраи афзоиши суръати муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон, пастравии сатҳи ҷинояти иқтисодиро дар кишвар қайд намуданд.

Аммо дар баробари тарафҳои мусбии муҳоҷирати меҳнатӣ, дар Тоҷикистон як қатор мушкилот ба мушоҳида мерасанд, ки дар натиҷаи эмигратсияи аҳолӣ ба миён меоянд. Пеш аз ҳама, ин масъалаи ихроҷи кадрҳои баландихтисос ва «қувваи корӣ», ки барои барқарорсозӣ ва сохтмони аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ устувори давлат зарур мебошанд. Аксар вақт муҳоҷирони меҳнатии тоҷик бо сабаби мақоми ғайриқонунӣ доштан ба воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ дар кишварҳои таъинот дастрасии кофӣ надоранд. Вазъиятро он чиз боз душвор мегардонад, ки аксари муҳоҷирони меҳнатӣ дорои малакаҳои кофии забонӣ ва касбӣ нестанд.

2. Барои паси сар намудани ҳамаи ин мушкилот Ҳукумати ҷумҳурӣ як қатор чораҳои мушаххас меандешад, ки он мувофиқи Стратегияи миллии танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатии беруна аз Тоҷикистон иҷро мегардад. Стратегияи миллии Тоҷикистон оид ба муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ муайян месозад, ки ҷидду

ҷаҳд, пеш аз хама, барои ба танзим даровардани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, афзалиятҳои муҳоҷирати меҳнатии муташаккил ва беҳтар намудани дастгирии иҷтимоӣ ва ҳуқуқии мухоҷирони меҳнатӣ дар кишвар ва берун аз он равона мегарданд. Бо ин мақсад аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зерин анҷом дода шудаанд:

- заминаи миллии ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими муҳоҷирати меҳнатӣ беҳтар карда мешавад;

-дар назди Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон Хадамоти муҳоҷиратӣ таъсис дода шудааст, ки барои таъмин намудани танзими муҳоҷирати меҳнатӣ фаъолият мебарад. Моҳи апрели соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон дар паёми солонаи худ «Оид ба самтҳои асосии сиёсати беруна ва дохила» зарурати дар кишвар таъсис додани сохтори махсуси ҳукуматиро, ки маҳз ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ машғул бошад, қайд намуд.

Дар кишвар механизми байнниидоравии ҳамкорӣ оид ба танзими масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ танзим карда мешавад, аз ҷумла Комиссияи байнниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷиратӣ таъсис дода шудааст. Ҳамчунин ҳамкории байнидавлатӣ бо кишварҳои асосии таъинот танзим карда мешавад, масалан созишномаҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бо кишварҳои асосии таъинот – Россия ва Қазоқистон баста шудаанд. Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ ва мақомоти дигари ваколатдор лоиҳаи созишномаҳои гуногунро бо кишварҳои таъиноти муҳоҷирони меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони кишвар таҳия намудааст.

3. Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари иммигратсия, эмигратсия ва транзит (шумораи муайяни шаҳрвандони Афғонистон тавассути Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои дигар рафтуо мекунанд) тавсиф кардан мумкин аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир масъалаи ҷалби сармояҳоро ба иқтисодиёти кишвар, ҳамчун яке аз омилҳои муҳими рушди соҳаи иқтисодиёт, аз қабили саноат, коммуникатсия ва соҳаи хидматрасонӣ баррасӣ менамояд. Бо мақсади танзими масъалаҳои ҷалб ва истифодаи қувваи кории хориҷӣ дар назди Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ, Комиссия оид ба додани иҷозатнома барои ҷалби қувваи кории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фиристонидани муҳоҷирони меҳнатӣ берун аз он таъсис дода шудааст.

Айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 342 субъектҳои хоҷагидорӣ амал мекунанд, ки 30-тои он бо бо кор таъминкунии шаҳрвандон дар хориҷи кишвар ва 312 бо ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба кишвар машғул мебошанд.

4. Солҳои охир Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳибкории хурду миёна бо назардошти ҷалби сармоягузорони хориҷӣ барои иштирок дар мустаҳкам намудан ва баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар, таъсиси инфраструктураи муосир дар соҳаҳои хоҷагии халқ, кушодани ҷойҳои нави корӣ бо музди меҳнати кофӣ бо мақсади беҳтар намудани некӯаҳволии ҳамаи миллат ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд, диққати махсус медиҳад. Вобаста ба ин, роҳбарияти кишвар ҳар сол форумҳои соҳибкоронро мегузаронад, ки дар онҳо соҳибкорон ва корчалонони маҳаллию хориҷӣ, ки имконияти маблағгузорӣ намудани намудҳои гуногуни лоиҳаҳо ва ташкили кори худро доранд, ширкат меварзанд.

5.Дар ҳошияи тавсифи вазъияти муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон масъалаҳоеро ҳамчунин қайд намудан зарур аст, ки бо муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд алоқаманд мебошанд. Гарчанде Тоҷикистон кишвари таъиноти муҳоҷирони меҳнатӣ ба ҳисоб наравад ҳам, солҳои охир ҳаҷми ҷараёни захираҳои меҳнатӣ аз чунин кишварҳо ба монанди Хитой, Эрон, Туркия ва Афғонистон хеле афзудааст. Инро чунин маънидод кардан мумкин аст, ки солҳои охир шавқу рағбати сармоягузорон нисбати Тоҷикистон баланд шуда истодааст, ки онҳо лоиҳаҳои гуногуни стратегӣ, масалан сохтмони иншооти энергетикӣ, роҳҳо, ағбаҳо ва ғайраро маблағгузорӣ менамоянд. Чунончи, дар соли 2005 124 нафар, дар соли 2006 – 1389, соли 2007 – 2814 нафар, дар соли 2008 – 3446 нафар ва дар соли соли 2009 шумораи муҳоҷирони меҳнатии ба қайд гирифташуда ва ба таври қонунӣ дар ҳудуди Тоҷикистон зиндагонӣ мекарда 4523 нафарро ташкил дод. Чунин шароитро ба назар гирифта, Ҳукумати ҶТ тамоми ҷидду ҷҳдро ба усулҳои нисбатан шаффоф ва муосири ҷалби қувваи кории хориҷӣ бо роҳи таъмин намудани риояи ҳуқуқҳои инсон, ки бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда ва қонунгузории амалкунандаи кишвар пешбинӣ шудаанд, равона месозад.

6.Бо назардошти миқёси феминизатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати кишвар ҳамчунин ба рушди муносибатҳои гендерӣ ва мушкилоти гендерӣ диққат дода истодааст. Пештар коршиносон чандин маротиба набудани муносибатҳои гендериро дар ҳуҷҷатҳои гуногуни стратегӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ қайд менамуданд. Таҳқиқот оид ба мақоми риояи ҳуқуқҳои занон-муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои худ ва таъинот гузаронидашуда имкон дод, ки маълумоти боэътимод оид ба мушкилоти занон-муҳоҷирони меҳнатӣ ба даст оварда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки солҳои охир на танҳо афзоиши муҳоҷирати мехнатии занон, балки пурзӯршавии мушкилоти гендерӣ

марбут ба муҳоҷирати мехнатии беруна ба назар мерасад. Вобаста ба ин дар соли 2010 як қатор ташкилотҳои донорӣ дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти давлатии дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ваколатдор барнома дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ таҳия намудаанд, ки яке аз ҷузъҳои он такмили қонунгузорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ бо назардошти хусусиятҳои гендерӣ ва пешниҳоди ҷанбаи боз ҳам васеи хизматрасонӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, бо назардошти омилҳои гендерӣ дар ҳамаи марҳилаҳои давраи муҳоҷиратиро пешбинӣ менамояд.

Дар давом шаш моҳи соли 2010 беш аз 21 ҳазор зан ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтаанд.

7.Конвенсияи мазкур санади ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ба ҳисоб меравад. Тасдиқ намудани Конвенсия барои Тоҷикистон қадами ҷиддӣ дар роҳи эътироф намудан ва риояи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ гардид. Бо мақсади баланд бардоштани маълумотдиҳии аҳолӣ, тарғибот ва паҳн намудани дониш дар соҳаи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, матни ҳуҷҷати байналмилалии мазкур ба забони давлатӣ тарҷума карда шуд, дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ нашр гардид, дар китобчаҳо ва маҷмӯи китобҳо нашр гардид, ройгон ба китобхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои давлатӣ барои дастрасии табақаҳои васеи аҳолӣ пешниҳод гардид.

### Б. Чорчӯбаҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқии ба танзим даровардани татбиқи Конвенсия

1.Мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон кишвари иҷтимоӣ буда, шароитҳое фароҳам меорад, ки ҳаёти арзанда ва рушди озоди ҳар як инсонро таъмин менамояд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо Конститутсия (Сарқонун), қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида ба танзим дароварда ва ҳифз карда мешаванд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мундариҷа ва истифодаи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва маҳаллӣ, мақомоти худидораи маҳаллиро муайян месозанд ва бо ҳокимияти судӣ таъмин мешаванд. Маҳдудияти ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандони дигар, тартиботи ҷамъиятӣ, сохтори конститутсионӣ ва ягонагии ҳудудии ҷумҳурӣ роҳ дода мешавад

2.Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълонгардида истифода мебаранд ва дар баробари шаҳрвандони Тоҷикистон дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқҳои баробар доранд.

3.Дар асоси моддаи 10 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёриву ҳуқуқии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида қисми таркибии системаи ҳуқуқии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофгардида мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон афзалияти ҳуқуқҳои байналмилалӣ аз болои қонунгузории миллӣ эътироф мегардад.

4.Тӯли давронии истиқлолият Тоҷикистон ҳамаи санадҳои асосии ҳуқуқии байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон эътироф намудааст ва айни замон раванди фаъоли татбиқи меъёрҳои он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон давом дорад.

5.Баъди тасдиқи Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо (28.11.2001) бо мақсади ба мувофиқат овардани қонунгузории миллӣ ба Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «**Дар бораи муҳоҷират**», «**Дар бораи вазъи ҳуқуқии шахрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии дигар тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

6.Базаи меъёриву ҳуқуқии ҶТ, ки ҷанбаҳои гуногуни муҳоҷирони меҳнатиро ба танзим медарорад:

***Санадҳои меъёриву ҳуқуқие, ки меъёрҳоро оид ба ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар бар мегиранд:***

1. Сарқонуни (Конститутсия) Ҷумҳурии Тоҷикистон (06.11.1994);
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (04.11.1995);
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (03.11.1995);
4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (06.08. 2001);
5. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (25.07.2005);
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» (14.01.1990);

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиати шаҳрвандон» (14.12.1996);

8. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (15.05.1997);

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатӣ» (01.08.1997);

10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (13.12.1997);

11. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21.05.1998);

12. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (13.11.1998);

13. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, кисми 1 (30.06.1999);

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (11.12.1999 );

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» (11.12.1999, № 881);

16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» (17.05. 2004);

17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи аҳолӣ аз беморении сил» (22.12.2006 );

17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маълумот» (17.05.2004);

18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» (23.06.2004);

19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон» (15.07.2004.);

19. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (03.12.2004);

20. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон (03.12.2004);

21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» (29.04.2006);

22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (12.05.2007);

23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» (05.01.2008);

24. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (05.01.2008);

25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (20.03.2008);

26. Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ (31.12.2008 );

27. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (26.03.2009);

28. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат» (19.05.2009 г.);

29. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (03.12.2009);

30. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пурзӯр намудани мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (02.04.2001);

31. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тасдиқи Низомнома «Дар бораи системаи шиносномавии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (15 июля 1997);

32. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Комиссияи байниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (21 октября 1997);

33. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консесияи давлатии сиёсати муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (8 октябри соли 1998);

34. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Комиссияи байниидоравӣ оид ба мубориза бар зидди фурӯши одамон» (4 январи соли 2005);

35. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Вазорати корҳои дохилӣ (28 декабри соли 2006);

36. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомнома оид ба хусусиятҳои хоси иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» (3 апрели соли 2007);

37. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Комиссия оид ба таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» (4 марти соли 2002);

38. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои додани шиносномаҳои хориҷӣ, ки ҳомили электронии маълумот ва шаҳодатнома дар бораи бозгашт ба ватан барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегиранд» (2 апрели соли 2009);

39. Фармони Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи Хадамоти муҳоҷиратии Вазорати корҳои дохилӣ» (20 феврали соли 2007).

***Санадҳои меъёриву ҳуқуқие, ки меъёрҳоро оид ба ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Тоҷикистонро дар бар мегиранд:***

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» (01.08.2003.);

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (15.07.2004);

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони берун аз кишвари Ҷумҳурии Тоҷикистон» (06.09.2001);

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи муҳоҷирати берунаи меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2005» (03.12.2002);

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи хидмати давлатии шуғли аҳолӣ» (10.05.2005);

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи муҳоҷирати берунаи меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010»;

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (28.12.2006);

8. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (29.12.2006);

9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират» (03.03.2007);

10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи намояндагии Вазорати корҳои дохилӣ оид ба муҳоҷират дар Федератсияи Россия» (29.03.2007);

11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2009» (30.12.2007);

12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси муасссисаи давлатии Маркази таълими калонсолон» (05.03.2008);

13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Консепсияи таъсис ва ҳифзи ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» (05.03.2008);

14. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии муҳоҷирати берунаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (01.08.2008);

15. Фармони якҷояи Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати тандурустии Ҷумҳури Тоҷикистон дар бораи таъсиси беморхонаи табобатию ташхисӣ (аз 14.09.07. №461, аз 8.10. 07. №598)

16. Фармони якҷояи Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълим додани муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ» (моҳи марти соли 2010).

***Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёрҳо оид ба ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро дар бар мегиранд:***

17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (01.02. 1996);
18. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқаррар намудани квотаи муҳоҷират ва ҷалби қувваи кории хориҷӣ» (25.12.2009);
19. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои иқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (15.05.1999 г. );
20. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои додани иҷозатнома ба кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият менамоянд ва намунаи варақаи он» (31. 10. 2008 г.);
21. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи тартиби амалигардонии назорати иммигратсионӣ» (02.12.08);
22. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳо дар бораи тартиби ба расмият даровардан ва додани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд» (27.02.2009 г.).

7. Айни замон, ( дар моҳи июли соли 2010) дар Тоҷикистон лоиҳаи ду санади муҳими меъёриву ҳуқуқӣ – «Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар барои солҳои 2011-2015» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон ба хориҷа» таҳия шуда истодаанд. Стратегияи миллӣ дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ барои ташаккул ва татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон берун аз кишвар равона гардидааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон ба хориҷа» ба танзими механизми татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҶТ ба хориҷи кишвар равона хоҳад гашт ва асосҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идораи ин равандҳоро муайян хоҳад кард.

8. Ҷумҳурии Тоҷикистон 46 конвенсия ва 20 тавсияҳои Маҷлиси Олии кишварро тасдиқ намуд, аз ҷумла Конвенсияи № 97 дар бораи муҳоҷирони меҳнатӣ, Конвенсияи №143 дар бораи сӯистифода дар соҳаи муҳоҷират ва таъмини баробарии имконият ва муносибат ба муҳоҷирони меҳнатӣ, Конвенсияи №182 «Дар бораи манъ ва чораҳои фаврӣ оид ба решакан намудани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакона», Конвенсияи №189 «Дар бораи шароитҳои умумӣ барои ҳавасманд намудан ба ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои хурду миёна» аз 2 июни соли 1998 ва «Протокол бар

зидди ғайриқонунӣ ворид намудани муҳоҷирон тавассути нақлиёт, роҳҳои баҳрӣ ва ҳавоӣ», ки Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди ҷинояти муташаккилонаи трансмиллӣ аз 1 декабри соли 2000-ро пурра мекунад.

9. Санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, ки ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ дахл доранд, созишномаҳои зерини бисёртарафа ва дуҷонибаро дар бар мегиранд, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шудаанд:

- Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишарҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 15 апрели соли 1994;

- Қарори Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» аз 13 майи соли 1995;

- Созишномаи давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ аз 6 марти соли 1998;

- Консепсияи марҳила ба марҳила ташаккул додани бозори умумии меҳнати давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 15 декабри соли 2000;

- Консепсияи ҳамкории давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ аз 16 сентябри соли 2004;

- Изҳорот дар бораи сиёсати ба мувофиқарасидаи муҳоҷиратӣ дар доираи ИДМ аз 5 октябри соли 2007;

- Барномаи ҳамкории давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ барои солҳои 2009-2011 аз 10 октябри соли 2008;

- Конвенсия дар бораи мақоми ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 14 ноябри соли 2008;

- Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ аз 6 майи соли 1998;

- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 октябри соли 2004;

- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муваққатан дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон кор

мекунанд, ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Қазокистон, ки муваққатан дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунанд, аз 5 майи соли 2006;

- Барномаи ҳамкорӣ дар соҳаи мубодилаи меҳнатӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Москваи Федератсияи Россия аз 17 сентябри соли 2007;

- Ҳусни Тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ байни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати меҳнат ва рушди иҷтимоии Федератсияи Россия аз 9 декабри соли 2002;

- Ҳусни Тафоҳум байни мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроияи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳия ва шаҳрҳои Оренбург ва Волгоград и Федератсияи Россия дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ аз 18 сентябри соли 2007;

- Ҳусни Тафоҳум байни мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроияи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Ивановои Федератсияи Россия дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ аз 18 сентябри соли 2007;

- Ҳусни Тафоҳум байни мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроияи вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишвари Олтой ва Краснодари Федератсияи Россия дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ аз 18 сентябри соли 2007;

- Ҳусни Тафоҳум байни хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи миллӣ оид ба бо кор таъмин намудани Палатаи савдо ва саноати Арабистони Саудӣ аз 24 августи соли 2009.

10. То соли 2007 ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат машғул буд. 30 ноябри соли 2006 мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи такмили сохторҳои марказии мақомоти ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифаҳои Вазорати меҳнат оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба Вазорати корҳои дохилӣ вогузор шуда буданд. Дар назди Вазорати корҳои дохилӣ Хадамоти муҳоҷиратӣ таъсис дода шуд, ки зерсохтори мустақили сохтории Вазорати корҳои дохилӣ ба ҳисоб рафта, ташаккул ва татбиқи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва бақайдгирии аҳолиро таъмин менамояд. Яке аз вазифаҳои асосии Вазорати корҳои дохилӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати муҳоҷират ин дар доираи ваколатҳои худ таъмин намудани чорабиниҳо оид ба танзими муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад, ҳамчунин дар асоси таҳлил ва пешгӯиҳо ҳолати тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва равандҳои муҳоҷиратро амалӣ мегардонад.

11. Барои ҳифзи беҳтари ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва кишварҳои дигар намояндагиҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои муҳоҷират кушода шудаанд.

12. Бо мақсади муносиб кардани афзалиятҳои муҳоҷирати меҳнатии муташаккил Тоҷикистон бо кишварҳои асосии таъини муҳоҷирони меҳнатӣ Россия ва Қазоқистон созишномаҳои дутарафа бастааст. Барои татбиқи беҳтари Созишнома байни Хукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия» (аз 16.10.2004) гурӯҳи якҷояи кории Россияву Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ки ҳар сол вохӯриҳо мегузаронанд. Ин гурӯҳи корӣ дар асоси моддаи 3 қисми 2 Созишномаи мазкур таъсис дода шудааст ва ба ҳайати он намояндагони ҳамаи мақомоти салоҳиятдор дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии Федератсияи Россия ва Тоҷикистон шомил ҳастанд. Мутобиқи Низомномаи ин гурӯҳи якҷояи кории Россия ва Тоҷикистон вазифаҳои асосии он чунинанд:

-ҳалли масъалаҳое, ки ҳангоми татбиқи Созишнома ба миён меоянд;

-банақшагирии чорабиниҳое, ки ба татбиқи Созишнома равона гардидаанд;

-ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Россия оид ба татбиқи Созишнома;

-мутобиққунонии қонунгузории Россия ва Тоҷикистон.

Бо мақсади такмили ҳамоҳангсозии амалиётҳои давлатҳо-иштирокчиёни Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ аз 6 марти соли 1998, бо Қарори сарони Ҳукуматҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 16 апрели соли 2004 Қарор дар бораи таъсиси Комиссияи якҷояи давлатҳо-иштирокчиёни ИДМ қабул шуд, ки Низомнома дар бораи Комиссияи якҷоя тасдиқ шудааст (Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаи зикргардидаро 14 майи соли 1999 тасдиқ намуд).

Комиссия кори худро мутобиқи Барномаи ҳамкории давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ барои солҳои 2006 -2008 ва нақшаҳои кории барои солҳои 2009 -2010 амалӣ мегардонад.

Комиссияҳои байниидоравии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон таъсисдодашуда оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳими ҳамкорӣ – алоқаи мутақобила дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонуниро баррасӣ менамоянд. Дар доираи комиссияҳои байниидоравӣ созишномаҳои нав ва ё ёддоштҳои тафоҳум оид ба муҳоҷират, ҳалли мушкилоти муҳоҷирати аҳолӣ, ҷустуҷӯи самтҳои нав барои ҳамкории зич бо мақсади

танзими раванди муҳоҷират амалӣ мешаванд. Лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, ки бояд аз ҷониби ҳар ду тараф имзо гарданд, пешакӣ имзо мешаванд.

Мушкилоти татбиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия аз 16.04.2004:

- мутобиқи моддаи 6 собиқаи кории муҳоҷирон аз ҷониби ҳар ду тараф эътироф мешавад ва баъди ба ватан баргаштан корфармо ба ӯ ҳуҷҷати дахлдори бо мӯҳр тасдиқшударо медиҳад:

- мутобиқи моддаи 8 масъалаи суғуртаи иҷтимоии муҳоҷирон бояд бо созишномаи алоҳида дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ба танзим дароварда шавад. Вобаста ба ин ҳанӯз дар соли 2007 ВКД лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи суғуртаи иҷтимоиро таҳия намуд ва барои баррасӣ ба тарафи Россия фиристонд.

13. Тоҷикистон ҳамчунин дар ҳамаи вохӯриҳое, ки дар доираи Шӯрои роҳбарони мақомоти муҳоҷиратии давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти салоҳиятноки давлатҳо-аъзои ОДКБ оид ба масъалаҳои мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ, Шӯро оид ба сиёсати муҳоҷирати назди Кумитаи ҳамгироии ЕврАзЭс, комиссияи якҷояи давлатҳо-иштирокчиёни Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳо-иштирокчиёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ ширкат меварзад.

## В. Доираи (сохторҳои) маъмурӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ

14.Мақомоти асосии давлатие, ки дар ташаккули сиёсат дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ширкат меварзанд:

- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Хадамоти муҳоҷиратии Вазорати корҳои дохилӣ;
- Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Комиссияи байниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷиратӣ .
- Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

15.Хадамоти муҳоҷиратии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон**.** Мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2006, №9 «Дар бораи такмили сохторҳои марказии макомоти ҳокимияти иҷроия» вазифаҳои

Вазорати меҳнат оид ба масъалаҳои муҳоҷирати мехнатӣ ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шуд. Дар аввали соли 2007 Хадамоти муҳоҷиратии Вазорати меҳнат бекор карда шуд ва вазифаҳои он ба Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд. Дар сохтори Дастгоҳи марказии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти муҳоҷирати ВКД Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Ҳамзамон хадамоти муҳоҷиратӣ таъсис дода шуд, ки зерсохтори мустақили сохтории Вазорати корҳои дохилӣ ба ҳисоб рафта истода, ташаккул ва татбиқи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва бақайдгирии аҳолиро таъмин менамояд. Яке аз вазифаҳои асосии Вазорати корҳои дохилӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати муҳоҷират ин дар доираи ваколатҳои худ таъмин намудани чорабиниҳо оид ба танзими муҳоҷирати меҳнатӣ мебошад, ҳамчунин дар асоси таҳлил ва пешгӯиҳо ҳолати тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва равандҳои муҳоҷиратро амалӣ мегардонад. Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ ваколатҳои худро дар соҳаи зикргардида тавассути сохторҳои вилоятӣ таъмин месозад. Сохтори Хадамоти муҳоҷиратии Вазорати корҳои дохилӣ аз 11 зерсохторҳои зерин иборат мебошад:

1. шӯъбаи таъмини ҳуқуқӣ ва ҳамкории байналмилалӣ
2. шӯъбаи шаҳрвандӣ ва кор бо гурезагон
3. шӯъбаи ташкили кори раводид
4. шӯъбаи додани иҷозатнома барои кор
5. шӯъбаи раводид ва қайди шаҳрвандони хориҷӣ
6. шӯъбаи ташкиливу назоратӣ
7. шӯъбаи кор бо шиносномаҳо ва қайди аҳолӣ
8. шӯъбаи таъминоти молиявӣ
9. шӯъбаи муҳоҷирати меҳнатӣ
10. шӯъбаи назорати баҳисобгирии муҳоҷират дар нақлиёт
11. гурӯҳи кор бо кадрҳо.

Вазифаҳои асосии Хадамоти муҳоҷиратии Вазорати корҳои дохилӣ инҳоянд:

- таҳия ва татбиқи якҷоя бо вазоратҳо ва мақомоти дигари ҳокимияти давлатӣ сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, кор бо шиноснома ва раводидҳо ва баҳисобгирии қайди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин масъалаҳои шаҳрвандӣ ва кор бо гурезагон;

- омода намудани таклифҳо дар бораи танзими равандҳои муҳоҷиратӣ, рушд ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бастани созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва кор бо раводид ва шиносномаҳо.

Таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи сиёсати давлат дар бораи муҳоҷират ва кор бо шиноснома ва раводидҳои Вазорати корҳои дохилӣ;

- дар доираи салоҳияти худ таҳия ва истифодаи чорабиниҳо марбут ба танзими равандҳои муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ, ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо кор таъмин намудани шаҳрвандонм Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар;

-роҳбарии ташкиливу методии фаъолияти шӯъбаҳои муҳоҷиратии вилоятӣ, хадамоти шиносномавӣ ва раводидӣ, бюрои додани суроға ва маълумот, намояндагии Вазорати корҳои дохилӣ оид ба корҳои муҳоҷират дар ҳудуди Федератсияи Россия ва кишварҳои дигар;

- дар доираи ваколатҳои худ таҳия ва татбиқи чорабиниҳо марбут ба пешгирӣ ва барҳам додани муҳоҷирати ғайриқонунии меҳнатӣ, ташкили назорати иммигратсионӣ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд;

- ташаккули пешниҳодҳо оид ба маблағгузории чорабиниҳо, ки ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ равона гардидаанд, ташкил ва татбиқи назорати хароҷоти мақсадноки маблағҳои зикргардида;

- омӯзиши таҷрибаи байналмилалии танзими равандҳои муҳоҷиратӣ, таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрӣ, маводҳои методӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ бо назардошти вазъияти муҳоҷиратӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ширкат варзидан дар таҳияи лоиҳаи созишномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари байналмилалӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, татбиқи чораҳо марбут ба татбиқи онҳо;

- таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба кӯмак расонидан ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи бокортаъминкунӣ дар хориҷи кишвар мутобиқи тартиби муқарраршуда;

- татбиқи таъминоти ташкилӣ ва методӣ, иҷозатномадиҳии фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, марбут ба бо кор таъминкунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар;

- баррасии масъалаи додани раводид барои берун шудан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гурӯҳи муайяни шахсон;

- муайян ва эътироф намудани мақоми ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №599 фаъолият оид ба кор бо гурезагон ва шахсоне, ки паногоҳ меҷӯянд, аз Вазорати

меҳнат ба Вазорати корҳои дохилӣ дода шуд. Бо мақсади иҷрои қарори мазкур бо Фармони Вазорати корҳои дохилӣ № 292 аз 6 майи соли 2009 дар сохтори Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ шӯъбаи шаҳрвандӣ ва кор бо гурезагон таъсис дода шуд.

Моҳи октябри соли 2009 Комиссия оид ба додани мақоми гуреза таъсис дода шуд, ки ба ҳайати он роҳбари Хадамоти муҳоҷират (раис), кормандони шӯъба ва намояндагони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати тандурустӣ ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомиланд. Ба комиссия ҳамчунин мушовир аз Раёсати Олии кор бо гурезагони Созмони Милали Муттаҳид шомил аст, ки ҳуқуқ дорад тавсияҳо оид ба муайян намудани мақом ва масъалаҳои дигари соҳаи ҳифзи гурезагон ва шахсоне, ки паногоҳ меҷӯянд, диҳад.

Корҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои гурезагон амалӣ мешавад. Низомнома дар бораи Комиссия оид ба баррасии аризаҳо дар бораи додани мақоми гуреза, ки дар он стандартҳои асосиии ҳифзи гуреза нишон дода шудаанд ва таҷрибаи кишварҳои дигар ба назар гирифта шудаанд, таҳия ва тасдиқ гардидааст.

То имрӯз шумораи гурезагон ва шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд, дар ҷумҳурӣ 2447 нафарро ташкил медиҳад. Аз онҳо:

- шахсоне, ки мақоми доимии гурезаро доранд – 2047 нафар;

- шахсоне, ки аризаҳои онҳо қабул ва таҳти баррасӣ қарор доранд, (шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд) – 400 нафар.

Қисми асосии гурезагон ва шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд, ин шахрвандони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон – 2442 ва шаҳрвандони Эрон – 5 нафар мебошанд.

Аз онҳо зиндагонӣ мекунанд: дар шаҳрҳои Душанбе ва Ваҳдат мутаносибан 630 ва 1429 нафар, дар ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ҳисор ва Шаҳринав мутаносибан 110, 75, 29, дар вилояти Суғд – 137 ва вилояти Хатлон 37 нафар.

Мутаассифона то имрӯз Марказ барои муваққатан ҷойгир намудани шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд, сохта нашудааст, ки кори Хадамоти муҳоҷиратии Вазорати корҳои дохилиро мушкил мегардонад.

16.Намояндагии Вазорати корҳои дохилӣ оид ба муҳоҷират дар Федератсияи Россия ба нақшаи идораи Вазорати корҳои дохилӣ дохил мешавад. Вазифаи асосии Намояндагӣ ин кӯмак расонидан ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (муҳоҷирони меҳнатӣ) оид ба масъалаҳои гуногуни бо зиндагонӣ кардан дар ҳудуди Федератсияи Россия алоқаманд мебошанд. Масалан, кӯмак дар барқарорсозии ҳуҷҷатҳо, муайян намудани шахсияти шахсе, ки ҳуҷҷат надорад, таъмини муҳоҷирони меҳнатӣ бо маълумотнома дар бораи доғи судӣ доштан ё надоштан ва

ғайра. Ба ғайр аз ин, Намояндагии Вазорати корҳои дохилӣ дар Федератсияи Россия ба субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи бо кор таъмин намудани муҳоҷирони меҳнатии ҶТ кӯмак мерасонад, бо Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия ва ташкилотҳои дигари давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҳамкорӣ менамояд.

Танҳо дар давоми шаш моҳи соли ҷорӣ мақомоти судии Федератсияи Россия 2022 таъинот оид ба аз пеш намудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Россия баровардааст. Ба ғайр аз ин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Федератсияи Россия 131 265 шаҳрандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дастгир ва ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидаанд, аз ҷумла 45 907 онҳо барои вайрон намудани қоидаҳои муҳоҷират. Мутобиқи қонунгузории Федератсияи Россия то бадарға намудан шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марказҳои исти муваққатии шаҳрвандони хориҷии Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия нигоҳ дошта мешаванд.

Айни замон, дар ҳудуди Федератсияи Россия 47 ташкилотҳои умумиросиягии тоҷикистониён амал мекунанд, ки оид ба пешгирии содир намудани ҷиноят аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Федератсияи Россия ҳамаҷониба корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд, дар ҷалби қувваи корӣ дар субъектҳои хоҷагидорӣ оид ба ҷалби муташаккили муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия кӯмак мерасонанд, масъалаи алоқаи мутақобилаи корфармоён бо муҳоҷирони меҳнатиро баррасӣ менамоянд, барои фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои кор ба муҳоҷирони меҳнатӣ чораҳои дахлдор меандешанд.

17. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ мақоми марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки татбиқи сиёсати ягонаи давлатиро назорат ва базаи меъёриву ҳуқуқиро дар соҳаи меҳнат, шуғли аҳолӣ, таълими касбии муҳоҷирони калонсолони меҳнатӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро таҳия менамояд. Марбут ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти он медарояд, Вазорати меҳнат мақоме мебошад, ки фаъолияти дигар вазоратҳо, идораҳо, корхона ва муассисаҳо ва ташкилотҳои дигарро новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ, ҳамчунин мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатиро ҳамоҳангсозӣ менамояд. Айни замон, Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии ҶТ асосан ба масъалаҳои муҳоҷирати мехнатӣ, ҳамчунин ба баланд бардоштани имконияти касбӣ ва маълумотнокии муҳоҷирони меҳнатии беруна машғул мебошад. Аз ҷумла, низомномаи Вазорати меҳнат ваколатҳои зеринро дар соҳаи муҳоҷирати берунаи меҳнатии аҳолӣ пешбинӣ менамояд:

-якҷоя бо вазорат ва идораҳои манфиатдор, таклифҳо оид ба ташаккули сиёсати давлатии муҳоҷиратӣ ва омода намудани барномаҳои дахлдор оид ба масъалаҳои муҳоҷират таҳия менамояд, корро оид ба татбиқи он ташкил ва ҳамоҳангсозӣ менамояд;

- ба рушди имконияти касбӣ ва маълумотнокии муҳоҷирони меҳнатии беруна мусоидат менамояд.

18.Дар фаъолияти худ Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:

- бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият ҳуҷҷат, хулосаҳо, маводҳои иттилоотӣ ва дигар маълумотҳоеро, ки барои ҳалли масъалаҳои ба салоҳияти он дохилшуда зарур мебошанд, талаб ва ба даст орад;

-аз Оҷонсӣ оид ба омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳоро оид ба муҳоҷирати аҳолӣ талаб ва ба даст орад;

- ташкили таҳия ва ҷорӣ намудани технологияҳои ягонаи иттилоотӣ ва низомҳои худкор, аз ҷумла дар соҳаи муҳоҷирати дохилӣ (қайд намудан зарур аст, ки то соли 2007 вақте ки хадамоти муҳоҷиратӣ дар назди Вазорати меҳнат қарор дошт, системаи худкори баҳисобгирӣ оид ба ҷамъи маълумот оид ба гурезагон ҷорӣ гардида буд).

19.Мутобиқи Низомнома дар бораи оҷонсии давлатии ҳифзи ҳуқуқ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират аз 3.03.2007, №12 (минбаъд - Оҷонсӣ) , Оҷонсӣ мақоми ҳокимияти иҷроия буда, вазифаҳоро оид ба расонидани хизматрасонии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати аҳолӣ амалӣ мекунад. Оҷонсӣ дар соҳаи муҳоҷирати берунаи аҳолӣ вазифаҳои зеринро амалӣ мекунад:

-мониторинг, баҳогузорӣ ва пешгӯиҳои равандҳои муҳоҷиратиро амалӣ мекунад, оид ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати аҳолӣ чораҳо меандешад;

-кор оид ба рушди рақобатпазирии муҳоҷирони меҳнатии беруна дар бозори меҳнатро ташкил мекунад;

-бо намояндагони корпусҳои дипломатии давлатҳои хориҷӣ дар Тоҷикистон, намояндагии мақомоти идораи давлатии кишварҳои хориҷи дуру наздик оид ба масъалаи муҳоҷират ҳамкорӣ менамояд;

-дар чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва ташкили назорати муҳоҷиратӣ ширкат меварзад;

-конфронс, семинар ва вохӯриҳо, корҳои фаҳмондадиҳӣ-иттилоотӣ мегузаронад, маводи гуногун чоп мекунад, бо иштироки воситаҳои ахбори омма чорабиниҳо ташкил мекунад.

20.Оҷонсӣ дар системаи идораи Вазорати меҳнат қарор дорад. Дар сохтори дастгоҳи марказии Оҷонсӣ Раёсати муҳоҷирати аҳолӣ вуҷуд дорад, ки дар навбати худ дар ноҳия ва шаҳрҳои ҷумҳурӣ шӯъбаҳои худро дорад. Масъалаи ширкати Вазорати меҳнат оид ба масъаалҳои муҳоҷират, аз ҷумла Оҷонсӣ асосан хусусияти изҳоротӣ дорад.

Аз ҷумла, масъалаи маълумотнокии муҳоҷирони меҳнатии беруна аксар вақт аз мавҷуд будани маблағ вобаста мебошанд ва ҳатман бояд бо Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ барои тақсими аниқи маълумоти эътимоднок, бояд ҳамоҳангсозӣ шаванд, масъалаҳои омӯзиши тамоюли бозори меҳнат, аз ҷумла хориҷӣ, бевосита аз ҷониби оҷонсӣ татбиқ шуда наметавонанд. Дар аксарияти кишварҳо ҳангоми ҳалли чунин масъалаҳо Вазорати меҳнат бо намояндагони аккредитатсияшудаи Вазорати корҳои дохилӣ ҳамкорӣ менамоянд, дар ин ҳолат ҳамчунин бо намояндагии Вазорати корҳои дохилӣ.

21. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – мутобиқи вазифаҳои ба зиммаи ин вазорат гузоштташуда дар соҳаи муҳоҷират ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки берун аз кишвар зиндагонӣ мекунанд, амалӣ мегардонад ва ҳуҷҷатҳои баромадан ва ворид шуданро бо тартиби муқарраргардида ба расмият медарорад.

22. Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Хадамоти сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон) – дар баробари ваколатҳои дигар дар соҳаи ҳифзи сарҳади давлатӣ қонунӣ будани баромадан ва ворид шудани шахсонро тавассути сарҳади давлатӣ назорат мекунад. Дар соҳаи муҳоҷират дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- қонунӣ будани баромадан ва ворид шудани шахсонро тавассути сарҳади давлатӣ назорат мекунад ;
- барои қайди шахсон ва баҳисобгирии маълумоти ҳақиқӣ ва омор ситемаҳои иттилоотиеро истифода мебаранд, ки ба қонун мухолифат намекунанд;
- аз мақомоти давлатӣ, корхона, муассиса, ташкилот ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ маълумоти барои иҷрои ӯҳдадориҳо зарурро ройгон талаб мекунад ва ба даст меорад.

**23.**Комиссияи байниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷиратӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – бо мақсади такмили идораи равандҳои муҳоҷират ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоте, ки ба масъалаи муҳоҷират машғуланд, бо назардошти шароитҳои ба амал омада, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи

байниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷиратӣ таъсис дода шудааст (21.10.1997, №462). Бо ин қарор ҳамчунин гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба омода намудани пешниҳодҳо оид ба такмили қонугузории муҳоҷиратии ҶТ таъсис дода шуд. Комиссияи байниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷиратӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Комиссия) мақоми ҳамоҳангсоз буда, бо мақсади таҳия ва қабули қарорҳои дахлдор оид ба масъалаҳои муҳоҷират, гурезагон, шахсоне, ки паногоҳ меҷӯянд, доимо амал мекунад.

Комиссия доимоамалкунанда мебошад ва ба кори худ намояндагони вазорат ва идораҳои гуногуни дахлдори мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатиро ҷалб менамояд. Ҳамчунин комиссия метавонад барои иштирок дар маҷлисҳо намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналмилалиро, олимон ва коршиносони соҳаи муҳоҷиратро даъват намояд, ба ҳайати Комиссия ҳамаи вазорату идораҳои ҷумҳурӣ дар сатҳи муовинони аввал шомил ҳастанд. Комиссияро Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ мекунад. Барои баррасии мушкилоти муайян Комиссия метавонад гурӯҳҳои корӣ таъсис диҳад.

Вазифаи асосии Комиссия ин ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти иҷрояи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба идораи равандҳои муҳоҷиратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҷиҳати иҷрои вазифаҳои вогузоршуда комиссия вазифаҳоеро иҷро мекунад, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

Вазифаҳои умумӣ:

Равандҳои муҳоҷиратиро, новобаста аз омилҳои пайдоиш, аз ҷумла мушкилоти муҳоҷирони гурӯҳҳои гуногун, гурезагон ва шахсонеро, ки паноҳгоҳ меҷӯянд, таҳлил менамояд;

Алоқаи мутақобиларо бо ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаи муҳоҷират амалӣ мегардонад;

Тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи муҳоҷират таҳия менамояд, аз ҷумла мушкилоти гурезагон ва шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд;

Оид ба ҷанбаҳои муайяни идораи раванди муҳоҷиратӣ семинарҳо ташкил мекунад;

Вазифаҳои аз рӯи қонунгузорӣ:

дар муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо, омода намудани пешниҳодҳо оид ба тасдиқи созишномаҳои байналмилалӣ марбут ба масъалаи муҳоҷират, ки барои баррасӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд, ширкат меварзад;

қарорҳоеро қабул менамояд, ки ба иҷрои қонунҳо ва санадҳои байналмилалии ҳуқуқии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофшуда, ки масъалаҳои муҳоҷиратро ба танзим медороранд, равона гардидаанд;

барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба муҳоҷиратро пешниҳод мекунад, аз ҷумла мушкилоти гурезагон ва шахсоне, ки паногоҳ меҷӯянд.

Вазифаҳои махсус:

бо тартиби муқарраргардида чораҳо оид ба мусоидат намудан ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бо кор таъминкунӣ дар хориҷи кишвар таҳия ва татбиқ менамояд;

вазъияти кор бо таъмини амнияти раванди муҳоҷиратро дар кишвар ва ноҳияҳои алоҳидаи он, вазоратҳо ва идораҳо баррасӣ менамояд, ба кори он баҳо медиҳад.

Низомномаи мазкур пешбинӣ менамояд, ки қарорҳои Комиссия дар доираи салоҳияташ барои вазорат, идора ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳатмӣ мебошанд.

Вазифаҳои махсуси Комиссия ин татбиқи чораҳо оид ба мусоидат намудан ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бо кор таъмин намудани онҳо дар хориҷи кишвар мебошад.

24. Алоқаи мутақобила ва ҳамкории мақомоти давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират:

| **Ташаккули сиёсат дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ** | **Таъмини меҳнат ва маълумоти сазовор** | **Ҳифзи иҷтимоию иқтисодӣ** | **Ҳифз ва пешниҳоди манфиатҳои муҳоҷирон дар хориҷи кишвар** |
|---|---|---|---|
| Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ | Хадамоти Муҳоҷирати ВКД, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ, Вазорати маорифи ҶТ | Хадамоти Муҳоҷирати ВКД, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ | Оид ба маълумотдиҳӣ: Вазорати Корҳои Хориҷии ҶТ, Намояндагии ВКД оид ба муҳоҷират дар Федератсияи Россия (ба таври алтернативӣ: иттифоқҳои касаба, ташкилотҳои |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | ғайридавлатӣ) |
| | | | Аз рӯи пешниҳоди манфиатҳо дар сохторҳои давлатӣ: ВКХ ҶТ |

25.Бо мақсади ҳифз ва дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ, ки аз Тоҷикистон берун мешаванд, Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ якҷоя бо ташкилотҳои гуногуни давлатӣ ва ҷамъиятӣ мунтазам маъракаҳои иттилоотӣ мегузаронанд, ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо барои ба қарори қатъӣ омадан оид ба рафтан ба хориҷи кишвар маълумоти кофӣ медиҳанд. Дар Тоҷикистон ҳамчунин корҳо оид ба беҳтар намудани танзими фаъолияти оҷонсиҳои шахсии шуғли аҳолӣ гузаронида мешавад. Барои амалигардонии фаъолияти марбут ба бо кор таъминкунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар гирифтани иҷозатнома зарур аст ва барои татбиқи ғайриқонунии ин намуди фаъолият бо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчунин барои фурӯши одамон бо мақсади истисмор ва меҳнати маҷбурӣ ва ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ пешбинӣ мешавад.

26.Маълумоти омории муҳоҷират бо ҷузъҳои дигари механизми идораи муҳоҷиратӣ зич алоқаманд аст ва воситаи зарурӣ ҳангоми таҳияи қонунгузорӣ дар соҳаи муҳоҷират ва умуман танзими он ба ҳисоб меравад. Маълумоти оморӣ ҳамчунин барои дарки вазъияти муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишвар ва баҳогузории рафти татбиқи Конвенсия зарур мебошад. Зарурати ҷамъ намудани маълумотҳои омориро оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ эътироф намуда истода, Ҳукумати мамлакат якчанд қарорҳоро баровардааст, ки ба танзими масъалаҳои бо баҳисобгирӣ, ҷамъоварӣ ва мубодилаи маълумоти оморӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ алоқаманд равона гардидаанд.

27.Мақоми асосие, ки барои ҷамъоварӣ намудани маълумот оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ ваколатдор карда шудааст, ин Хадамоти муҳоҷиратии Вазорати корҳои дохилӣ мебошад. Қонунгузории миллӣ Сарраёсати қушунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллиро ӯҳдадор месозад, ки ба Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ дар ҷамъ намудани маълумоти оморӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ кӯмак расонанд. Дар навбати худ, Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ ӯҳдадор аст маълумоти оморӣ дар бораи муҳоҷирати меҳнатиро ба Оҷонсии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд. Оҷонсӣ аҳолӣ, мақомоти

давлатӣ ва ҷомеаро умуман бо маълумотҳои оморӣ дар соҳаи муҳоҷират таъмин менамояд. Ин маълумот ҳам дар Воситаҳои ахбори омма ва ҳам дар сомонаи оҷонсӣ www.stat.tj чоп мешавад.
Маълумот дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ, иқомати шаҳрвандони хориҷӣ, додани ҳуҷҷатҳо, бақайдгирӣ ва масъалаҳои дигар дар сомонаи алоҳидаи Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ **(migration.tj)** ҷой дода мешаванд.
28.Ӯҳдадориҳои вазифавии Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ дар соҳаи ҷамъ намудан, баҳисобгирӣ ва мубодилаи маълумотҳои муҳоҷиратӣ:

- бақайдгирии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро, ки ба Тоҷикистон омадаанд, амалӣ месозад;
- маводи шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро дар бораи монондани онҳо барои зисти доимӣ омода месозад;
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати иммигратсионӣ нисбати шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро таъмин менамояд;
- дар ҷорӣ намудани системаи ягонаи худкори баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ширкат меварзад;
- якҷоя бо шӯъбаҳои дигари Вазорати корҳои дохилӣ, ки барои гузаронидаи сиёсати ягонаи техникӣ, технологияи ягонаи иттилоотӣ ва системаи ягонаи худкори коркарди маълумотҳо, мониторинг ва интиқоли маълумотҳои ба салоҳияти Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ вогузоршуда ҷавобгӯ мебошанд, таҳия ва ҷорӣ менамояд.

29.Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2008 , № 2008 «Дар бораи баҳисобгирии муҳоҷирати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар ва бозгашти онҳо аз хориҷи кишвар» Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ ваколатдор карда шуда буд, ки баҳисобгирии муҳоҷирати берунаи шаҳрвандонро амалӣ созад. Намунаи ин варақа бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 622, аз 31.10.2009 тасдиқ шуда буд. Тавассути варақаҳои баҳисобгирии муҳоҷиратии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти шахсиро дар бораи шаҳрвандоне, ки кишварро тарк мекунанд (насаб, ном, номи падар, соли таваллуд, ҷинс, ҷойи зист), маълумот дар бораи маълумот ва касб, маълумот дар бораи ба кадом кишвар рафтан, мақсади сафар ва давомнокии исти онҳо дар кишвари таъинот ҷамъ намудан мумкин аст. Чунин корти муҳоҷиратиро бояд шахсоне, ки Тоҷикистонро бо мақсади сафарҳои хидматӣ ва ё тиҷоратӣ, барои хондан, кор ё вобаста ба кори шахсӣ тарк мекунанд, пур намоянд. Маълумоти ҷамъовардашуда танҳо бо мақсади маълумоти оморӣ аз ҷониби Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ истифода мешавад.

30. Аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо мақсади муайян намудани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ райъпурсӣ гузаронида мешавад. Чунин райъпурсӣ имкон медиҳад, ки дар бораи шумораи муҳоҷирони меҳнатии кишварро таркунанда дар ҳар як ноҳия бо нишон додани ҷинс, синну сол ва кишвари таъинот маълумот ҷамъ оварда шавад. То соли 2007 чунин тадқиқот аз ҷониби шӯъбаҳои Вазорати меҳнат гузаронида мешуд, аз соли 2007 инҷониб ҷамъоварии чунин маълумот аз ҷониби Хадамоти Муҳоҷирати ВКД бо дастгирии мақомоти маҳалии худидора – ҷамоатҳо амалӣ мешавад.

31. Ҳар сол Ҳукумати кишвар Барномаи корҳои омориро тасдиқ мекунад, ки дар он намуди маълумоти оморӣ, даврҳои он, бо истифодаи кадом воситаҳо (яъне намунаи варақаи муқаррааргардида), мӯҳлати пешниҳоди маълумоти омории гуногун муқаррар карда мешавад. Мутобиқи Барномаи кории омории барои соли 2009 Хадамоти Муҳоҷирати ВКД аз рӯи варақаи бо қонунгузорӣ муқаррааргардида ба Оҷонсии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоришҳои зерин пешниҳод мекунад:

- дар бораи шумора ва ҳайати шаҳрвандоне, ки барои кор ба хориҷи кишвар сафар мекунанд – ҳар ним сол;

- дар бораи ҳайати касбии шаҳрвандоне, ки барои кор ба хориҷи кишвар сафар мекунанд шаҳрвандоне, ки барои кор ба хориҷи кишвар сафар мекунанд – як маротиба дар як сол;

- дар бораи ҳайат ва шумораи қувваи кории хориҷӣ – ҳар ним сол.

32. Ӯҳдадориҳои вазифавии қӯшунҳои сарҳадии КДАМ дар соҳаи ҷамъ намудани маълумот, баҳисобгирӣ ва мубодилаи маълумоти муҳоҷиратӣ:

- қонунӣ будани баромадан ва ворид шудани шахсонро тавассути сарҳади давлатӣ назорат мекунад ;

- барои қайди шахсон ва баҳисобгирии маълумоти ҳақиқӣ ва омор ситемаҳои иттилоотиеро истифода мебаранд, ки ба қонун мухолифат намекунанд.

33. Дар рафти татбиқи фаъолият оид ба амалигардонии назорати иммигратсионӣ дар гузаргоҳҳо тавассути сарҳади давлатӣ Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии КДАМ ҳуҷҷатҳои роҳро тафтиш карда истода, бо шахсони сарҳадро убуркунанда сӯҳбат мегузаронанд ва дурустии мақсад ва нияти изҳор кардаи шахсони сарҳадро убуркунандаро муайян менамоянд. Баъдан ин маълумотҳо дар ҷамъ намудани маълумот дар бораи шумораи шахсони сарҳадро убуркунанда кӯмак мерасонанд.

Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии КДАМ дар ҷамъ намудани чунин маълумот ба Хадамоти Муҳоҷират кӯмак мерасонад. Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадии КДАМ аз шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ҳангоми ворид шудан ва берун шудан

корти муҳоҷиратӣ медиҳанд, ҳамчунин ҷамъи кортҳои баҳисобгирии муҳоҷирати берунаро барои шаҳрвандони Тоҷикистон таъмин менамояд.

34. Дар фаъолияти гузаргоҳҳои Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадӣ мавҷуд будани як қатор камбудиҳоро қайд намудан зарур аст, аз ҷумла дар қисми баррасии ҳуҷҷатҳои воридотӣ ва тарк намудани кишвар, ки ба тартиби иҷозат додани шаҳрвандон ва борҳо тавассути сарҳади давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ин камбудиҳо асосан бо набудани таҷҳизоти зарурӣ, системаи ягони таъминоти иттилоотӣ, сатҳи пасти омодагии касбии ҳайати шахсии гузаргоҳҳо алоқаманд мебошанд. Айни замон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии идораи сарҳадҳоро қабул намудааст, ки дар доираи он беҳтар намудани инфраструктураи гузаргоҳҳо, пешбинӣ шудааст, ки имкон медиҳад камбудиҳо ва хатогиҳо бартараф карда шаванд.

35. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ воситаҳои ҷамъ намудани маълумотҳои оморӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ дорад. Чунин санад барои додани раводиди меҳнатӣ ба иммигрантҳо мебошад ва ҳамаи онҳоеро, ки қонунӣ ба кишвар ворид мешаванд, фаро мегирад.

36. Ба ғайр аз сарчашмаҳои дар боло зикргардидаи ҷамъ намудани маълумоти оморӣ дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ воситаҳои дигари ҷамъ намудани чунин маълумот вуҷуд доранд, масалан, таҳқиқи қувваи корӣ ва таҳқиқи буҷети оила, ки аз ҷониби Оҷонсии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад, таҳқиқоти сатҳи зиндагонӣ дар Тоҷикистон, ки аз ҷониби Бонки умумиҷаҳонӣ гузаронида мешаванд, тадқиқоти махсуси марбут ба муҳоҷирати меҳнатӣ, ки аз ҷониби Ташкилоти Байналмилалии Муҳоҷират, Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат ва ташкилотҳои дигари байналмилалӣ дар давраи аз соли 2003 то инҷониб гузаронида шудаанд, ҳамчунин маълумотҳои Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.

37. Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалӣ бо мақсади ҳифз ва дастгирии ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва татбиқи муқарраროти Конвенсия фаъолона ҳамкорӣ менамояд. Тоҷикистон узви Ташкилоти байналмилалии меҳнат аз соли 1993 ва узви Ташкилоти байналмилалии муҳоҷират аз соли 1994 мебошад.

38. Якҷоя бо Ҳукумати кишвар ва мақомоти гуногуни ваколатдор ташкилотҳои байналмилалӣ фаъолияти худро дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар самтҳои зерин амалӣ мегардонанд:

- ***пурзӯр намудани имкониятҳо дар соҳаи идораи муҳоҷират.*** Ба ҳукумати кишвар барои гузаронидани ислоҳот дар соҳаи қонунгузорӣ ва сиёсат, пурзӯр намудани имконияти институтсионалии мақомоти дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ваколатдор дастгирӣ ва кӯмаки гуногуни техникӣ расонида мешавад. Масалан, аз соли 2009 сар карда

Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират якҷоя бо Бонки умумиҷаҳонӣ ба гурӯҳи кории хукуматӣ дар омода намудани Стратегияи миллии муҳоҷирати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 ва 2015 ва лоиҳаи Қонун «Дар бораи муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар» дастгирӣ менамоянд. Дар солҳои 2008 ва 2009 Ташкилоти байналмилалии меҳнат дар Тоҷикистон як қатор тадқиқоти бузург гузаронид, ки ба таҳлили қонунгузорӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, фаъолияти оҷонсиҳои шахсии шуғли аҳолӣ ва ҷамъ намудани маълумоти оморӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ равона гардида буданд. Дар солҳои 2009-2010 бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо ташкилоти фаронсавии АКТЕД як қатор семинару бозомӯзиҳо барои пурзӯр намудани иқтидори кадрии кормандони Хадамоти Муҳоҷирати ВКД гузаронид.

- ***Ҳифз ва дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо***. Аз соли 2004 бо дастгирии техникии чунин ташкилотҳо аз қабили САҲА, ТБМ дар Тоҷикистон дар базаи ташкилотҳои ғайридавлатӣ як қатор марказҳои иттлоотӣ барои муҳоҷирони мехнатӣ амал мекунанд. Ҳамчунин ташкилотҳои байналмилалӣ ба Тоҷикистон дар гузаронидани ислоҳот дар омӯзишгоҳои касбию техникӣ бо мақсади беҳтар намудани малакаҳои касбии муҳоҷирони меҳнатӣ кӯмаки техникӣ мерасонанд. Ислоҳот на танҳо ба масъалаи қонунгузорӣ ва сиёсат дахл дорад, кӯмаки техникӣ дар таҷҳизонидани ин омӯзишгоҳҳо бо мақсади он, ки муҳоҷирони меҳнатӣ тавонанд малакаи касбии зарурӣ, ки дар кишвари таъинот заруранд, гиранд.

  Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаи саломатии муҳоҷирони мехнатӣ фаъолона кор мебарад. Аз соли 2005 инҷониб дар Тоҷикистон маъракаи васеъ оид ба пешгирии бемориҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва пешгирии ВМНБ, аз ҷумла таълим додани волонтерҳо, ки маълумотро дар бораи ҳифзи саломатӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо паҳн мекунанд, гузаронида мешавад, китобчаҳо ройгон тақсим карда мешаванд, намоишҳои театрикунонидашуда намоиш дода мешаванд ва ғайра.

- ***Мубориза бар зидди фурӯши одамон***. Яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Намояндагиҳои ТБМ ва ТБМ дар Тоҷикистон дар давоми якчанд соли охир як қатор лоиҳаҳоро оид ба ислоҳоти қонунгузорӣ ва пурзӯрнамоии имконияти кормандони сохторҳои давлатӣ амалӣ мегардонанд.

- ***Интиқоли маблағҳо***. Бо эътирофи он, ки интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба оилаҳои камбизоат таъсири калон доранд, Тоҷикистон бо мақсади пурзӯр намудани иқтидори оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва

ҷомеаи шаҳрвандӣ барои рушди соҳибкории хурду миёна, махсусан дар деҳот, ҳамкорӣ менамояд.

39. Тоҷикистон саҳми ташкилотҳои ғайридавлатиро оид ба масъалаҳои дастгирӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ пазирой намуда, бо онҳо дар ин самт фаъолона ҳамкорӣ менамояд. Соҳои охир ташкилотҳои ғайридавлатӣ якҷоя бо мақомоти гуногуни давлатии ваколатдор фаъолиятро оид ба расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ, баланд бардоштани дониши касбии онҳо, маълумотнокии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо оид ба масъалаҳои гуногуни муҳоҷирати меҳнатӣ ва гузаронидани тадқиқот амалӣ мегардонанд. Соли 2009 хадамоти муҳоҷирати ВКД якҷоя бо як қатор ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ Шӯрои ҷамъиятӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатиро таъсис доданд. Дар назар аст, ки Шӯрои ҷамъиятӣ дар назди мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ амал мекунад ва ба ҳайати он коршиносони миллии гуногун, намояндагони ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва байналмилалӣ, ки оид ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ машғуланд, шомил мешаванд.

## Қисми II. Маълумот аз рӯи ҳар як моддаи Конвенсия

### Моддаи 1(1), 7. Роҳ надодан ба табъиз

51. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи санадҳои байналмилаливу ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон баробарҳуқуқиро яке аз принсипҳои асосии давлати демократӣ эълон менамояд. Моддаҳои 16,17 ва 35 Сарқонуни (Конститутсияи) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки ҳама дар назди қонун ва суд, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк баробаранд. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳо истифода мебаранд ва бо шаҳрвандони Тоҷикистон ӯҳдадорӣ ва масъулиятҳои баробар доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

52. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 5) принсипи баробарӣ дар назди қонунро муайян месозад, яъне шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, қатъи назар аз ҷинс, нажод, миллат, шахрвандӣ, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ, молу мулк, мансубият ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҷойи зист ва ҳолатҳои дигар .

53. Бо кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ барои намудҳои зерини ҷиноят, ки бо поймолкунии ҳуқуқ алоқаманд мебошанд, пешбинӣ шудаанд:

- моддаи 104 қисми 2 банди «м» - Одамкушӣ, яъне қасдан аз ҳаёт маҳрум сохтани одами дигар бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ ё интиқоми хунӣ ;
- моддаи 110 қисми 2 банди «м» - Қасдан ба саломатӣ расонидани зарари вазнин бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ , нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ **ё интиқом**;
- моддаи 111 қисми 2, банди «е» - Қасдан ба саломатӣ расонидани зарари миёна бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ , нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ **ё интиқом**;
- моддаи 117 қисми 2 банди «з» - Шиканҷа бо сабаби нафрат ё хусумати миллӣ, нажодӣ, динӣ, маҳалгароӣ ё интиқом[1];
- моддаи 143 - Вайрон кардани баробарҳуқуқии шаҳрвандон -Қасдан бевосита ё бавосита вайрон намудан ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо ё ин ки бевосита ё бавосита муқаррар намудани бартарии шаҳрвандон вобаста ба ҷинс, нажод, миллат, забон, баромади иҷтимоӣ, мавқеъи шахсӣ, молу мулкӣ ё мансабӣ, маҳалли истиқомат, муносибат бо дин, ақида, марбут будан ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд зарар расонидааст.
- Моддаи 149 - Ғайриқонунӣ маҳдуд кардани тағйири макон, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ кардан ва бозгаштани шаҳрванд ба он;
- Моддаи 189 - Барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ;
- Моддаи 243 қисми 2 банди «б» - Таҳқири ҷасади фавтидагон ва гӯри онҳо аз рӯи ҳиссиёти бадбинӣ ё хусумати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ;
- Моддаи 398 - Генотсид - Кирдорҳое, ки ба пурра ё қисман маҳв сохтани гурӯҳи миллӣ, этникӣ, нажодӣ ё динӣ бо роҳи пурра ё қисман қир кардани онҳо, зӯроварона монеъ шудан ба таваллуди кӯдак равона гардидаанд, ё аз як гурӯҳи одамон ба дигаре додани кӯдакон, расонидани зарари вазнин ба саломатии онҳо ё фароҳам овардани чунин шароити зиндагие, ки ба нобудкунии ҷисмонии аъзои ин гурӯҳ нигаронида шудаанд,

**Моддаи 83. Ҳуқуқу воситаҳои самарабахши ҳифзи ҳуқуқӣ**

54. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои ҳифзи ҳуқуқҳои ба ӯ мансуббудаи молу мулкӣ, оилавӣ ва ғайра

[1] Моддаи 117 ҳамчунин мафҳуми шиканҷаро медиҳад ва дар якҷоягӣ бо моддаҳои дигари Кодекси ҷиноятӣ барои истифодаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибати бад истифода шуда метавонад

ҳуқуқ доранд ба суд ва мақомоти дигари давлатӣ муроҷиат намоянд. Шаҳрвандони хориҷӣ дар суд дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқҳои мурофиавӣ истифода мебаранд.

55. Дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» аз 04.11.1995 қайд гардидааст, ки «Давлат ба ҳамаи ашхосе, ки дар қаламрави он зиндагӣ мекунанд, ҷойгир шудаанд, кафолат медиҳад, ки ёрии ҳуқуқӣ барояшон ба таври ройгон ва баробар дастрас гардад».

56. Мақомоти прокуратура дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар низоми давлатии Тоҷикистон нақши муҳим мебозанд. Вазифа ва самтҳои асосии фаъолияти прокуратура дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратура» қайд гардидаанд. Мақомоти прокуратура риояи ҳукуқ ва озодиҳои инсон ва шахрвандро аз ҷониби вазорат ва идораҳо, мақомоти маҳалии худидоракунӣ, мақомоти назоратӣ, шахсони мансабадори онҳо, ҳамчунин мақомоти идора ва роҳбарони ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ назорат мекунад. Дар баробари ин прокуратура ӯҳдадор аст иҷрои қонунҳо дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад, назорат барад.

57. Бо мақсади пурзӯр намудани кафолатҳои конститутсионии ҳифзи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мусоидат намудан ба риоя ва эҳтироми он аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ ва шахсони мансабдори онҳо, 20 марти соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон» қабул гардид ва Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

1. Вазифаҳои асосии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон мусоидат намудан ба:

а) риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

б) барқарор намудани ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон ва шаҳрванд;

в) такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

г) баланд бардоштани маърифатнокии шаҳрвандон оид ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шаклҳо ва воситаҳои ҳифзи он;

д) ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;

е) рушд ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон шикоятҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро нисбат ба қарор ё

амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоат), шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ, роҳбарон ва шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро вайрон кардаанд, баррасӣ менамояд, агар муроҷиаткунанда нисбат ба ин қарор ё амал (беамалӣ) ба тариқи судӣ ё маъмурӣ шикоят карда бошад, вале бо қарори оид ба шикояти ӯ қабулгардида розӣ набошад.

Ваколатдор оид ба хуқуқҳои инсон дорои ваколатҳои васеъ аст, аз ҷумла:

- бе монеа ба мақомоти гуногуни давлатӣ ва муассисаҳои ҷамъиятӣ ва ташкилот қатъи назар аз шакли моликият ташриф намояд;
- аз ташкилоти ба парванда дахлдор маълумотҳои зарурӣ, ҳуҷҷатҳо ва маводро талаб карда гирад;
- фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва шахсони мансабдорро оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон гузаронад;;
- аз роҳбарон ва шахсони мансабдор оид ба масъалаҳое, ки дар рафти баррасии шикоят муайян карда мешавад, баёнот гирад.

58. Ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ваколатдор муайян карда шудааст. Барои ин Ваколатдор бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсони Федератсияи Россия ва вилоятҳои Федератсияи Россия ҳамкорӣ менамояд. Ваколатдор ҳамчунин бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва донишкадаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи ҳифзи хуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳамчунин ҳифзи хуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар сурати риоя нагардидани онҳо ҳамкорӣ менамояд.

**Моддаи 84. Ӯҳдадории амалигардонии Конвенсия**

59. Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шартномаҳои байналмилалӣ асоси ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалиро ташкил медиҳанд, барои ҳимояи сулҳ ва амният, инкишофи ҳамкории байналмилалӣ, мутобиқи мақсад ва принсипҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид мусоидат менамоянд.»

60. Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳоеро, ки ба таъмини иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидаанд, меандешанд ва шахси мансабдор ва идораеро, ки назорати рафти иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯҳдаи онҳо гузошта мешаванд, муайян мекунанд.

61. Назорати умумии иҷрои шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла тарафи кишвари хориҷиро, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

62. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2002 № 79 Комиссия оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон таъсис ва амал мекунад. Вазифаи асосии Комиссия ин мусоидат намудан дар таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилаливу ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқи инсон мебошад. Комиссия вазифаҳои зеринро амалӣ мегардонад:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти манфиатдор оид ба татбиқи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон;
- таъмини омодагии гузоришҳои миллӣ дар бораи рафти иҷрои шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон баро пешниҳод ба мақоми дахлдори СММ;
- мусоидат намудан ба мутобиққунонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии он ба ҳисоб меравад;
- бо тартиби муқарраргардида мусоидат намудан ба тасдиқи шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ё шомилшавии ҷумҳурӣ ба чунин шартномаҳо;
- омӯзиш ва баҳогузории ҳолати қонунгузориии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми мутобиқатии он ба меъёрҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон;
- баҳогузории самаранокии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон;
- баррасии пешниҳодҳои мақомоти манфиатдор ва омода намудани хулосаҳои машваратӣ оид ба масъалаи ташаккули мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати мушкилоти истифодаи шартномаҳои байналмиаллӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон;
- кӯмак дар паҳн намудани маълумот дар бораи ҳуқуқи инсон;
- гузаронидани таҳқиқот, омода намудани пешниҳодҳо дар соҳаи истифода ва такмили минбаъдаи меъёрҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон;
- татбиқи алоқаи мутақобила ва ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва муассисаҳои дигари ғайридавлатии ҷумҳурӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон.

63. Комиссияи байниидоравӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷиратӣ мақоми махсуси ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия оид ба идораи равандҳои муҳоҷиратӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Комиссия вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:

- равандҳои муҳоҷиратиро таҳлил мекунад, аз ҷумла мушкилоти гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ, ки ба офатҳои табиӣ, ҷанг, низоъҳои байни қавмҳо ва низоъҳои дигари иҷтимоӣ алоқаманд мебошанд, вариантҳои алтернативии ҳалро баррасӣ ва пешниҳод менамояд;

- алоқаи мутақобиларо бо ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират амалӣ мегардонад;

- тавсияҳо оид ба такмили қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи муҳоҷират, аз ҷумла гурезагон ва муҳоҷирони маҷбурӣ таҳия менамояд;

- таҳияи лоиҳаи қонунҳо, лоиҳаи қарорҳои Маҷлиси Олӣ, Президент в Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба масъалаҳои муҳоҷират таъмин менамояд;

- оид ба ҷанбаҳои муайяни идораи равандҳои муҳоҷиратӣ семинарҳо ташкил менамояд;

- ҳолати таъмини амнияти равандҳои муҳоҷиратиро дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он, вазоратҳо, идораҳо баррасӣ менамояд ва кори онро баҳогузорӣ менамояд;

- қарорҳое қабул менамояд, ки ба иҷрои қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Тоҷикистон эътирофгардида, ки масъалаи муҳоҷиратро ба танзим медароранд, равона гардиданд;

- масъалаҳоеро, ки бо муҳоҷират алоқаманд аст, аз ҷумла мушкилоти гурезагон ва муҳоҷирони иҷбориро барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад.

64. Комиссияи байниидоравии мубориза бар зидди фурӯши одамон вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- асосҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи мубориза бар зидди фурӯши одамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияҳоеро, ки ба баландбардории самаранокии фаъолияти иҷро ва барҳам додани сабаб ва шароитҳои ба фурӯши одамон ва татбиқи фаъолияти марбут ба фурӯши одамон мусоидаткунанда равона гардидаанд, таҳия менамояд;

-дар бораи миқёс, ҳолат ва тамоюли фурӯши одамон маълумот ҷамъ менамояд, онҳоро таҳлил, ҷамъбаст ва мубодила менамояд;

- фаъолияти мақомоти манфиатдорро оид ба татбиқи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди фурӯши одамон ҳамоҳангсозӣ менамояд ва бо комиссияҳои назди хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои байналмиллаӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои кӯдак ҳамкорӣ менамояд;

- фаъолияти комиссияҳои ноҳиявиро ҳамоҳанг месозад, пешниҳодҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро оид ба таъсиси муассисаҳои махсус баррасӣ менамояд, ҳамчунин кори комиссияҳои ноҳиявиро ва муассисаҳои махсусро мутобиқи вазифаҳои ба онҳо гузошташуда назорат мекунад;

- дар омода намудани шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди фурӯши одамон ширкат меварзад, бо тартиби муқарраргардида дар тасдиқи санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди фурӯши одамон ва ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин санадҳо мусоидат мекунад;

- ҳолати қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми мутобиқатии он ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бар зидди фурӯши одамонро меомӯзад ва оиди такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди фурӯши одамон таклифҳо пешниҳод менамояд;

- бо мақсади баланд бардоштани маълумотнокии аҳолӣ оид ба мушкилоти фурӯши одамон маъракаҳои тарғиботиву ташвиқотӣ ташкил мекунад, аз ҷумла дар ВАО маълумот оид ба кори комиссия нашр мекунад, дар нашри маълумот оид ба мубориза бар зидди фурӯши одамон мусоидат менамояд, бо аҳолӣ вохӯриҳо мегузаронад, оид ба мубориза бар зидди фурӯши одамон ва ҳифзи ҷабрдидагон маълумот паҳн менамояд;

- самаранокии иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бар зидди одамфурӯшӣ баҳогузорӣ менамояд ва барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомотҳои мубориза бар зидди одамфурӯшӣ чораҳои амалӣ меандешад;

- ба мақомоти ваколатдори ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати ошкор намудан, огоҳии ҷиноятҳои муайян марбут ба одамфурӯшӣ ва таъсиси гурӯҳҳои тафтишотӣ-оперативӣ тавсияҳо пешниҳод менамояд;

- таклифҳои мақомоти манфиатдорро баррасӣ менамояд ва хулосаҳои машваратӣ оид ба масъалаи ташаккули мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати мушкилоти истифодаи санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза бар зидди одамфурӯшӣ омода месозад;

- таҳқиқот мегузаронад, пешниҳодҳоро дар соҳаи истифода ва такмили минбаъдаи санадҳои ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон омода месозад;

- алоқаи мутақобила ва ҳамкориро бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои дигари ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаи мубориза бар зидди одамфурӯшӣ амалӣ мегардонад;

- омодагии гузоришҳои миллиро дар бораи рафти иҷрои санадҳои байналмилалии ҳуқукӣ дар соҳаи мубориза бар зидди одамфурӯшӣ барои пешниҳод ба мақомоти дахлдори СММ, САҲА ва ташкилотҳои байналмилалии дигар таъмин менамояд.

**Қисми III Конвенсия**

**Қисми 3. Ҳуқуқҳои инсонии ҳама муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо**

**Моддаи 8. Ҳуқуқи берун рафтан ва баргаштан аз ҳудуди кадом давлате набошад, аз ҷумла давлати худ**

65. Мутобиқи моддаи 24 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванд ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он ҳақ дорад.

66. Ҳуқуқҳои дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон эълонгардидаи ҳар кас ба мусофират, интихоби озоди маҳалли иқомат ва зист дар меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шахрвандони хориҷӣ» ва як қатор санадҳои меъёрию хуқуқии дигар мустаҳкам карда шудаанд.

67. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарракардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як ҷо ба ҷои дигар раванд ва ҷои зистро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намоянд.

68. Шаҳрвандони хориҷӣ дар сурати мавҷуд будани раводиди воридшавӣ, ки аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатӣ ё муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа дода шудаанд, метавонанд вориди Ҷумҳурии Тоҷикистон шаванд.

69. Ба ҳар як шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, ки вориди Тоҷикистон мешаванд, ҳангоми татбиқи назорати сарҳадӣ дар гузаргоҳҳо тавассути сарҳади давлатӣ корти муҳоҷиратӣ дода мешавад. Ҳангоми ба нуқтаи таъинот дар ҳудуди Тоҷикистон ворид шудани шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд, дар корти муҳоҷиратӣ қайди (мӯҳри мудаввар ва имзои корманди масъул) мақомоти корҳои дохилӣ аз рӯи ҷойи исти муваққатӣ гузошта мешавад, ба истиснои аъзои вакилони расмии шаҳрвандони хориҷӣ, кормандони намояндагиҳои дипломатии кишварҳои

хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ҳамчунин мухбирони ВАО-и хориҷӣ, ки дар Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредидатсия шуданд[2].

**70.** Агар шаҳрвандони хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мӯҳлати беш аз шаш моҳ ворид шаванд, онҳо ба таври ҳатмӣ бояд дар мақомоти корҳои дохилӣ гувоҳномаи иқомат гиранд. Мӯҳлати гувоҳномаи иқомат бо тамдиди мӯҳлати раводиди воридотӣ ё беруншавӣ тамдид карда мешавад. Бе тамдид намудани мӯҳлати раводиди воридотӣ ва беруншавӣ мӯҳлати гувоҳномаи иқомат тамдид карда намешавад. Гувоҳномаи тамдидкардашудаи иқомат бе тамдиди мӯҳлати раводиди воридотӣ ё беруншавӣ беэътибор дониста мешавад.

**71.** Шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонун қарор доранд, истиқоматкунандагони муваққатӣ ҳисобида мешаванд. Онҳо ӯҳдадоранд, ки дар муддати 3 шабонарӯз аз рӯзи омаданашон бо тартиби муқарраргардида, шиносномаҳои хориҷӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои ивазкунандаи худро ба қайд гузоранд ва дар сурати гузаштани мӯҳлати муайяни иқомат Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк намоянд. Мутобиқи Низомнома дар бораи низоми шиносномавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 1997, №302 тасдиқ шудааст, шаҳрвандон вазифадор ҳастанд, ки аз рӯи ҷойи зисти доимӣ ва ё муваққатӣ аз қайд гузаранд. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Тоҷикистон доимӣ зиндагонӣ мекунанд, бояд аз рӯи ҷойи истиқомат ба қайд гирифта шаванд.

72. Шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ зиндагӣ мекунанд, метавонанд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарракардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як ҷо ба ҷои дигар раванд. Шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ зиндагӣ мекунанд ва мехоҳанд ҷойи зисти худро иваз намоянд ё муваққатан ба ҷойи дигар кӯчанд, бояд аз мақомоти корҳои дохилии ҷойи зист иҷозатнома гиранд. Ба ҷойҳое, ки барои ташрифи шахрвандони хориҷӣ манъ аст, омадан ва аз як ҷой ба ҷойи дигар рафтан, танҳо бо иҷозати мақомоти корҳои дохилӣ татбиқ шуда метавонад: ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо даъвати ташкилоти қабулкунанда ё намояндагиҳои доимии хориҷӣ - дар асоси мурoҷиати хаттии ин ташкилот ва намояндагиҳо, бо розигии пешакии мақомоти амният; шахсоне, ки бо корҳои шахсӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд, ё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ зиндагонӣ мекунанд – дар асоси аризаҳои шахсии онҳо. Ҷойҳое, ки барои ташрифи шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Иҷозат ба омадан ва истиқомати

---

[2] Низомнома дар бораи тартиби амалигардонии назорати иммигратсионӣ , ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №599 тасдиқ гардидааст.

шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар минтақаи сарҳадӣ аз ҷониби КДАМ, ВКХ Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз кишвар, дар давоми як рӯзи корӣ баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор бо хабардор намудани КДАМ дар давоми 24 соат дода мешавад. Тартиби ворид шудан ва истиқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои ташрифи манъ аст, аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Номгӯи ҳудудҳои зикргардида аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.
Вазорати корҳои дохилӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ, ки бо мақсади татбиқи сафарҳои хидматӣ, сайёҳӣ, шахсӣ, фаъолияти меҳнатӣ, барои хондан ба минтақаи сарҳадӣ ворид мешаванд, дар асоси аризаи вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, корхона, ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, намояндагони корхонаҳо ва ташкилоти хориҷии тиҷоратӣ, инчунин дар асоси аризаҳои шахсии шаҳрвандони хориҷӣ иҷозатнома медиҳад.
73. Масъалаи иқомати муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳудуди Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» ба танзим даровардa мешавад, ки дар он муқаррар карда шудааст: Аз ҷониби субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани фаъолияти оид ба таъминкунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷои кор дар хориҷа ва ҷалб намудани қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатномаи (литсензия) аз ҷониби мақоми ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон додашаванда, мутобиқи **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»** сурат мегирад. Коргарони муҳоҷир барои кор ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи раводиде, ки мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи намояндагиҳои дипломатӣ ё муассисаҳои консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа дода шудаанд, сафар менамоянд.

Раводид метавонад дар сурати пешниҳоди санадҳои тасдиққунандаи сабабҳои узрноки истифода набурдани он (беморӣ , ҳолатҳои фавқулодда ва ғайра) ва нигоҳ доштани ҷои кор, тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатии бо корфармо басташуда аз тарафи мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон тамдид карда шавад. Тартиби тамдид намудани раводид аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Коргарони муҳоҷири ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омада, бояд тибқи тартиби муқарраргардида дар мақомоти корҳои дохилӣ вобаста ба маҳалли истиқомати муваққатӣ дар асоси пешниҳоди хаттии мақомоти ваколатдор ба қайд гирифта шаванд. Коргарони муҳоҷир ва аъзои оилаи онҳо ҳуқуқи озодона тарк намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бозгашт ба онро доранд. Бо

гузашти мӯҳлати амали шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ коргарони муҳоҷир ва аъзои оилаи онҳо вазифадоранд, ки давлати ҷои корро тарк намоянд.

**Моддаҳои 9,10. ҳуқуқ ба ҳаёт; манъ намудани шиканҷа; манъ намудани муносибати ғайриинсонӣ ва муносибате, ки шарафи инсониро таҳқир мекунад**

74. Мутобиқи моддаи 18 Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳар кас ҳаққи зиндагӣ кардан дорад. Ҳеҷ кас аз ҳаёт маҳрум карда намешавад, ба истиснои ҳукми суд барои ҷинояти махсусан вазнин».

75. Ба он нигоҳ накарда, ки бо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин намуди ҷазо, ба монанди «ҳукми қатл» пешбинӣ шудааст, 15 майи соли 2004 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздоштани татбиқи ҷазои қатл»-ро ба имзо расонд, ки мувофиқи он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъин ва истифодаи ҳукми қатл мораторий эълон карда мешавад. Соли 2005 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моддаи 58[1], пурра карда шуд, ки дар он омадааст: Якумра аз озодӣ маҳрум сохтан танҳо ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки ҳамин Кодекс пешбинӣ намудааст, таъин карда мешавад.

76. 8 апрели соли 2010 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ оид ба омӯзиши ҷанбаи иҷтимоию ҳуқуқии имконияти манъи ҳукми қатл дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод. Ба гурӯҳи корӣ вазир ва муовинони вазирони вазорату идораҳои гуногун, ҳамчунин намояндагони Суди Олӣ, прокуратураи генералӣ ва Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон шомил ҳастанд.

77. Дар Тоҷикистон базаи зарурии қонунгузориву ҳуқуқӣ оид ба мубориза бурдан бар зидди шиканҷа ва муносибати дигари бад ташаккул дода шуд. Қисми 2 моддаи 18 Конститутсия (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, ки «масунияти шахс аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Ягон кас набояд ба азобу шиканҷа, муносибати бераҳмона ва ғайриинсонӣ гирифтор шавад. Озмоишҳои маҷбурии тиббӣ ва илмӣ нисбати инсон манъ ҳаст».

78. Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1 апрели соли 2010 эътибор дорад, дар моддаҳои 12 ва 88 омадааст, ки далелҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, беэътибор дониста, барои айбдоркунӣ асос шуда наметавонанд,

79. Мутобиқи моддаи 10 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкумшударо азобу шиканҷа додан ё нисбат ба ӯ муносибати бераҳмона ва ё

ғайриинсонӣ кардан ё шаъну эътибори ӯро паст задан, таҳти тадқиқоти тиббӣ ё дигар таҳқиқоти илмӣ, ки метавонад ҳаёт ва саломатии ӯро таҳти хатар гузорад, ҳатто бо розигии ӯ қарор додан қатъиян манъ аст.

80. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи зидди азобу шиканҷа ва муносибат ва ҷазои дигари бераҳмона, ғайриинсонӣ ё шаъну эътиборро пастзананда 21 соли 2004 шомил шуда, 21 июли соли 2004 онро тасдиқ намуд ва 10 феврали соли 1995 он эътибор пайдо намуд.

81. Соли 2006 Тоҷикистон гузориши аввалро дар бораи рафти татбиқи Конвенсия бар зидди азобу шиканҷаро (CAT/C/TJK/1) пешниҳод намуд. Моҳи сентябри соли 2010 Тоҷикистон гузориши дуюми давриро оид ба рафти иҷрои Конвенсия бар зидди азобу шиканҷа ва ҳамчунин иҷрои тавсияҳои Кумита бар зидди азобу шиканҷа (CAT/C/TJK/CO/1)-ро ирсол намуд.

**Моддаҳои 11. Манъи ғуломӣ ва меҳнати иҷборӣ**

82. Мутобиқи моддаи 35 Конситутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳеҷ касс ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст». Меъёри мазкури Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои дигар, аз ҷумла Кодексҳои меҳнат ва ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ надодан ба ғуломӣ, фурӯши ғуломон, тобеъи касе буданро кафолат медиҳанд, ҳамчунин амалҳоеро, ки санадҳои меъёриву ҳуқуқии дар боло зикргардидаро вайрон мекунанд, манъ менамоянд.

Дар давоми шаш моҳи соли 2010 аз рӯи моддаи 130 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (одамрабоӣ) 7 далел, аз рӯи моддаи 167 (хариду фурӯши ноболиғон) 6 далел ошкор гардид.

83. Моҳи июли соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон » қабул гардид. Мақсади Қонуни мазкур аз инҳо иборат аст:

- амалӣ намудани ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон ва паст намудани хатари ба хариду фурӯши одамон дучор гардидани шахсон, ҳамчунин барқарорсозии ҷисмонӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шахсоне, ки аз хариду фурӯши одамон ҷабр дидаанд.

84. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4.01. 2005 №5 Комиссияи байниидоравӣ оид ба мубориза бар зидди одамфурӯшӣ таъсис дода шуд, ки мақоми доимоамалкунанда, машваратӣ, байниидоравӣ буда, бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идора ва мақомоти маҳаллии иҷроияи

ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо оид ба татбиқи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бар зидди одамфурӯшӣ ба ҳисоб меравад. Ба ҳайати комиссияи мазкур роҳбарони зерин дохил шудаанд: Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати меҳнат, Вазорати корҳои хориҷӣ, муассисаҳои хориҷии он, Вазорати маориф, Вазорати тандурустӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе.

85. Вобаста ба шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи СММ зидди ҷинояти муташаккили трансмиллӣ ва ду Протоколи иловагии он марбут ба одамфурӯшӣ, махсусан занон ва кӯдакон, бар зидди ворид намудани муҳоҷирон тавассути роҳи хушкӣ, роҳҳои баҳрӣ ва ҳавоӣ моҳи декабри соли 2000 ва тасдиқи он 29 майи соли 2002, меъёрҳои он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шуданд.

Моддаи 130 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро барои одамрабоӣ пешбинӣ менамояд, ки мутобиқи он одамрабоӣ, яъне пинҳонӣ, ошкоро, бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ ё бо истифодаи зӯроварӣ, ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, зиддиҳуқуқӣ ба даст овардани шахс бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз 5 то 8 сол ҷазо дода мешавад. Ҳамин кирдор, агар: а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ: б) такроран ё аз ҷониби шахсе, ки қаблан ҷинояти пешбининамудаи моддаҳои 130[1]; 131 ва 181 ҳамин Кодексро содир кардааст; в) бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ; г) бо истифодаи яроқ ё предмете, ки ба сифати яроқ истифода мешавад; д) нисбати шахси баръало ноболиғ; е) нисбати зане, ки гунаҳгор баръало аз ҳомиладор будани ӯ огоҳ буд; ж) нисбати ду ё зиёда шахсон; з) бо ғарази шахсӣ содир шудааст, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол ҷазо дода мешавад. 3) Кирдорҳое, ки дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар онҳо а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; б) бо мақсади шаҳвонӣ ё усули дигар истисмор намудани шахси дуздидашуда; в) бо мақсади гирифтани аъзои бадан ё бофтаҳои ҷабрдида барои трансплантатсия; г) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок: д) аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё дигар оқибатҳои вазнин гашта бошад, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз дувоздаҳ то бист сол ҷазо дода мешавад.

Моддаи 130 (1) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – одамрабоӣ - Хариду фурӯши одамон, яъне бо мақсади сӯиистифода (сӯиистифодаи фоҳишагарии дигар шахсон ё дигар шакли сӯиистифодаи шаҳвоният, кор ё хизматрасонии маҷбурӣ, ғуломӣ ё расму одатҳои ба ғуломӣ ҳамшабеҳ, ҳолати ноилоҷӣ ё гирифтани узв ва (ё) бофта) - ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ ё гирифтани одамон бо роҳи

таҳдиди зӯрӣ ё истифодаи он ё дигар шаклҳои маҷбурсозӣ, дуздӣ, қаллобӣ, фиреб, сӯиистифодаи мансаб ё ҳолати заифӣ, ё бо роҳи ришва додан дар шакли пардохт ё фоида барои гирифтани розигии шахсе, ки дигар шахсро назорат мекунад,содир шуда бошад,- бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

2) Кирдорҳое, ки дар қисми якуми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар: а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; в) нисбати ду ё зиёда шахс; г) бо истифодаи зурӣ ё таҳдиди истифодаи он; д) бо мақсади аз ҷабрдида гирифтани узв ё бофтаҳои бадан барои трансплантатсия; е) аз тарафи шахси мансабдор ё намояндаи ҳокимият бо истифодаи вазифаҳои хизматӣ, ё дигар шахсе, ки дар ташкилотҳои тиҷоратӣ, ё дигар ташкилотҳо вазифаи идоракуниро иҷро мекунад; ё) бо ҷойивазкунии ҷабрдида таввасути сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шуда бошад- бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз  ҳашт то дувоздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳое, ки дар қисмҳои якум ва дуюми  ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар:  а) боиси марги ҷабрдидаи хариду фурӯши одамон ва ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад; б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; в) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир шуда бошад, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз  дувоздаҳ то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳоро оид ба назорати иҷрои қонунгузорӣ оид ба муҳоҷират, мубориза бар зидии муҳоҷирати ғайриқонунӣ анҷом додаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ВАО бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳо дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ мунтазам мақолаҳо оид ба ҳаёт ва фаъолияти муҳоҷирони меҳнатӣ, дар бораи далелҳои риоя нагардидани ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо, дар бораи аз ҷониби онҳо риоя нагардидани қонун нашр карда мешаванд. Дар бораи он, ки шаҳрванд ҳангоми ба кор рафтан берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ чиро бояд донад, тавсияҳо дода мешаванд, аз рӯи ин мавзӯъ китобчаҳо нашр мегарданд.

Он нашрҳое, ки ба тарафҳои ҳуқуқии фаъолияти муҳоҷирон бахшида шудаанд, аз ҷониби прокуратураҳои дахлдори минтақавӣ тафтиш карда ва чораҳои махсус аз ҷониби мақомоти прокуратура андешида мешаванд.

Чунончӣ, аз рӯи натиҷаҳои тафтиши мақолаи «Мо ғулом не, ғуломон мо не» ва «Ман намедонам, кӣ ҳақ аст», ки моҳи марти соли 2009 дар рӯзномаи «Asia Plus» нашр гардид, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати ҷамъияти масъулияташ пӯшидаи «Рустам» Аҳмадҷонов Р., ки тавассути қаллобӣ ба

Федератсияи Россия 36 нафар шаҳрванди ҷумҳуриро равон карда, онҳоро ҳамчун ғулом истифода мебарад, парвандаи ҷиноӣ оғоз намуд. Парвандаи мазкур бо таҳқиқот анҷом расид ва ба суд фиристонида шуд. Аҳмадҷонов Р. маҳкум карда шуд.

Диққати махсус ҳамчунин ба масъалаҳои ҳалли саривақтии қонунии шикоят ва аризаҳои шаҳрвандон, ки аз амалиётҳои ҷиноии шахсони алоҳида зарар дидаанд, дода мешавад.

Чунончӣ, парвандаҳои ҷиноӣ нисбати ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Восток фарм» Муҳиддинова Салима Аббосовна оғоз гардид, ки бо роҳи фиреб, яъне ваъдаи таъмин намудан бо кори арзанда дар ҳудуди Федератсияи Россия гурӯҳи шахсонро, аз ҷумла Олимов К., Саидмуродов О., Хушвахтов Т., ва дигаронро (беш аз 100 нафарро) ба Федератсияи Россия мебарад. Дар ҳудуди Федератсияи Россия Муҳиддинова онҳоро бо нархи 500-700 долларӣ барои ҳар як нафар ба шахси дигар мефурӯшад. Ин одамонро ҳамчун ғулом дар кони санги Федератсияи Россия истифода мебаранд.

Муҳитдинова ҳамчунин бо роҳи забон як кардан бо шаҳрванд Шарипов Саидбурҳон, аз ҳар узви ин гурӯҳ 100-150 долларӣ ҷамъ карда, ваъда додааст, ки ба онҳо Шаҳодатномаи тахассусӣ медиҳад. Лекин ягон шаходатнома ба онҳо надода, маблағи ҷамъкардаро барои эҳтиёҷоти худ сарф намудааст.

Ба ғайр аз ин, барои маблағгузории сафар ба Федератсияи Россия қарзҳои кӯтоҳмуддати бонкӣ барои ҳар як узви гурӯҳ тайёр намуда, бо ин таваккал кардааст.

Қайд кардан зарур аст, ки Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Восток Фарм» танҳо як созишнома дар бораи ҳамкорӣ бо ширкати «Мигрант-ЧС»-и Федератсияи Россия доштааст ва танҳо бо ин ширкат ӯ метавонистаст ҳамкорӣ намояд.

Ба шароити ғуломонаи меҳнатӣ тоқат накарда, баъзе муҳоҷирон маҷбур шудаанд, ки гурезанд, баъзеҳо бемор шудаанд, баъзеҳо ба Тоҷикистон баргашта, ба мақомоти прокуратура нисбати директори Чамъияти масъулияташ маҳдуди «Востак Фарм» шикоят пешниҳод намуданд. Нисбати Муҳитдинова С.А., парвандаи ҷиноӣ аз рӯи моддаҳои $130^1$ қ.2 бандҳои «б», «в» ва «ё» ва 247 қ.4 б. «б» Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.

Ҳамчунин бо хоҳиши Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ташкилоти байналмилалии муҳҷират ба бозгашти аъзои боқимондаи ин гурӯҳ ба ватан мусоидат намуд.

Ё ин ки аризаи гурӯҳии кормандони шӯъбаи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Поти АС»-ро баррасӣ намуда, муқаррар карда шуд, ки директори генералии ин ҷамъият Хириев М.М., ва писари ӯ, директори шӯъбаи ин ҷамъият Хириев Г.М., ба боварии 60 корманди ин шӯъба даромада, аз ҳисоби шахсиашон онҳоро ба Федератсияи

Россия фиристониданд ва онҳоро ҳамчун ғулом истифода бурданд, то ҳол нисфи музди меҳнати онҳоро пардохт нанамудаанд.

Шахсони зикргардида дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон низ кормандони шӯъбаи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Поти АС»-ро фиреб додаанд. То айни замон қарзи ҷамъият аз рӯи музди меҳнат беш аз 1,014 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки беш аз шаш моҳ пардохт карда намешавад.

Аз рӯи далели мазкур нисбати директори генералии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Поти АС» Хириев М.М., ва писари ӯ, директори шӯъбаи ҷамъият Хириев Г.М., парвандаи ҷиноӣ аз рӯи моддаи 130[1] ва 132 қ. 3 б. «б» оғоз гардида ва барои истеҳсоли тафтишоти пешакӣ ба прокуратураи вилояти Хатлон фиристонида шудааст.

Моддаи 131 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ -1) Ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ, ки ба одамрабоӣ ё ғасби гаравгон алоқаманд намебошад,- бо маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то се сол, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар: а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; б) такроран ё аз ҷониби шахсе, ки қаблан ҷинояти пешбининамудаи моддаҳои 130, 130[1], ва 181 ҳамин Кодексро содир кардааст; в) ба истифодаи усули барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок; г) ба истифодаи яроқ ё предмете, ки ба сифати яроқ истифода мешавад; д) нисбати шахси баръало ноболиғ; е) нисбати зане, ки гунаҳгор баръало аз ҳомиладор будани ӯ огоҳ буд; ж) нисбати ду ё зиёда шахсон содир шудааст,- з) хориҷ карда шудааст; бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдори дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишуда, агар: а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; б) бо мақсади шаҳвонӣ ё усули дигар истисмор намудани шахси ғайриқонунӣ аз озодӣ маҳрумшуда; в) аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида ё дигар оқибатҳои вазнин гашта бошад-, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад.

Моддаи 132. Ҷалби одамон барои истисмор - Ҷалби одамон бо мақсади шаҳвонӣ ё бо тарзи дигар истисмор намудани онҳо,- бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамон мӯҳлат ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар: а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; б) нисбати шахси баръало ноболиғ; в) такроран содир шуда бошад, - бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазор то як ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳдуд кардан аз озодӣ ба мӯҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.

3) Кирдоре, ки дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар онҳо: а) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; б) бо мақсади аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бурдани чунин шахсон; в) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир шуда бошад,- бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то дувоздаҳ сол ҷазо дода мешавад.

Моддаи 167 - Хариду фурӯши ноболиғон 1) Хариду фурӯши ноболиғон, яъне хариду фурӯши шахси баръало ноболиғ новобаста аз намуд ва шаклҳои маҷбурсозӣ, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

2) Кирдорҳое, ки дар қисми якуми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар: а) такроран; б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; в) нисбати ду ё зиёда ноболиғ; г) бо истифодаи зӯрӣ ё таҳдиди истифодаи он; д) бо мақсади аз ҷабрдида гирифтани узв ё бофтаҳои банд барои трансплантатсия; е) аз тарафи шахси мансабдор ё намояндаи ҳокимият бо истифодаи вазифаҳои мансабӣ, ё дигар шахсе, ки дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо вазифаи идоракуниро иҷро мекунад; ё) бо ҷойивазкунии ҷабрдида тавассти сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир шуда бошад: - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳое, ки дар қисми якум ва дуюми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, агар: а) боиси марги ҷабрдидаи хариду фурӯши ноболиғон ва ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад; б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил; в) дар ҳолати ретсидиви махсусан хавфнок содир шуда бошад, - бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз дувоздаҳ то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: Шахсе,ки кирдорҳои дар қисмҳои якуми ва дуюми ҳамин модда пешбинишударо содир карда бошад, агар ихтиёран ба мақомоти дахлдор хабар дода, ҷабрдида хариду фурӯши одамонро озод карда бошад, ба шарте дар кирдорҳои ӯ таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад».

86. 22 декабри соли 2009 Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи кори Шӯрои ҷумҳуриявии методиро оид ба маълумоти ҳуқуқӣ ва тарбияи шаҳрвандон барои соли 2010 тасдиқ намуд, ки дар банди 4 чорабиниҳо оид ба омӯзиши усулҳои пешгирии одамфурӯшӣ, махсусан фурӯши занон ва духтарон пешбинӣ шудааст. ба ҳайати Шӯро вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (раиси Шӯро), вазири Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси суди олии иқтисодӣ, раиси Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси кумитаи

радио ва телевизиони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил ҳастанд.

87. Барои солҳои 2005-2010 Нақшаи миллии амалиёти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди одамфурӯшӣ таҳия гардид, ки чораҳои муташаккил ва ҳуқуқӣ оид ба офияти равонӣ ва иҷтимоии ҷабрдидагони ба хариду фурӯш дучоргардида ва муқаррароти дигар, ки аз санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ аз рӯи мушкилоти мазкур бармеоянд, дар бар мегиранд.

88. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.05.2006, № 213 Барномаи комплексии мубориза бар зидди одамфурӯшӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 тасдиқ гардидааст.

89. Дар алоқаи мутақобила бо Ташкилоти байналмилалии муҳоҷират барномаи такмили базаи қонунгузорӣ барои гузаронидани тафтишоти самарнок ва пешниҳоди ҳукм аз рӯи ҷиноятҳои бо одамфурӯшӣ ва ҳифзи ҷабрдидагон алоқаманд татбиқ мегардад. Ба барномаи махсус ҳамчунин таҳияи сохтор оид ба таълими кормандони ҳифзи ҳуқуқ оид ба гузаронидани тафтишот ва пешгирии ҷиноят марбут ба одамфурӯшӣ дохил мешаванд.

90. Дар доираи ҳамкории дутарафа бо Аморати Муттаҳиддаи Араб, чораҳо оид ба таъсиси базаи ҳуқуқӣ дар соҳаи мубориза ба муқобили одамфурӯшӣ андешида шудаанд. Бо мақсади дар амал татбиқ намудани Созишнома Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Дубай кушода шудааст.

91. Мувофиқи маълумоти Маркази иттилоотии Вазорати корҳои дохилӣ аз рӯи моддаҳои зикргардида ба ҷавобгарии ҷиноӣ ҷалб гардиданд:

| Моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ | ҳамагӣ | 2007 | 2008 | 2009 | 6 моҳи соли 2010 |
|---|---|---|---|---|---|
| Моддаи 130 –Одамрабоӣ | 25 | 7 | 7 | 9 | 2 |
| Моддаи $130^1$ – хариду фурӯши одамон | 4 | | | 1 | 3 |
| Моддаи 131 – Ғайриқонунӣ маҳрум кардан аз озодӣ | 35 | 16 | 11 | 7 | 1 |
| Моддаи 132. Ҷалби одамон барои истисмор | 21 | 13 | 6 | - | 2 |
| Моддаи 167. Хариду фурӯши ноболиғон | 41 | 17 | 10 | 9 | 5 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| Ҳамагӣ: | 126 | 53 | 34 | 26 | 13 |

92. Дар сохтори Вазорати меҳнат зершӯъбаҳои махсус оид ба ҳифзи гурӯҳи эҳтиёҷманди аҳолӣ таъсис дода шудааст, ки дар он Раёсати ҳифзи иҷтимоӣ бо вазифаҳои татбиқи чораҳо оид ба ҳифзи иҷтимоӣ дар маҳал таъсис дода шудааст. Вазифаҳои шӯъбаи хидматрасонии иҷтимоӣ ва масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии оила ва кӯдак, ки дар Дастгоҳи марказии вазорат таъсис дода шудааст, иборат аст аз:

- таҳияи сиёсат оид ба ҳифзи иҷтимоии оила ва кӯдакони ба дастгирӣ эҳтиёҷманд;
- таҳияи механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ дар соҳаи ташкили хидматрасонии иҷтимоӣ;
- ҳамгироии кӯдакон дар ҷомеа ва пешгирии ҳодисаҳои истисмори онҳо.

Шӯъба ҳамчунин мониторинги фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматиро марбут ба сифати пешниҳоди хидматрасонии иҷтимоӣ мегузаронад.

93. Маркази таълимии судяҳои назди Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ташкилоти байналмилалии муҳоҷират ҷиҳати баланд бардоштани маълумотнокии судяҳо оид ба мушкилоти мубориза бар зидди одамфурӯшӣ, шиносоӣ бо санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба мубориза бар зидди фурӯши одамон ва хусусиятҳои баррасии парвандаҳои ин гурӯҳ модулро таҳия намуда, ҳар моҳ дар курсҳои такмили ихтисоси судяҳо дар давраи солҳои 2006 -2007 семинарҳои дурӯза мегузаронад, ки аз рӯи натиҷаҳои он тавсияҳо оид ба мубориза бар зидди одамфурӯшӣ таҳия гардиданд. Айни замон дар назди маркази таълимии Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон машғулиятҳои дуҳафтаина оид ба қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ мегузаранд, ки яке аз мавзӯъҳои он «Мубориза бар зидди одамфурӯшӣ» мебошад.

94. Дар қонунгузории меҳнат омадааст, ки ҳамаи шаҳрвандон имкониятҳои баробар дар соҳаи ҳуқуқвайронкуниҳои меҳнат доранд. Ҳама гуна ҷудокуниҳо, роҳ надодан ё афзалият, рад намудан дар қабул ба кор аз рӯи мансубияти миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ, миллат, ҷойи зист ва мавқеи иҷтимоӣ, ки ба вайроншавии имкониятҳои баробар дар соҳаи меҳнат оварда мерасонанд, манъ аст.

95. Барои ба танзим даровардани алоқаҳои мутақобила бо шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ» қабул гардид, ки дар он меъёрҳое омадаанд, ки мувофиқи онҳо шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, метавонанд дар корхонаҳо, муассисаҳо ва

ташкилотҳо ба сифати коргар кор кунанд ё дар асос ва бо тартиби барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шаванд, ҳуқуқпоймолкунӣ вобаста ба пардохти музди меҳнат ва як қатор муқаррароти дигар манъ аст.

96. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин меҳнати маҷбуриро (моддаи 8) манъ мекунад, аммо дар баробари ин мутобиқи моддаи мазкур чунин корҳо меҳнати маҷбурӣ намебошанд:

1) корҳое, ки иҷрои онҳо мутобиқи қонун оид ба хизмати ҳарбӣ талаб карда мешавад; корҳое, ки иҷрои онҳо дар шароти ҳолатҳои фавқулодда, ҳангоми таҳти хатар будани ҳаёт, амнияти шахсӣ ва ё саломатии аҳолӣ талаб карда мешавад; корҳое, ки дар натиҷаи эътибор пайдо намудани ҳукми суд талаб карда, таҳти назорати мақомоти давлатӣ, ки масъули назорати қонуният ҳангоми иҷрои ҳукми суд мебошанд, иҷро карда мешаванд мутобиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1998 ва Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2001. Дар ин сурат кормандро ба ихтиёри шахси алоҳида, ширкатҳои хусусӣ гузоштан мумкин нест.

**Моддаҳои 12, 13, 26. Озодандешӣ ва озодбаёнӣ; озодии афкор, виҷдон ва дин; ҳуқуқи аъзо шудан ба иттифоқҳои касаба**

97. Мутобиқи моддаи 30 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва васитаҳои дигар ахбори омма», «Дар бораи телевизион ва радио» ҳуқуқҳои ҳар як шаҳрвандро ба изҳори озоди фикр, озодии ҷустуҷӯ намудан, гирифтан ва паҳн намудани маълумотро кафолат ва ҳифз менамояд.

98. Бо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо барои рад карда барои додани маълумот ба шаҳрванд (моддаи 148) ва монеъ шудан ба фаъолияти қонунии касбии журналистон (моддаи 162) пешбинӣ шудааст.

99. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва воситаҳои дигари ахбори омма» омадааст, ки ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ ҳуқуқ дорад фикру ақидаашро озодона баён кунад, онҳоро дар ҳар шакл дар матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма интишор намояд (моддаи 2). Сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст (моддаи 30 Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи матбуот ва воситаҳои дигари ахбори омма»). Воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба забони давлатӣ ва ба забонҳои дигар тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон амалӣ менамоянд (моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва воситаҳои дигари ахбори омма»). Мутобиқи моддаи 5 Қонуни мазкур Ташкилотҳои давлатию сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ҳаракатҳо ва шахсони мансабдор вазифадоранд, ки ба воситаҳои ахбори омма маълумоти заруриро диҳанд.

100. Бо мақсади баландбардории шаффофият ва ошкорбаёнии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва осон намудани дастрасӣ ба маълумот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005 № АП -1677 «Дар бораи ташкил ва гузаронидани нишасти матбуотӣ дар вазоратҳо, идораҳо, ташкилотҳо, мактабҳои олӣ, ВМКБ, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ» аз рӯи натиҷаҳои ҳар се моҳ нишасти матбуотӣ бо иштироки ҳамаи шасхони манфиадори ВАО ташкил карда мешавад.

101. Барои таъмини имконияти муроҷиати бевосита ба Президенти ҷумҳурӣ соли 2005 дар шабакаи Интернет сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - **www.president.tj** кушода шуд.

102. Бо мақсади мустаҳкам намудани интизоми иҷро, баланд бардоштани нақши ВАО дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷомеа Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 феврали соли 2009, таҳти № 622 «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводи танқидӣ ва таҳлилӣ дар ВАО» ба тасвиб расид. Мутобиқи фармони мазкур роҳбарони вазорату идораҳо, корхонаву ташкилотҳо, мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ӯҳдадор ҳастанд, ки чораҳои аниқ оид ба вокуниш ба эроду таклифҳои танқидӣ, ки дар ВАО ифода мeёбанд, андешанд.

103. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқии танзими муносибатҳоеро, ки бо татбиқи озодии фикр, виҷдон ва дин алоқамандананд, ба вуҷуд меорад. Дар моддаи 1 Конситутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ ба ҳисоб меравад. Мустаҳкамкуниии ин муқаррарот маънои онро дорад, ки мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба сифати мафкураи давлатӣ эътироф шавад (моддаи 8 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар моддаи 26 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «ҳар кас ҳақ дорад муносибати худро нисбат ба дин мустақилона муайян намояд, алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон динеро пайравӣ намояд ва ё пайравӣ накунад, дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд.» Шахс ҳангоми муайян кардани муносибати худ ба дин, ба пайравӣ ё дасткашӣ аз пайравӣ ба дин, ба иштирок кардан ё накардан дар ибодати динӣ, дигар расму оин ва маросимҳои динӣ, дар фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ ва дар таълими дин маҷбур карда намешавад.Амалигардонии ҳуқуқ ба озодии виҷдон танҳо то дараҷае маҳдуд карда мешавад, ки барои ҳифзи

амнияти ҷамъиятӣ ва тартиб, саломатӣ ва ахлоқ, ҳамчунин ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони дигар, ки бо қонунгузорӣ муқаррар шудаанд ва бо меъёрҳои ҳуқуқию байналмилалӣ мувофиқат мекунанд, зарур мебошанд

104. Татбиқи минбаъдаи ин ҳуқуқ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» аз 29 марти соли 2009 мустаҳкам гардидааст: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, аз ҷумла ҳуқуқи ба танҳоӣ ва ё ҳамроҳи дигарон пайравӣ кардан ба ҳар гуна дин ё пайравӣ накардан ба ягон дин, ба таври озод интихоб, паҳн намудан ва дигар кардани ҳама гуна эътиқоди динӣ ва эътиқодҳои дигар, инчунин мутобиқи онҳо амал кардан кафолат дода мешавад». Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар адои маросимҳои динӣ иштирок карда метавонанд.

105. Мутобиқи моддаҳои 8 ва 17 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ба шаҳрвандон қатъи назар аз муносибати онҳо ба дин дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти гражданӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ баробарҳуқуқӣ кафолат дода мешавад. Ҳама гуна маҳдудияти бевосита ва бавоситаи ҳуқуқ ва муқаррарсозии ҳама гуна афзалиятҳои шаҳрвандон вобаста ба муносибати онҳо ба дин, ҳамчунин барангехтани душманӣ ва бадбинӣ ё таҳқири ҳисси шаҳрвандон боиси ба ҷавобгарӣ кашидан мутобиқи қонун мегардад.

Давлат ба барқарорсозии муносибатҳои тоқатпазир ва ҳурмату эҳтироми байни шаҳрвандон, ки пайрави динҳои гуногун ё пайрави ягон дин нестанд, байни ташкилотҳои динии гуногун, ҳамчунин байни пайравони онҳо мусоидат мекунад, таассуби динӣ ва экстремизмро пешгирӣ менамояд.

106. Шумораи умумии ташкилотҳо ва муассисаҳои таълимии динӣ:

| № | Маҳалли ҷойгиршавӣ | Масҷидҳо | Масҷидҳои панҷкарата | Ҷойҳои ҷамъиятӣ | Муассисаҳои таълимӣ | Ташкилотҳои ғайриисломӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Душанбе | 17 | 12 | - | 3 | 37 |
| 2 | Ноҳияҳои тобеи марказ | 79 | 811 | - | 5 | 12 |
| 3 | Вилояти Хатлон | 75 | 1241 | - | 3 | 15 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 4 | Вилояти Суғд | 82 | 720 | - | 9 | 22 |
| 5 | ВМКБ | 5 | - | 75 | - | - |
| 6 | Ҳамагӣ | 258 | 2784 | 75 | 20 | 86 |

107. Давлат ба ташкилотҳои динӣ иҷрои ягон вазифаҳои давлатиро вогузор намекунад. Давлат фаъолияти ташкилотҳои динӣ ё фаъолият оид ба тарғиби атеизмро маблағгузорӣ намекунад. Ташкилотҳои динӣ ҳуқуқ доранд дар ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок намоянд, ҳамчунин дар баробари иттиҳодияҳои ҷамиятӣ ВАО-ро истифода баранд. Хизматчиёни ташкилотҳои динӣ дар баробари ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқ доранд дар ҳаёти сиёсӣ ширкат варзанд. Ташкилотҳои динӣ ӯҳдадор ҳастанд, ки талаботи қонунгузории амалкунанда ва тартиботи ҳуқуқиро риоя намоянд. Давлат ба барқарорсозии муносибатҳои тоқатпазир ва ҳурмату эҳтироми байни шаҳрвандон, ки пайрави динҳои гуногун ё пайрави ягон дин нестанд, байни ташкилотҳои динии гуногун, ҳамчунин байни пайравони онҳо мусоидат мекунад, таассуби динӣ ва экстремизмро пешгирӣ менамояд.

108. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 157) барои монеъ шудан ба фаъолияти ташкилотҳои диние, ки ба қонун зид намебошанд ё ба амали ба ҷо овардани маросимҳои динӣ, агар онҳо тартиботи ҷамъиятиро вайрон накунанд ва ба ҳуқуқи шаҳрвандон таҷовус нанамоянд, ҷазо пешбинӣ менамояд. Дар давраи солҳои 1999 ва 2003 аз рӯи моддаи 157 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як парвандаи ҷиноӣ оғоз гардид ва аз рӯи он суд ҳукм баровард.

109. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳнаткашон ҳуқуқ доранд, ки мустақилона аз рӯи интихоби худ ва бе иҷозатномаи пешакӣ иттифоқҳои касаба таъсис диҳанд. Дар ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо» аз соли 1992 амал мекунад. Дар моддаи 1 Қонуни мазкур омадааст: «Иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои чамъиятии ихтиёрӣ мебошанд, ки меҳнаткашонро аз лиҳози манфиатҳои умумиашон ҳам дар соҳаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳам ғайриистеҳсолӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатӣ , иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар ҳуқуқу манфиатҳои аъзоёнашон муттаҳид менамоянд. Ташкилотҳои касбӣ иттиҳодияҳои гуногун аз рӯи принсипҳои ҳудудӣ, соҳавӣ таъсис медиҳанд ва узви онҳо мешаванд. Мақомоти давлатӣ ҳуқуқ надоранд, ки ба фаъолияти иттифоқҳои касбӣ дахолат кунанд».

110. Маъмурияти мақомоти давлатӣ, хоҷагиҳо ва кооперативҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин соҳибмулкон, шахсони мансабдор ӯҳдадор ҳастанд, ки ҳуқуқҳои иттифоқҳои касабаро риоя намоянд, ба фаъолияти онҳо мусоидат намоянд. Кормандоне, ки ба ҳайати иттифоқҳои касаба интихоб мешаванд ва аз кори

истеҳсолӣ озод намешаванд, бе розигии пешакии мақомоте, ки узви он ташкилот мебошанд, ба ҷаримаи интизомӣ гирифтор набояд шаванд.

111. Мутобиқи моддаи 18 Қонуни мазкур Иттифоқҳои касаба ҳуқуқ доранд маҷлис гузаронанд, инчунин мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонун гирдиҳамоиҳо, роҳпаймоиҳо ва дигар чорабиниҳои оммавӣ ташкил намоянд.

Дар вақти рӯй додани баҳсҳои меҳнатии коллективӣ байни маъмурияти корхона, аз як тараф ва коллективи меҳнатӣ ё иттифоқи касаба, аз тарафи дигар ва дар комиссияи оштидиҳӣ ва ҳакамияти меҳнатӣ ҳал нашудани онҳо иттифоқҳои касаба дар шахси мақомоти аз тарафи онҳо ваколатдоркардашуда ҳақ доранд, мувофиқи қонун, корпартоӣ ташкил карда, онро гузаронанд.

**Моддаҳои 14, 15. Манъи дахолати худсарона ва ғайриқонунӣ ба ҳаёти шахсӣ, сӯиқасд ба дахолатнопазирии манзил, мукотибот ва шаклҳои дигари робита; манъи худсарона маҳрум сохтан аз моликият**

112. Конститутсияи (Сарқонуни ) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муқаррар кардааст, манъ мекунад. Маҳрумияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти шахс таъин карда мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муқаррар кардааст. Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандони хориҷӣ дар ҷумҳурӣ дахлнопазирии шахс ва манзил ва дигар ҳуқуқҳои шахсӣ кафолат дода мешавад. (моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ»).

113. Бо Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 кафолатҳои иловагии ҳифзи судии масунияти ҷойи зисти шаҳрвандон муқаррар шудааст. Барои кофтуков мавҷуд будани маълумоти кофӣ дар бораи тахмини он, ки дар ягон бино ё ягон ҷой ё дар ягон шахс мумкин аст олоти ҷиноят, ашё, ҳуҷҷатҳо ё чизҳои арзишманди барои парванда аҳамиятнок мавҷуд бошад, асос мегардад. Кофтуков инчунин мумкин аст бо мақсади ошкор намудани шахси ҷустуҷӯшаванда ва ҷасад гузаронида шавад (моддаи 190).

Кофтуков ва дарёфт кардан бо қарори асоснок аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бо иҷозати суд ё судя гузаронида мешавад. Кофтуков ва дарёфти ҳуҷҷатҳои дорои сирри давлатӣ ё дигар сирри қонунан ҳифзшуда бояд аз ҷониби суд ё судя иҷозат дода шавад. Дар ҳолатҳои истисно, ҳангоми мавҷуд будани хавфи воқеӣ, ки объекти ҷустуҷӯшаванда ва ё дарёфташаванда аз сабаби сари вақт

ошкор накардан гум ё вайрон карда мешавад ё ба мақсадҳои ҷиноятӣ истифода мегардад ё шахси ҷустуҷӯшаванда пинҳон мешавад, мумкин аст бе иҷозати суд ё судя кофтуков гузаронида, дар ин бора дар давоми 24 соат ба суд маълумоти хаттӣ пешниҳод карда мешавад.

Пеш аз оғози кофтуков таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор шахсони манфиатдорро бо қарори гузаронидани кофтуков шинос мекунанд. Кофтуков ва ёфта гирифтан бо иштироки шахсони холис ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо иштироки мутахассис ва тарҷумон сурат мегирад.

Таҳқиқбаранда, муфаттиш ба кофтуков шурӯъ намуда, пешниҳод мекунанд, ки ашё ва ҳуҷҷатҳои барои парванда аҳамиятнок ихтиёран супурда шаванд. Агар онҳо ихтиёран супурда шаванд ва хавфи ниҳон кардани ашё ва ҳуҷҷатҳои гирифташаванда аз байн равад, кофтукови минбаъда қатъ карда мешавад.

Таҳқиқбаранда ва муфаттиш вазифадоранд барои фош накардани маълумоти дахлдори ҳаёти шахсии онҳое, ки дар ин бино зиндагӣ мекунанд ва ё шахсони дигари ҳангоми кофтуков ва дарёфт кардан ошкоршуда чораҳо андешад. Таҳқиқбаранда, муфаттиш ҳангоми кофтуков ё дарёфт кардан бояд қатъиян бо гирифтани ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки ба парванда муносибат дорад, маҳдуд шаванд. Ашё ва ҳуҷҷатҳое, ки барои муомилот манъ шудааст, сарфи назар аз алоқамандӣ бо парванда бояд гирифта шаванд.

Ҳамаи ашё ва ҳуҷҷатҳои гирифташуда бояд ба шахсони холис ва дигар иштирокчиён нишон дода шуда, ҳангоми зарурат дар ҷои кофтуков ё ёфта гирифтан бастубанд ва мӯҳр карда, бо имзои муфаттиш ва шахсони холис тасдиқ карда шаванд.(моддаи 192)

114. Ҳангоми мавҷуд будани асосҳо барои тахмини он, ки мактуб, телеграмма, радиограмма, баста, фириста ва дигар муросилоти почтаю телеграф дорои маълумот, ҳуҷҷат ё ашёи барои парванда аҳамиятнок мебошанд, онҳоро таҳти ҳабс қарор додан мумкин аст.

Ҳабси муросилоти почтаю телеграф ва дарёфт карда гирифтани мавод дар муассисаҳои почтаю телеграф танҳо бо иҷозати суд ё судя анҷом дода мешавад (моддаи 195).

Муфаттиш азназаргузаронӣ, ёфта гирифтан ва нусхабардории муросилоти боздошташудаи почтаю телеграфро дар муассисаи алоқа бо иштироки холисон аз ҳисоби кормандони ин муассиса мегузаронад. Муфаттиш дар ҳолатҳои зарурӣ барои иштирок дар азназаргузаронӣ ва ёфта гирифтани муросилоти почтаю телеграф ҳуқуқ дорад мутахассиси дахлдор, инчунин тарҷумонро даъват намояд. Барои ҳар як азназаргузаронии муросилоти почтаю телеграф протокол тартиб диҳад ва зикр

намояд, ки муросилоти почтаю телеграф аз ҷониби кӣ ва чӣ гуна аз назар гузаронида, нусхабардорӣ шудааст ва ба унвони кӣ равона карда ё боздошта шудааст.

Ҳабси муросилоти почтаю телеграф ҳангоми аз байн рафтани зарурат, вале дар ҳар ҳолат на дертар аз қатъи парванда ё ба суд фиристодани он бекор карда мешавад.

115. Оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар бораи ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ба шарти мавҷуд будани асосҳои кофӣ барои тахмини он ки гуфтугӯи телефонии гумонбаршуда, айбдоршаванда ва дигар шахсон ё гуфтугӯ бо дигар воситаҳои алоқа, ки дорои маълумот дар бораи ҷиноят шуда метавонанд ё дорои маълумоти барои парванда аҳамиятнок мебошанд, бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 192 Кодекси мазкур ва иҷозати суд ё судя гӯш ва сабт кардани ин гуфтугӯро анҷом додан мумкин аст.

Ҳангоми мавҷуд будани таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, тамаъкорӣ ва дигар амали ҷиноятӣ нисбат ба ҷабрдида, шоҳид ё аъзои оилаи онҳо, тибқи аризаи хаттии онҳо ё ҳангоми мавҷуд набудани чунин ариза тибқи дархости муфаттиш бо иҷозати суд ё судя мумкин аст гуфтугӯе, ки тавассути телефони онҳо ё ба воситаҳои дигари алоқа сурат мегирад ва сабти он анҷом дода шавад (моддаи 196).

Гӯш ва сабт кардани гуфтугӯ ба мӯҳлати на бештар аз шаш моҳ муайян мешавад. Ҳангоми дар оянда зарур набудани ин чора, вале дар ҳама ҳолат на дертар аз қатъи парванда ва ё ба суд равон кардани он ин амал бекор карда мешавад.

116. Ҳуқуқи моликият бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад. Ҳеҷ кас ҳақ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад (моддаи 32).

117. Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.

118. Мусодираи молу мулк дар доираи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода мешавад. 1) Мусодираи молу мулк, яъне ба моликияти давлат маҷбуран ва ба таври ройгон гирифтани, молу мулке, ки моликияти маҳкумшуда мебошад. Мусодираи молу мулк барои ҷиноятҳои вазнин ва ё махсусан вазнини бо мақсади ғаразнок содиршуда муқарраргардида, суд танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс таъин карда метавонад.

Молу мулке, ки барои маҳкумшуда ё шахсони дар таъминоташ буда заруранд, мувофиқи рӯйхати дар Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, мусодира намешавад.

119. Вайрон намудани дахлнопазирии манзил, вайрон кардани маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти телеграфӣ ё дигар мухобирот, ғайриқонунӣ ҷамъ намудани маълумот ва паҳн намудани маълумот дар бораи ҳаёти шахсӣ ва аз ҷониби шахсони мансабдор рад кардан барои додани маълумот ба шаҳрванд, ки бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои ӯ дахл доранд, ошкор намудани сирри писархондӣ, таҷовуз ба обрую эътибори шахс тавассути паҳн намудани маълумоти бардурӯғ, ки обрӯю эътиборро паст мезананд, паст задании обрӯю эътибор боиси оғози ҷавобгарии ҷиноӣ шуда метавонад (моддаҳои 135, 136, 144, 146, 147, 148 ва 173 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

**Моддаҳои 16, 17 ва 24. Ҳуқуқ ба озодӣ ва амнияти шахсӣ; кафолати ҳимоя аз дастгиркунӣ ва ҳабси худсарона; эътироф намудани ҳуқуқи субъективӣ**

120. Ба шаҳрвандони хориҷӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масунияти шахсият кафолат дода мешавад. Дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 3 майи соли 2004 омадааст: «Корманди милитсия дар ҳама ҳолатҳо вазифадор аст ба шаҳрванд, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд асосу сабаби маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои ӯ, инчунин вобаста ба ин пайдо гардидани ҳуқуқу ӯҳдадориҳояшро фаҳмонад».

**121. Дастгиркунии маъмурӣ.** Шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд ва шахси ҳуқуқии хориҷии (намояндагию филиалҳои онҳо ва ғайра) воқеъ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои шаҳрванди хориҷии ҳуқуқи дахлнопазирии (масунияти) дипломатӣ дошта, барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тибқи асосҳои умумӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Дастгиркунии маъмурӣ, яъне маҳдудкунии муваққатии озодии шахси воқеӣ мумкин аст дар ҳолатҳои истисно татбиқ карда шавад, ба шарте, ки он барои таъмини баррасии дуруст ва саривақтии парванда, инчунин ҷиҳати иҷрои қарор оид ба парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ зарур бошад. 2. Бо хоҳиши шахси дастгиршуда дар мӯҳлати кӯтоҳтарин дар бораи ҷои нигоҳдории ӯ ба хешу табор, маъмурияти ҷойи кор (таҳсил) ва ҳимоятгар хабар дода мешавад. Дар бораи дастгиркунии маъмурии ноболиғ ба таври ҳатмӣ дар мӯҳлати кӯтоҳтарин падару модар ё дигар намояндагони қонунии ӯ огоҳ карда мешаванд.

Ба шахси дастгиршуда ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тибқи Кодекси мазкур пешбинишуда фаҳмонида, дар ин бора дар протоколи дастгиркунии маъмурӣ сабти дахлдор карда мешавад. Прокурор ҳуқуқ дорад дар бораи озод намудани шахси ғайриқонунӣ дастгиршуда қарор қабул намояд, ки он бояд фавран иҷро карда шавад.

Дар бораи дастгиркунии маъмурии шахси содирнамудаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ протокол тартиб дода мешавад, ки дар он сана ва маҳалли тартибдиҳии он, мансаб, ном ва насаби шахси протоколро тартибдода, маълумот дар бораи шахси дастгиршуда, вақт, ҷой ва асоси дастгиркунӣ нишон дода мешавад. Ба протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахси мансабдори ваколатдори онро тартибдода ва шахси дастгиршуда имзо мегузоранд. Дар сурати аз имзои протокол саркашӣ кардани шахси дастгиршуда дар протокол дар ин бора сабт карда мешавад. Нусхаи протоколи дастгиркунии маъмурӣ ба шахси дастгиршуда бо хоҳиши ӯ супорида мешавад.

Мӯҳлати дастгиркунии маъмурии шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмуриро содир намудааст, наметавонад аз се соат зиёд бошад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки дар қисмҳои дуюм ва сеюми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд. Дар ҳолатҳои истисно, бинобар зарурати махсус нисбат ба шахсони маҳалли истиқоматашон номуайян, мумкин аст бо иҷозати прокурор мӯҳлати дастгиркунии маъмурӣ то сӣ шабонарӯз муқаррар карда шавад. Шахсе, ки нисбаташ пешбурди истеҳсолоти парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ сурат мегирад ва ӯ ба низоми муқарраршудаи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби будубош дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тааррuз карда, низоми сарҳадӣ ё низоми убургоҳ аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории гумрукро вайрон намудааст, дар ҳолати зарурат барои муқаррар намудани шахсият ё барои муайян намудани ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба мӯҳлати на зиёда аз 72 соат бо шарти дар мӯҳлати 24 соат аз лаҳзаи дастгиркунӣ хаттӣ огоҳ кардани прокурор ё ба мӯҳлати то даҳ шабонарӯз бо иҷозати прокурор таҳти дастгиркунии маъмурӣ қарор дода мешавад, ба шарте, ки ҳуқуқвайронкунанда ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи шахсият надошта бошад.

Шахсе, ки нисбати ӯ пешбурди истеҳсолоти парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ сурат мегирад ва барои содир намудани он ба сифати яке аз чораҳои ҷазои маъмурӣ ҳабси маъмурӣ пешбинӣ гардида бошад, мумкин аст ба тариқи маъмурӣ то парвандаро баррасӣ намудани судя дастгир карда шавад ва дар ин бора дар давоми 24 соат аз лаҳзаи дастгиркунӣ хаттӣ ба прокурор хабар дода мешавад. Дар ин ҳолат мӯҳлати дастгиркунии маъмурӣ аз лаҳзаи дастгиркунӣ наметавонад аз 72 соат зиёд бошад.

Мӯҳлати дастгиркунии маъмурии шахс аз лаҳзаи овардани ҳуқуқвайронкунанда ва мӯҳлати дастгиркунии маъмурии шахси дар ҳолати мастӣ қаррордошта, аз лаҳзаи ҳушёр шудани ӯ ҳисоб карда мешавад.

122. Шахсони дастгиршуда дар биноҳои барои ин мақсад ҷудокардашуда ё дар муассисаҳои махсуси тибқи тартиби муқарраргардида аз ҷониби мақомоти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсисшаванда нигоҳ дошта мешаванд. Ин биноҳо бояд ба талаботи санитарӣ ҷавобгӯй буда, аз тарафи шахсони дастгиршуда имконияти худсарона тарк кардани онҳоро истисно намоянд. Шароити нигоҳдории шахсони дастгиршуда, меъёри озуқа ва тартиби хизматрасонии тиббии чунин шахсонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Мардҳо, занҳо ва ноболиғоне, ки нисбати онҳо чораи дастгиркунии маъмурӣ татбиқ гардидааст, аз ҳам ҷудо нигоҳ дошта мешаванд.

123. Тартиботи дастгир кардан ва ҳабс кардан дар асоси гумон дар содир намудани ҷиноят дар Тоҷикистон бо Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровarда мешавад.

Дастгир кардани шахс, яъне ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани ӯ ва ба мӯҳлати кӯтоҳ дар ҷойҳои махсус бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ ва Кодекси мазкур нигоҳ доштан аст.

Шахсро дар содир намудани ҷиноят ба шарте гумонбаршуда ҳисобидан мумкин аст, ки ҳангоми мавҷуд будани яке аз асосҳои зерин дастгир карда шавад, агар:

- дар вақти содир кардани ҷиноят ё бевосита баъди содир кардани он боздошт шуда бошад;

- шоҳидони ҳодиса, аз он ҷумла, шахси аз ҷиноят ҷабрдида бевосита шахси содирнамудаи ҷиноятро нишон диҳанд ё бо тартиби пешбининамудаи моддаи 94 Кодекси мазкур боздошт намоянд;

- дар бадан, либос, ашёи ҳамроҳи шахс буда, дар чизҳои истифодакарда, манзил, ҷои кор ё воситаи нақлиёти ӯ осори бараълои ҷиноят ошкор карда шуда бошанд, ки аз шарик будани ӯ дар содир намудани ҷиноят дарак медиҳанд;

- агар асосҳои дигари кофии гумонбар шудани шахс дар содир намудани ҷиноят мавҷуд бошанд, ба шарте ки вай кӯшиши аз ҷои ҳодиса ё аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ пинҳон шуданро карда бошад ё ҷои зисти доимӣ надошта бошад ё дар маҳалли дигар зиндагӣ кунад, ё шахсияташ муайян карда нашуда бошад.

Шахс мумкин аст бо асосҳои пешбиникарда то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ дастгир карда шавад. Дар айни замон, масъалаи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бояд дар давоми 12 соат аз лаҳзаи дастгир кардан ҳал карда шавад. Дар сурати рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ё дар мӯҳлати

муқарраршуда қабул накардани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ, дастгиршуда бояд озод карда шавад. (моддаи 92)

Таҳқиқбаранда ё муфаттиш вазифадоранд дар давоми 24 соат аз лаҳзаи дастгир кардани гумонбаршуда ба прокурор хаттӣ хабар диҳанд.

Мақомоти пешбурди мурофиаи судии ҷиноятие, ки шахсро дастгир кардааст, вазифадор аст дар давоми 12 соат аз лаҳзаи дастгиркунии воқеӣ дар бораи дастгиркунӣ ва ҷои нигоҳ доштани дастгиршуда ягон аъзои болиғи оила ё хешовандони наздикро хабардор кунад ё ба худи дастгиршуда имконияти чунин хабардор карданро диҳад.

Дастгиршуда дар асоси қарори (таъиноти) мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ дар ҳолатҳои зайл бояд озод карда шавад, агар: - гумони аз тарафи шахс содир шудани ҷиноят тасдиқ нагардида бошад; - асосҳои минбаъд дар ҳабс нигоҳ доштан аз байн рафта бошанд; - муқаррар карда шуда бошад, ки дастгиркунӣ бо риоя накардани қоидаҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур амалӣ шудааст; - мӯҳлати дастгиркунӣ гузашта бошад (моддаи 99).

124. Мутобиқи моддаи 111 Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ «Ба ҳабс гирифтан ба сифати чораи пешгирӣ бо қарори судя ё таъиноти суд танҳо дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандае татбиқ карда мешавад, ки барои ҷинояти содиркардаашон қонуни ҷиноятӣ ҷазоро дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ба мӯҳлати зиёда аз ду сол пешбинӣ намудааст».

Нисбат ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дар содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан танҳо мутобиқи вазнинии ҷиноят татбиқ карда шуданаш мумкин аст. Дар ҳолатҳои истисно ин чораи пешгирӣ, мумкин аст, нисбат ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда оид ба ҷиноятҳое, ки барояшон қонун ҷазои маҳрум кардан аз озодиро ба мӯҳлати камтар аз ду сол пешбинӣ намудааст, татбиқ карда мешавад, ба шарте ки онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои истиқомати доимӣ надошта бошанд ё шахсияташон муқаррар карда нашуда бошад ё ин ки онҳо аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё суд пинҳон шуда бошанд ё чораи пешгириро риоя накарда бошанд.

Ҳангоми зарурати интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо ризои прокурор дархости дахлдорро дар шакли қарор ба суд пешниҳод менамоянд. Дар қарор дар бораи пешниҳод кардани дархост оид ба интихоби чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан асос ва сабабҳое, ки аз рӯи он зарурати ба ҳабс гирифтани гумонбаршуда, айбдоршаванда ба миён омадааст ва интихоби дигар чораи пешгирӣ ғайриимкон аст, дарҷ карда мешавад.

Қарор ва маводе, ки асоснок будани дархостро тасдиқ менамояд, ба судя бояд пешниҳод карда шавад. Масъалаи ба ҳабс гирифтани судшаванда бояд аз ҷониби судяи суди шаҳрӣ ё ноҳиявӣ бо иштироки гумонбаршуда, гунаҳкор, прокурор ва ҳимоятгар баррасӣ шавад.

Судя дархостро баррасӣ карда, яке аз қарорҳои зеринро мебарорад:

- дар бораи ба гумонбаршуда ё айбдоршаванда интихоб кардани чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс;

- дар бораи рад кардани дархост;

- дар бораи ба таъхир гузоштани қабули қарори дархост ба мӯҳлати на зиёда аз 72 соат барои пешниҳоди далелҳои асосноки дастгиркунӣ. Дар ин ҳолат судя дар қарор муқаррар менамояд, ки мӯҳлати дастгиркуниро то чанд рӯзу соат дароз мекунад.

Аз қарори судя дар бораи ба сифати чораи пешгирӣ интихоб кардани ба ҳабс гирифтан ё ин ки рад кардани он ба суди болоӣ бо тартиби кассатсионӣ дар муддати 3 шабонарӯз аз рӯзи баровардани қарор шикоят ва эътироз кардан мумкин аст. Суди марҳилаи кассатсионӣ аз рӯи шикоят ва ё эътироз дар муддати на дертар аз 3 шабонарӯз аз лаҳзаи воридшавии мавод қарор қабул мекунад.

125. Бо мақсади таъмини ҳуқуқи шаҳрвандони дастгиршудаи кишварҳои хориҷӣ бо моддаи 100 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар шудааст, ки мақомоти пешбурди мурофиаи судии ҷиноятие, ки шахсро дастгир кардааст, вазифадор аст дар давоми 12 соат аз лаҳзаи дастгиркунии воқеӣ ва ҷойи нигоҳ доштани дастгиршуда Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои огоҳ намудани сафоратхона ё консулгарии ин давлат хабардор кунад.

Ба шаҳрвандони хориҷии дастгиршуда ё шаҳрвандони хориҷии ҳабсшуда имконияти мукотиба намудан ва вохӯрдан бо намояндагиҳои консулгарӣ ва муассисаҳои дипломатии кишваре, ки манфиати ин кишварро муаррифӣ менамоянд, бо онҳо барои намояндагии ҳуқуқии онҳо бастани шартномаҳоро таъмин менамояд .

126. Мутобиқи қоидаҳои дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ муқарраргардида, шахсоне, ки дар асоси гумонбар шудан дар содир намудани ҷиноят дастгир карда мешаванд, дар камераҳои алоҳида барои дастгиршудагон ё ҳуҷраи махсус нигоҳ дошта мешаванд. Дастгиршудагон дар камераҳо бо риояи қоидаҳои зерини тавқиф ҷо ба ҷо карда мешаванд:

- мардҳо, алоҳида аз занҳо;

- ноболиғон, алоҳида аз калонсолон;

- маҳкумшудагон, алоҳида аз шахсони дигаре, ки дар ҳабс қарор доранд;

-шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд , чун қоида, алоҳида аз дигар дастгиршудагон;

- шахсоне, ки қаблан ҳабс шудаанд – алоҳида аз шахсоне, ки ҳабс нашудаанд.

127. Муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо, ки қурбонии ғайриқонунӣ дастгир кардан ё ҳабс шудаанд, ба рӯёнидани зарар ҳуқуқ доранд. Мутобиқи моддаи 461 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Товони зараре, ки ба шахс дар натиҷаи ғайриқонунӣ дастгир кардан, дар ҳабс ва ҳабси хонагӣ нигоҳ доштан, муваққатан аз вазифа дур кардан, дар муассисаи тиббӣ ҷойгир кардан, маҳкум кардан, татбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ расонида шудааст, аз тарафи давлат сарфи назар аз гуноҳи таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд пурра рӯёнида мешавад».

Ҳуқуқи рӯёнидани товони зарар дар чунин ҳолатҳо ба вуҷуд меояд:

- дар сурати озод намудани дастгиршуда ё ҳабсшуда бо сабаби тасдиқ нагардидани гумон дар содир кардани ҷиноят;

- қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои дар Кодекси мурфиавии ҷиноятӣ пешбинишуда (қисми 1 моддаи 27 ва қисми 1 моддаи 234);

- баровардани ҳукми сафедкунанда;

- тағийр ёфтани бандубасти кирдор дар асоси он моддаи қонун, ки ҷинояти нисбатан сабуктарро бо таъини ҷазои нисбатан сабуктар мувофиқи ин модда ё аз ҳукм хориҷ кардани қисми айбдоркунӣ ва бо ин сабаб сабук кардани ҷазоро пешбинӣ менамояд;

- бекор карда шудани қарори ғайриқонунии суд доир ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ.

Товони зарар дар ҳолате рӯёнида намешавад, ки шаҳрванд дар ҷараёни таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва мурофиаи судӣ бо роҳи худайбдоркунӣ барои ба миён омадани оқибатҳои зикршуда мусоидат карда бошад. Аммо худайбдоркуние, ки дар натиҷаи нисбат ба шҳрванд татбиқ гардидани зӯроварӣ, таҳдид ва дигар чораҳои ғайирқонунӣ ба вуҷуд омадаст, ба рӯёнидани товон монеъ намегардад, зимнан далели татбиқи чораҳои ғайриқонунӣ бояд аз тарафи макромоти тафтишотӣ, прокурор ё суд муқарарр карда шаванд.

Суд, прокурор, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ доир ба пурра ё қисман сафедкунии шахс қарор қабул карда, бояд ҳуқуқи ӯро ба рӯёнидани товони зарар эътироф намоянд. Нусхаи ҳукми сафедкунанда ё таъиноти (қарори) қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, бекор кардан ё тағйир додани дигар қарорҳои ғайриқонунӣ ба шахси манфиатдор супорида ё тавассути почта фиристода мешавад. Ҳамзамон бо ин, ба ӯ хабарнома бо фаҳмонидани тартиби рӯёнидани товони зарари молумулкӣ

ва барқарор намудани ҳуқуқи дигари ӯ фиристонида мешавад (моддаи 463 КМҶ ҶТ).

128. Даъвои рӯёнидан ба тариқи пулӣ барои зарари расонидашуда бо тартиби мурофиаи судии гражданӣ пешниҳод карда мешавад. Агар маълумоти дастгир намудан, ба ҳабс гирифтан, муваққатан аз вазифа дур сохтан, дар муассисаи тиббӣ ҷойгир кардан, маҳкум намудан ва амалҳои дигари ғайирқонунии нисбат ба шахс татбиқшуда дар матбуот чоп карда, тавассути радио, телевизион ва воситаҳои дигари ахбори омма интишор шуда бошад, бо талаби шахси мазкур ва дар ҳолати фавти ӯ бо талаби хешовандони ӯ ё супориши суд, прокурор, муфаттиш ё мақомоти таҳқиқ воситаҳои дахлдори ахбори умум вазифадоранд, ки дар муддати як моҳ дар ин бобат хабари зарурӣ интишор намоянд. (моддаи 466 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

129. Бо дарназардошти талаботи стандартҳои байналмилалию ҳуқуқии риоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои маҳкумшудагон, соли 2001 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятӣ таҳия ва қабул гардид, ки он як қатор меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони маҳкумшударо пешбинӣ менамояд, имконияти маҳкумшудагонро марбут ба алоқаи онҳо бо наздикон, мукотиба намудан, бо телефон гап задан, гирифтани таҳвил ва баста васеъ гардонид. Мақсади қонунгузории иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ислоҳи маҳкумшудагон ва пешгирии содир кардани ҷиноятҳои нав, чӣ аз тарафи онҳо ва чӣ аз ҷониби ашхоси дигар иборат мебошад. мутобиқи Кодекси мазкур маҳкумшудагон ҳуқуқ ба муносибати одамгарона, ҳурмати шаъну эътибор, ки ба шахсият ва фарҳанги махсус хос аст, доранд. Ҳангоми дастгир намудан ва ҳабс намудан шаҳрандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд бо шаҳрвандони Тоҷикистон аз ҳуқуқҳои баробар истифода мебаранд, аз ҷумла вохӯрдан бо аъзои оила. Мутобиқи моддаи 95 Кодекси мазкур ба маҳкумшудагон иҷозат дода мешавад, ки аз ҳисоби худ бе маҳдудияти миқдор мактуб ва барқия гиранд ё фиристанд. Мутобиқи моддаи 92 Кодекси мазкур ба маҳкумшудагон барои гуфтугӯи телефонӣ иҷозат дода мешавад. Ба маҳкумшудагоне, ки чораи муҷозотиро дар изоляторҳои (тавқифгоҳҳои) ҷаримавӣ ё интизомӣ, биноҳои навъи камера ва камераҳои яккаса адо мекунанд, ба гуфтугӯи телефонӣ дар ҳолатҳои мустасноии шахсӣ иҷозат дода мешавад.

130. Шумораи муҳоҷирони меҳнатии маҳкумкардашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мӯҳлати ҷазоро дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрум ба ҷо меоранд.

| **Кишвар** | **Сол и 200** | **Сол и 200** | **Сол и 200** | **Сол и 200** | **Сол и 200** | **6 моҳи соли** |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Озарбойҷон | - | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Арманистон | 1 | - | - | 8 | 1 | 1 |
| Афғонистон | 49 | 35 | 61 | 45 | 266 | 47 |
| Эрон | - | 1 | - | - | 2 | 15 |
| Қазоқистон | 1 | - | - | 3 | 5 | 5 |
| Қирғизстон | 1 | 3 | 1 | 5 | 14 | 15 |
| Хитой | - | - | 1 | - | 1 | 1 |
| Покистон | 3 | 1 | - | - | 4 | 1 |
| Россия | 1 | 5 | - | 13 | 36 | 31 |
| Туркманистон | - | 1 | 1 | 2 | 3 | 3 |
| Украина | 1 | - | - | 1 | 3 | 3 |
| Ӯзбекистон | 12 | 11 | 8 | 24 | 81 | 77 |
| Эстония | - | - | 1 | - | 1 | 1 |
| Литва | - | - | - | - | - | 1 |
| Филипин | - | - | - | - | 6 | 1 |
| Нигерия | - | - | - | - | 1 | 1 |
| Африқои ҷанубӣ | - | - | - | - | 2 | 1 |
| Туркия | - | - | - | - | 2 | 1 |
| **Ҳамагӣ** | **69** | **58** | **74** | **102** | **430** | **209** |

131. Моддаи 16 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар касро ба субъективияти ҳуқуқӣ эътироф мекунад, ки чунин аст: «шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз ҳуқуқ ва озодиҳои эълоншуда истифода мебаранд ва баробари шаҳрвандони Тоҷикистон вазифа ва масъулият доранд, ба истисноИ ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.»

**Моддаҳои 18, 19. Ҳуқуқ ба кафолатҳои мурофиавӣ**

132. Кодекси ҷиноятии мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаро дар назди қонун ва суд қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳо баробар эътироф менамояд (моддаи 16). Ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд хифзи судӣ кафолат дода

мешавад, ҳуқуқ доранд талаб намоянд, ки парвандаи онҳоро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд (моддаи 8).

133. Яке аз принсипҳои асоси истеҳсолоти судии ҷиноятӣ ин дастрасии забони истеҳсолоти судӣ барои иштирокчиёни раванд мебошанд. Моддаи 18 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, ки забони мурофиаро намедонанд, ҳуқуқи ба забони модариашон ё забони дигаре, ки онро медонанд, арз кардан, нишондод додан, изҳори дархост кардан, шинос шудан бо маводи парвандаро дошта, бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур ба онҳо хизматрасонии тарҷумон таъмин карда мешавад ё мурофиаи судии ҷиноятӣ бо забони аксарияти аҳолии маҳал гузаронида мешавад. Ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, ки мутобиқи Кодекси мазкур ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, инчунин дигар иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти ин ҳуҷҷатҳоро таҳиянамуда дода мешаванд, бояд ба забони давлатӣ ё забоне, ки онҳо медонанд, тарҷума шуда бошанд.

134. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба эҳтимолияти бегуноҳӣ эътироф карда мешавад, ки чунин маъно дорад: «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад. Ӯҳдадории исботи айб ба зиммаи айбдоркунанда гузошта мешавад. Айбдоршаванда ӯҳдадор нест, ки бегуноҳии худро исбот намояд. Ҳама гуна шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда, ки бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур бартараф карда намешаванд, ба фоидаи айбдоршаванда маънидод карда мешавад. Ҳукми айбдоркуниро бо тахмин асоснок кардан мумкин нест» (моддаи 15).

135. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гумонбаршудагон, айбдоршаванда ва судшаванда имкон медиҳад, ки бо тамоми воситаҳои қонунӣ худашонро ҳифз намоянд. Аз ҷумла: ***Гумонбаршуда*** ҳуқуқ дорад: нишондод диҳад ё надиҳад ва дар ин бора пеш аз пурсиш хабардор карда шавад; - донад, ки барои чӣ гумонбар шудааст; нусхаи протоколи дастгиршавӣ ё қарорро оид ба татбиқи чораи пешгирӣ гирад; бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки медонад, нишондод диҳад; аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад; далелҳо пешниҳод кунад; дархост изҳор кунад; бо протоколҳои амали тафтишӣ, ки бо иштироки ӯ гузаронида шудаанд, ҳамчунин бо маводе, ки ба суд барои татбиқи ҳабс нисбат ба ӯ чун чораи пешгирӣ равон карда шудааст, шинос шавад; раддия изҳор намояд; аз амалу қарори суд, прокурор, муфаттиш ва шахси таҳқиқбаранда шикоят намояд (моддаи 46).

***Айбдоршаванда*** ҳуқуқ дорад: нишондод диҳад ё надиҳад ва дар ин бора пеш аз пурсиш огоҳ карда шавад; донад, ки барои чӣ айбдор карда шудааст ва нусхаи

қарорҳоро дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, оид ба татбиқ намудани чораи пешгирӣ, инчунин нусхаи фикри айбдоркуниро гирад; оид ба айби нисбат ба ӯ эълоншуда нишондод диҳад; далелҳо пешниҳод кунад; дархост ва раддия изҳор кунад; бо забони модарӣ ё забони дигаре, ки медонад, нишондод диҳад; аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад; аз лаҳзаи дастгир шудан ҳимоятгар дошта бошад, аз ҷумла тибқи ҳолат ва тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур аз кӯмаки ҳимоятгар ройгон истифода барад; аз лаҳзаи дастгир шудан бидуни мамониат бо ҳимоятгар як ба як мулоқот кунад; дар амалҳои тафтишӣ, ки тибқи дархости ӯ ё дархости ҳимоятгар гузаронида мешавад, иштирок намояд; бо протоколи амалҳои тафтишӣ шинос шавад ва нисбат ба он эроди худро изҳор кунад; бо қарори таъин кардани экспертиза ва хулосаи коршинос шинос шавад; пас аз ба охир расонидани тафтиш бо маводи парванда шинос шавад ва аз он ҳама гуна маълумоти заруриро рӯйнавис кунад; аз амал ва қарорҳои шахси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя шикоят кунад; оид ба қатъи пешбурди парванда норозигӣ изҳор намояд; дар муҳокимаи судӣ оид ба баррасии интихоби чораи пешгирӣ иштирок кунад (моддаи 47 КМҶ ҶТ).

***Судшаванда*** ҳуқуқ дорад: дар муҳокимаи судии суди марҳилаи якум ва кассатсионӣ иштирок намояд; сухани охирин гӯяд; бо протоколи маҷлиси суд шинос шавад ва ба он эрод пешниҳод намояд; аз ҳукм, таъинот ва қарори суд, судя шикоят намояд; нусхаҳои қарорҳои шикоятшударо гирад; нусхаҳои шикоят ва пешниҳодҳои ба парвандаи ҷиноятӣ овардашударо гирад ва ба онҳо норозигӣ изҳор намояд; дар баррасии масъалаҳое, ки ба иҷрои ҳукм вобастаанд, иштирок намояд; аз дигар ҳуқуқҳое, ки Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст, истифода кунад.

136. Мурофиаи судии ҷиноятӣ ба тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо сурат мегирад. Суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад. Суд барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо шароит муҳайё мекунад. Тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар мурофиаи судии ҷиноятӣ баробарҳуқуқанд ва барои ҳимояи мавқеи худ имкониятҳои баробар доранд.

137. Ҳар шахс аз лаҳзаи дастгир шуданаш метавонад аз ёрии ҳимоятгар истифода кунад. Дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда ҳуқуқ доранд барои ҳимояи худ аз айбдоркунӣ ҳуқуқҳояшонро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур шахсан, инчунин тавассути ҳимоятгар ё намояндаи қонуниашон истифода баранд. Суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вазифадоранд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва

маҳкумшуда ҳуқуқҳояшонро фаҳмонанд, ба онҳо имконият фароҳам оваранд, ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун худро ҳимоя кунанд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳоро таъмин намоянд. Ҳуқуқи ҳимоя инчунин ба шахсе таъмин карда мешавад, ки нисбат ба ӯ пешбурди парвандаи ҷиноятӣ оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ ҷой дорад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун шахсоне, ки пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба зиммаашон гузошта шудааст, вазифадоранд иштироки ҳимоятгари гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшударо таъмин намоянд (моддаи 22 КМҶ ҶТ).

Ҳимоятгар барои иштирок дар парванда аз лаҳзаи дар ҳаққи шахс баровардани қарори оғози парвандаи ҷиноятӣ, инчунин аз лаҳзаи воқеан дастгир гардидани гумонбаршуда роҳ дода мешавад (моддаи 49 қ. 2 КМҶ ҶТ). Ҳимоятгар аз ҷониби дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, намояндаи қонунии онҳо, инчунин бо супориш ё ризои онҳо аз ҷониби дигар шахсон даъват карда мешавад. Мақомоти пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳуқуқ надорад, ки ба ягон кас даъвати ҳимоятгари муайянро тавсия намояд. Иштироки ҳимоятгар бо дархости дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ва намояндаи онҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд, судя таъмин карда мешавад. Агар иштироки ҳимоятгари интихоб ё таъиншуда дар давоми на камтар аз панҷ шабонарӯз имконнопазир бошад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд ҳуқуқ доранд ба дастгиршуда, гумонбаршуда ё айбдоршаванда даъват кардани ҳимоятгари дигарро пешниҳод кунанд ва дар сурати даст кашидани ӯ аз таъин намудани ҳимоятгар чораҳо андешанд (моддаи 50 КМҶ ҶТ).

Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё суд, судя ҳуқуқ доранд, ки дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшавандаро аз пардохти музди ёрии ҳуқуқӣ пурра ё қисман озод кунанд. Дар чунин ҳолат музди меҳнати ҳимоятгар аз ҳисоби давлат пардохта мешавад.

Мутобиқи моддаи 51 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки ҳимоятгар дар пешбурди парвандаҳо ҳатмист, ба шарте ки: дар ин бора гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда дархост пешниҳод кунанд; гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ноболиғ бошанд; гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда бинобар камбудиҳои ҷисмонию рӯҳӣ ҳуқуқи худашонро оид ба ҳимоя мустақилона амалӣ карда натавонанд; гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда забони пешбурди мурофиаро надонанд; шахс дар содир намудани ҷиноятe айбдор карда шавад, ки барои он ҷазои қатл ё ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан пешбинӣ шуда бошад. Агар дар ҳолатҳои дар ҳамин модда

зикршуда ҳимоятгар аз ҷониби худи дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ё намояндаи қонунии онҳо, инчунин бо ризои онҳо аз ҷониби дигар шахсон даъват нашуда бошад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя вазифадоранд иштироки ҳимоятгарро дар парванда таъмин намоянд.

138. Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати пешбурди таҳқиқ (моддаи 155, 325) ва мӯҳлати нигоҳ доштан дар ҳабс (моддаи 303), мӯҳлати баррасии парванда аз лаҳзаи ворид шудани он ба суд (моддаи 327) муайян карда шудаанд, тартиби тамдиди онҳо ба танзим даровардa шудаанд. Дар баробари ин бо қонун муқаррароте муқаррар шудааст, ки ҳар як гунаҳкор бе таъхири асоснок суд карда шавад.

139. Шахси маҳкумшуда ё сафедкардашуда ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур аз нав дида баромадани ҳукмро аз тарафи суди болоӣ талаб кунад (моддаи 23).

140. Муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, ки ғайриқонунӣ маҳкум карда шудаанд, ба товони зарар ҳуқуқ доранд.

141. Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба маҳкумкунии дубора ё ҷазо додани шахс барои гуноҳе, ки барои он ӯ маҳкум ё сафед карда шуда буд, роҳ намедиҳад. Эътибор доштани ҳукм дар бораи гунаҳкор ё бегуноҳ будан истеҳсолоти парвандаро истисно менамояд (моддаи 27).

142. Мутобиқи моддаи 12 қодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят ва сазовори ҷазо будани кирдор бо қонуне, ки дар вақти содир намудани он кирдор амал мекунад, муайян карда мешавад. Вақти содир намудани ҷиноят, вақти содир шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, сарфи назар аз вақти фаро расидани оқибатҳои он, эътироф карда мешавад. аз ин рӯ муҳоҷири меҳнатӣ ё аъзои оилаи ӯ дар содир намудани ягон ҷиноят дар натиҷаи ягон амал ё беамалӣ, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар лаҳзаи содир намудани он ҷиноят ҳисоб намешуда айбдор ҳисоб карда шуда наметавонад. Мутобиқи моддаи 13 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни ҷиноятие, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф мекунад, ҷазоро сабук ё ба тариқи дигар вазъи шахси ҷиноят содиркардаро беҳтар мекунад, қувваи бозгашт дорад, яъне ба шахсоне татбиқ мегардад, ки то эътибор пайдо кардани чунин қонун кирдор содир кардаанд, аз ҷумла ба шахсоне, ки мӯҳлати ҷазоро адо мекунанд ё кардаанд, вале доғи судӣ доранд. Аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани қонуне, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф мекунад, кирдори то эътибор пайдо кардани қонун содиршуда ҷиноят ҳисоб намешавад. Агар қонуни нави ҷиноятӣ ҷазои кирдореро, ки шахс барои содир кардани он мӯҳлати ҷазоро адо мекунад, сабук созад, ҷазои таъиншуда бояд мутобиқи ҳадди болоии ҷазое, ки қонуни ҷиноятии нав муайян

кардааст, ихтисор карда шавад. Қонуни ҷиноятие, ки ҷиноят будани кирдорро муқаррар менамояд, ҷазоро пурзӯр мекунад ё ба тариқи дигар вазъи шахсеро, ки ин кирдорро содир намудааст, бадтар месозад, қувваи бозгашт надорад.

**Модаи 20. Манъи ҳабс намудан, рад намудан аз додани иҷозатномаи иқомат ва/ё иҷозат барои кор ва ронда шудан дар асоси иҷро накардани ӯҳдадорӣ аз рӯи шартнома**

143. Мутобиқи боби 24 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои шартномавӣ (риоя накардани ӯҳдадориҳо) боиси ҷавобгарии гражданӣ (молумулкӣ) мегардад. Баҳсҳое, ки ба вайрон намудани ӯҳдадориҳои шартномавӣ алоқаманд мебошанд, бо тарибиi гражданӣ иҷро мешаванд. Шахсе, ки ягон ӯҳдадории шартномавиро иҷро намекунад, дар сурати мавҷуд набудани аломатҳои ҷиноят, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда наметавонад. Иҷро нагардидани ҳалномаи суд дар бораи иҷрои ӯҳдадории шартномавӣ аз рӯи қонунгузории амалкунанда ва дар амал ба маҳрум шудан аз озодӣ оварда метавонад.

**Моддаҳои 21, 22, 23. Ҳимоя аз мусодира ва/ё нобуд сохтани шаҳодатномаи шахсӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар; ҳимоя аз дастаҷамъона ронда шудан; ҳуқуқ барои мурожиат намудан ба ҳимояи консулӣ ё дипломатӣ**

144. Мутобиқи моддаи 496 Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ «Барои шиносномаи шаҳрвандонро ғайриқонунӣ гирифтан, инчунин онро ҳамчун гарав қабул намудан, ба андозаи аз даҳ то понздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад[3]».

145. Молу мулк ва ҳуҷҷатҳое, ки бевосита олот ё ашёи ҳуқуқвайронкунӣ буда, ҳангоми дастгиркунӣ ё азназаргузаронии шахсӣ ё аз назар гузаронидани молу мулк ошкор гардидаанд, танҳо бо мақсади таъмини баррасии воқеъбинонаи парванда ва иҷрои ҷазои маъмурӣ бо роҳи мусодира ё бо подош гирифтани ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ситонида мешаванд. Молу мулке, ки олоти содиркунӣ ё ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурист ва ҳуҷҷатҳое, ки барои парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳамчун далел аҳамиятдошта, дар маҳалли содиршавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҳангоми азназаргузаронии шахсӣ ё азназаргузаронидани молу мулки бо худ доштаи шахси воқеӣ ва азназаргузаронидани воситаи нақлиёт ошкор гардидааст, аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдори мақомоти давлатӣ, ки дар Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, ситонида мешаванд. Молу мулке, ки олоти содиркунӣ ё ашёи

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳандаҳо барои ҳисоб»

ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошанд ва ҳуҷҷатҳои барои парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳамчун далел аҳамиятдошта, ки зимни азназаргузаронии биною ҳудудҳои ба шахсони ҳуқуқӣ тааллуқдошта ва молу воситаи нақлиёт ё дигар молу мулки дар онҳо вуҷуддошта, инчунин ҳуҷҷатҳои тааллуқдоштаи онҳо ошкор гардидаанд, аз ҷониби шахсони мансабдори ваколатдор, ки Кодекси мазкур пешбинӣ мекунад, дар ҳузури ду нафар шахсони холисситонида мешаванд. Молу мулк ва ашёи ситонидашуда, ки мӯҳлати нигоҳдориашон маҳдуд ва ашёҳои муомилоти граждониашон маҳдуд, инчунин зудвайроншавандаанд, бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фурӯш, коркард ё нигоҳдорӣ ба ташкилотҳои дахлдор супорида мешаванд, ва агар нигоҳ доштанашон ғайриимкон бошад, нобуд карда мешаванд. Молу мулк ва ҳуҷҷатҳои ситонидашуда минбаъд то баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар ҷойҳои муайяннамудаи мақомот, ки барои ситонидани молу мулк ва ҳуҷҷатҳо ваколат доранд, баъди баррасии парванда бошад, аз рӯйи натиҷаҳои баррасии он мусодира ё ба соҳибашон баргардонида ё нобуд карда мешаванд, дар мавриди бо подош гирифтани молу мулк бошад, ба фурӯш бароварда мешаванд.

146. Ҳангоми содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки барои он мутобиқи Кодекси мазкур мумкин аст ҷазои маъмурӣ дар шакли ҷарима ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воситаи нақлиёти намуди муайян таъин карда мешавад, аз ронандаи воситаи нақлиёт, капитани киштӣ, ҳавонаворд то қабул шудани қарор оид ба парванда шаҳодатномаи ронандагӣ, шаҳодатномаи тракторчӣ-машинист, шаҳодатномаи киштирон, шаҳодатномаи ҳавонаворд ситонида шуда, иҷозатномаи муваққатии намунаи муқарраргардида дар бораи ҳуқуқи идораи воситаи нақлиёти намуди муайян то эътибори қонунӣ пайдо намудани қарори парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дода мешавад. Шаҳодатномаи ронандагӣ, талони қайди вайронкунии замимаи шаҳодатномаи ронандагӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад. Дар сурати қабули қарори махрум кардан аз ҳуқуқи идора кардани воситаи нақлиёти намуди муайян ва эътибори қонунӣ пайдо кардани қарор шаҳодатномаи ронандагӣ баргардонида намешавад, талони қайди вайронкунии замимаи он ва иҷозатномаи муваққатии ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёти намуди муайян бошад, ситонида мешаванд. Дар сурати қабули қарори таъини ҷарима ва эътибори қонунӣ пайдо кардани қарор шаҳодатномаи ронандагӣ барои ҳуқуқи идора кардани воситаи нақлиёти намуди муайян ва талони қайди вайронкунии замимаи он баъди пардохти ҷарима баргардонида мешаванд.  Агар ронандаи воситаи нақлиёт шаҳодатномаи ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёти намуди муайян ва талони қайди вайронкунии

замимаи он, роҳхат ё хатсайр ё ҳуҷҷатҳои воситаи нақлиёт надошта бошад, инчунин дар ҳолати мастӣ идора кардани воситаи нақлиёт, идоракунии воситаи нақлиёти дорои сиёҳшиша ё бо рақамҳои бақайдгирие, ки намунаашон ба меъёрҳои муқарраршудаи давлатӣ (ГОСТ) мувофиқат намекунад, ё бо рақамҳои бегона воситаи нақлиёт бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 766 Кодекси мазкур то бартараф намудани камбудиҳо боздошт карда мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ҳангоми ситонидани молу мулк ва ҳуҷҷатҳо суратгирӣ ва навори кино, сабти видео ва дигар усулҳои муқарраршудаи қайди далелҳои шайъӣ татбиқ мегарданд. Дар бораи ситонидани молу мулк ва ҳуҷҷатҳо протокол тартиб дода мешавад ё дар протоколи боздошта овардан ё дар протоколи дастгиркунии маъмурӣ қайди дахлдор карда мешавад.

Дар протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар бораи ситонидани шаҳодатномаи ронандагӣ, шаҳодатномаи тракторчӣ-машинист, шаҳодатномаи киштирон ё шаҳодатномаи ҳавонаворд сабти зарурӣ карда мешавад. Дар протоколи ситонидани молу мулк ва ҳуҷҷатҳо дар бораи намуд ва реквизитҳои ҳуҷҷатҳои ситонидашаванда, намуд, миқдор ва дигар аломатҳои ҳаммонандсозии молу мулки ситонидашуда, аз ҷумла дар бораи навъ, тамға, модел, калибр, силсила, рақам ва дигар аломатҳои ҳаммонандсозии ярок, навъ ва миқдори тир маълумот сабт карда мешавад. Дар протоколи ситонидани молу мулк ва ҳуҷҷатҳо дар бораи суратгирӣ ва навори кино, сабти видео ва дигар усулҳои муқарраршудаи қайди далелҳои шайъӣ сабти зарурӣ карда мешавад. Маводе, ки зимни ситонидани молу мулку ҳуҷҷатҳо бо истифодаи суратгирӣ ва навори кино, сабти видео ва дигар усулҳои муқарраршудаи қайди далелҳои шайъӣ дастрас гардидааст, ба протоколи дахлдор замима карда мешавад. Ба протоколи ситонидани молу мулк ва ҳуҷҷатҳо шахси мансабдори онро тартибдода, шахсе, ки аз ӯ молу мулк ва ҳуҷҷатҳо ситонида шудаанд ва шахсони холис имзо мегузоранд. Дар сурати аз имзои протокол саркашӣ кардани шахсе, ки аз ӯ молу мулк ва ҳуҷҷатҳо ситонида шудаанд, дар он қайди дахлдор карда мешавад. Нусхаи протокол ба шахсе, ки аз ӯ молу мулк ва ҳуҷҷатҳо ситонида шудаанд ё ба намояндаи қонунии вай супорида мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ молу мулк ва ҳуҷҷатҳои ситонидашуда дар ҷойи ситонидан борпеч ва мӯҳр карда мешаванд. Молу мулк ва ҳуҷҷатҳои ситонидашуда то баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар ҷойҳои муайяннамудаи шахси мансабдор, ки молу мулк ва ҳуҷҷатҳоро ситонидааст, тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд.

147.Мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 2 моддаи 46) «Бо роҳи маъмурӣ аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон берун

кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд ҳамчун чораи ҷазои маъмурӣ нисбат ба ин шахсон аз ҷониби судя ва ҳангоми аз ҷониби онҳо зимни воридшавӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бошад, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ё шахси мансабдори ваколатдор таъйин карда мешавад».

148.Дар давраи соли 2007 мутобиқи моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 74 нафар берун карда шуданд. Қарор дар бораи аз ҳудуди Тоҷикистон берун кардан алоҳида нисбати ҳар як шахс қабул карда шуд. Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар соли 2008 дар асоси моддаи 499 Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ 139 нафарро аз ҳудуди Тоҷикистон берун сохтанд. Дар соли 2009 113 нафар аз ҳудуди Тоҷикистон берун карда шуданд.

149. Ҷумҳурии Тоҷикистон ду конвенсии муҳимро тасдиқ намуд, ки фаъолияти намоядагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулгариро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад – Конвенсияи Вена дар бораи робитаҳои дипломатӣ соли 1961 ва Конвенсияи Вена дар бораи робитаҳои консулгарӣ соли 1963. Дар асоси ин ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ҳар як шаҳрванд ҳукук дорад озодона ба муассисаҳои дипломатӣ ва консулгарӣ муроҷиат намояд, аммо ин ҳуқукҳои онҳоро барои муроҷиат намудан ба инстиутҳои миллӣ оид ба ҳуқуқу озодиҳо худ аз худ маҳдуд намесозад.

150. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди шаҳрвандони худ – муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба таъмини ҳуқукҳои онҳо ба гирифтани ҳифз ва кӯмак аз муассисаҳои дипломатӣ ва консулгарӣ дорад. Бо мақсади таъмини ин ҳуқуқ дар Федератсияи Россия Намояндагии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳоҷират кушода шудааст (минбаъд - Намояндагӣ). Ин намояндагӣ ба нақшаи идораи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад, аммо фаъолияти он ҳамчунин аз ҷониби ҳукумат ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳангсозӣ карда мешавад. вазифаи аосиси ҳукумат ин кӯмак расонидан ба шаҳрвандон (муҳоҷирони меҳнатӣ) дар ҳалли масъалаҳои гуногун, марбут ба исти онҳо дар Федератсия Россия – расонидани кӯмак дар барқарорсозии ҳуҷҷатҳо, муайян намудани шахсе, ки ҳуҷҷат надорад, таъмин намудани онҳо бо маълумот дар бораи надоштан ё доштани доғи судӣ, расонидани кӯмаки ҳуқукӣ ва ғайра. Ба ғайр аз ин, Намояндагӣ ба субъектҳои хоҷагидори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои ба кор таъминкунии муҳоҷирони Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак

мерасонад, бо Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Россия ва мақомоти дигари давлатӣ ва ғайридавлатии Россия ҳамкорӣ менамояд.

**Моддаи 25, 27, 28, 53. Принсипи муносибати баробар оид ба масъалаҳои мукофотонӣ ва шароитҳои дигари меҳнат ва шароитҳои шуғл; таъминоти иҷтимоӣ; ҳуқуқ барои гирифтани ёрии таъҷилии тиббӣ; ҳуқуқи озодона интихоб намудани фаъолияти музднок барои аъзои оилаи муҳоҷири меҳнатӣ**

151.Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 37, 38, 39) дар масъалаҳои мукофотонидан, хифзи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ, давомнокии вақти корӣ, рӯзҳои истироҳат, кӯмаки тиббӣ, таъмини иҷтимоӣ ва ғайра принсипи муносибати баробарро пешбинӣ менамояд.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқомат мекунанд, метавонанд, ба сифати коргар ва хизматчӣ дар корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо кор кунанд ва ё дар асос ва тибқи тартиби барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаанд, бо фаъолияти дигари меҳнатӣ машғул шаванд. Корфармо, сарфи назар аз вазъи молиявиаш, вазифадор аст ба корманд барои кори иҷронамудааш музди меҳнати муқарраршударо пардозад.

Поймолкунии ҳуқуқи пардохти музди меҳнат манъ аст. Корфармо вазифадор аст ба корманд барои иҷрои кори баробарарзиш як хел маош диҳад. Ба зарари корманд тағйир додани шарту шароити пардохти музди меҳнат манъ аст.

Андозаи музди меҳнат, ки тарафҳо бо шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ муайян кардаанд, аз андозаи муқаррарнамудаи шартномаҳо камтар буда наметавонад.

152. Мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иқомат мекунанд, метавонанд, ба сифати коргар ва хизматчӣ дар корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо кор кунанд ва ё дар асос ва тибқи тартиби барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррааргардида, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардаанд, бо фаъолияти дигари меҳнатӣ машғул шаванд. Корфармо, сарфи назар аз вазъи молиявиаш, вазифадор аст ба корманд барои кори иҷронамудааш музди меҳнати муқарраршударо пардозад.

Поймолкунии ҳуқуқи пардохти музди меҳнат манъ аст. Корфармо вазифадор аст ба корманд барои иҷрои кори баробарарзиш як хел маош диҳад. Ба зарари корманд тағйир додани шарту шароити пардохти музди меҳнат манъ аст.

Андозаи музди меҳнат, ки тарафҳо бо шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ муайян кардаанд, аз андозаи муқаррарнамудаи шартномаҳо камтар буда наметавонад.

153. Оқибатҳои бӯҳрони молиявӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири худро расонд. Дар моҳҳои ноябр-декабри соли 2008 ва январи соли 2009 ҳаҷми интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 15-20% кам шуд. Бо мақсади кам кардани таъсири манфии бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ ба вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон Ҳукумати кишвар барномаҳои махсуси мусоидат ба шуғли аҳолиро таҳия ва татбиқ намуд. Мутобиқи ин барномаҳо дар кишвар ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуданд. Бо амри Президенти мамлакат дар соли 2009 ҳар ҳафта ярмаркаи ҷойҳои корӣ гузаронида мешавад. Дар семоҳаи аввали соли 2009 ба таври умумӣ 119 ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ гузаронида шуд, ки тавассути онҳо 3058 нафар бо ҷойи корӣ таъмин ва 1827 нафар барои таълими касбӣ равон карда шуданд. Умуман, бо дастгирии бевоситаи Хадамоти шуғли аҳолӣ дар нимаи аввали соли 2009 7300 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кор таъмин гардиданд[4].

154. Аз шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатие, ки ҳар сол берун аз кишвар бо мақсади кор мераванд, тақрибан 80 фоиз касб ва тахассуси барои корфармоёни хориҷӣ зарурро надоранд. Ба ғайр аз ин, ҳар сол ба бозори меҳнат беш аз 100 ҳазор захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби шахсони мактабҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи нопурaро хатмкунанда ворид мешаванд[5]. Ин гурӯҳи ҷавононро таълим ва бо кор таъмин намудан зарур аст. Вобаста ба ин, Ҳукумати ҷумҳурӣ ба масъалаи таълимоти касбии шаҳрвандон тавассути маркази таълимоти калонсолон ва муассисаҳои касбию техникӣ диққати махсус медиҳад.

Моҳи марти соли 2008 бо мақсади мустаҳкам намудани базаи моддию техникӣ ва таъмини рушди минбаъдаи системаи таълими касбии калонсолон, аз ҷумла бекорон ва муҳоҷирони меҳнатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дод, ки муассисаи давлатии «Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон»-ро дар системаи оҷонсии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъсис диҳад. Марказ дар шаҳри Душанбе воқеъ аст ва шӯъбаҳои худро дар шаҳрҳои Кӯлоб, Қурғонтеппа, Конибодом ва ноҳияи Тоҷикобод дорад. Дар марказ шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва хориҷиро ба 39 намуди касбҳое, ки дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат зарур ҳастанд, таълим медиҳанд. Аз лаҳзаи таъсис

[4] Баромади муовини якуми сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонова Р., дар мизи мудаввар дар мавзӯи «Таъсири бӯҳрони молиявӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон»

[5] Баромади муовини якуми директори Оҷонсии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоев А. дар мизи мудаввар «Таъсири бӯҳрони молиявӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон»

дар марказ ва шӯъбаҳои он 2930 нафар бекорон аз таълим гузаштанд ва соҳиби шаҳодатномаи намунаи давлатӣ гардиданд. Аз ҷумла, аз рӯи тахассусҳои зерин таълим гирифтанд: кафшергари барқу газ – 428 нафар; усто-таъмиргари мошинҳо – 46 нафар; дуредгар – 73 нафар; гилкор-рангмол – 20 нафар; устои деворбардори лою бетон – 105; барқчӣ – 213 нафар; кафшергари барқ – 274; мутахассис оид ба коркарди сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо; муаллимони забони англисӣ – 120 нафар ва ғайра. Барои таълим дар марказ ва шӯъбаҳои он 103 компютер мавҷуд ҳаст. Корҳои таъмирӣ ва омодагии шаш синф барои ҷорӣ намудани ихтисоси «хоҷагидорӣ» давом ёфта истодаанд.

Айни замон, Вазорати меҳнат Барномаи рушди низоми таълими калонсолонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2016 таҳия менамояд, ки баъди мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор барои тасдиқ бар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равон карда мешавад. Чунончӣ, барои давраи соли 2008 8080 нафар таълим ва тахассус гирифтанд, дар соли 2009 8400 нафар маълумот ва соҳиби ихтисос гардиданд.

Дар асоси фармони якҷояи байни Вазоратҳои корҳои дохилӣ ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8.10.2007 «Дар бораи таъсиси курсҳои кӯтоҳмуддат дар базаи омӯзишгоҳҳои касбию техникии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълими муҳоҷирони меҳнатӣ», дар давраи соли 2010 дар базаи 65 омӯзишгоҳи касбӣ ва литсейҳо беш аз 8379 муҳоҷирон таълим гирифтанд. Дар ҳудуди кишвар 10 омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ вуҷуд дорад, ки ба омодагии муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбҳои гуногун, ки дар хориҷ зарур мебошанд, машғул мебошанд.

Бо ташаббуси Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ тавассути субъектҳои хоҷагидорӣ бо мақсади бо кор таъмин намудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар дар давоми шаш моҳи 2010 226 донишҷӯ дар давраи таътили тобистона ба ШМА фиристонида шуданд.

155. Дар соли 2009 Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармони якҷоя «Дар бораи дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ омӯзонидани муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон» баровარданд, ки он ба баланд бардоштани сатҳи касбӣ, дониши ҳуқуқӣ ва малакаҳои забонии муҳоҷирони меҳнатӣ равона гардидааст. Мувофиқи банди 1 Фармони мазкур курсҳои кӯтоҳмуддат ба мӯҳлати аз 1 то се моҳ барои омӯзонидани муҳоҷирони меҳнатӣ ба ихтисос дар асоси ҳамаи омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ бо мақсади таълими муҳоҷирони меҳнатӣ ба ихтисосҳои дар хориҷ зарур кушода шуд. Ба ғайр аз ин, дар банди 10 Фармони мазкур омадааст, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ҳатман забони русӣ ва асосҳои қонунгузориро меомӯзанд.

Ба хатмкунандагони курсҳои кӯтоҳмуддат дар асоси хулосаи комиссияи давлатии аттестатсионӣ бояд шаҳодатномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода швад. Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ мутобиқи банди 14 Фармони мазкур якҷоя бо субъектҳои хоҷагидорӣ, ки бо фиристонидани муҳоҷирони меҳнатӣ берун аз хориҷи кишвар машғул мебошанд, бояд дар роҳхат додани муҳоҷирони меҳнатӣ ба курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ мусоидат намояд.

156. Дар алоқаи мутақобила бо ташкилотҳои донорӣ ин муассисаҳои таълимӣ таъмир карда мешаванд ва бо таҷҳизоти зарурӣ таҷҳизонида мешаванд, лекин дар назди давлат боз мушкилоти беҳтар намудани базаи моддию техникии чунин муассисаҳои таълимӣ меистад.

157. Суғуртаи иҷтимоии кормандон дар ду шакл сурат мегирад: суғуртаи иҷтимоии давлатӣ ва суғуртаи иҷтимоии ихтиёрӣ.

Суғуртаи иҷтимоии давлатӣ бидуни истисно ба тамоми ашхосе, ки бо шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ кор мекунанд, дахл дорад. Маблағи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ аз ҳисоби ҳиссаҳое, ки корфармо мепардозад, мадохилот аз буҷети давлатӣ ва дигар мадохилоти муайянкардаи қонун ташаккул меёбад. Кормандон ҳиссаи худро ба фонди суғурта бо тартиб ва андозаи муайянкардаи Қонун мепардозанд.

Суғуртаи иҷтимоии ихтиёрӣ тавассути фондҳои ғайридавлатии суғурта, ки аз тарафи ташкилотҳо, коллективҳои шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсис ёфта метавонад, амалӣ мегардад(моддаи 215).

158. Мутобиқи моддаи 38 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Давлат барои солимгардони муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва туризм тадбирҳо меандешад. Шаклҳои дигари ёри тиббиро қонун муайян мекунад. Мутобиқи моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва гурезагон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи саломатӣ мутобиқи қоннунгузорӣ ва санадҳои меъёрии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқҳо истифода мебаранд ва ӯҳдадор ҳастанд.

Барои таъмини ҳуқуқ ба ҳифзи саломатии муҳоҷирони меҳнатӣ аз Тоҷикистон Ҳукумати мамлакат як қатор чораҳо андешидааст. Масалан, мутобиқи Созишномаи байниҳукуматӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия (аз 16 октябри соли 2004) муҳоҷирони меҳнатӣ бояд шаҳодатномаи тиббӣ гиранд, ки аз

ҷониби беморхонаи ташхисию тиббии маҳалли зист тасдиқ карда мешавад. Барои таъмини амалигардонии муқаррароти ин Созишнома моҳи декабри соли 2007 фармони якҷояи Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси беморхонаи табобатию ташхисӣ баровarда шуд, ки дар он муҳоҷирони меҳнатӣ пеш аз барои кор ба хориҷи кишвар рафтан бояд хулосаи тиббӣ дар бораи вазъи саломатиашонро гиранд. Чунин тартибот вазъияти муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистонро дар Федератсияи Россия хеле осон гардонд, ки аксар вақт чунин шаҳодатномаҳои тиббиро дар мӯҳлати бо қонун муқарраргардида бо сабаби монеаҳои маъмурӣ ва ғайра сари вақт гирифта наметавонанд.

Аммо Тоҷикистон бо мушкилоти эътироф нагардидани шаҳодатномаи тиббии КЭК Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муассисаҳои тиббии Федератсияи Россия рӯ ба рӯ шуд. Моҳи декабри соли 2009 ин мушкилот барои баррасӣ ба иҷлосияи 4 гурӯҳи якҷояи русӣ-тоҷикӣ оид ба татбиқи Созишномаи байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони Федератсияи Росия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия» (аз 16.10.2004 ) пешниҳод шуд. Намояндагони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки ҷониби Тоҷикистон ӯҳдадориҳои худро аз рӯи Созишнома иҷро намуд ва дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи тиббию ташхисӣ оид ба додани шаҳодатномаи тиббӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ кушода ва амал мекунанд. Намояндагони ҷониби Россия қайд намуданд, ки аз ҷониби онҳо таъсиси марказҳои тиббӣ оид ба додани шаҳодатномаҳои тиббӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ ба нақша гирифта шудааст ва минбаъд ин масъала аз ҷониби тарафҳо ба танзим дароварда мешавад.

**Моддаи 29, 30,31,45. Ҳуқуқи кӯдаки муҳоҷири меҳнатӣ ба ном, бақайдгирии таваллуд ва шаҳрвандӣ; дастрасии таҳсилот дар асоси муносибати баробар; эҳтироми мустақилияти фарҳангии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо; истифодаи речаи баробар аз ҷониби аъзои оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар соҳаҳои қайдгардида ва чораҳое, ки бо мақсади таъмини кафолати ҷалб намудани кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ ба системаи маҳаллии таълимӣ андешида мешаванд**

159. Мутобиқи моддаи 34 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлат мебошанд. Ҳар як кӯдаки муҳоҷири меҳнатӣ ҳуқуқ ба ном, бақайдгирии таваллуд ва шаҳрвандӣ дорад. Мутобиқи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» насаби кӯдак дар вақти бақайдгирии давлатии

таваллуд бо насаби падару модараш сабт карда мешавад. Дар сурати гуногун будани насаби падару модар насаби кӯдак бо мувофиқаи падару модар бо насаби падар ё бо насаби модар ё ин ки бо номи падар сабт карда мешавад. Номи кӯдак бо мувофиқаи падару модар сабт карда мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани розигии байни падару модар номи кӯдак ва (ё) насаби ӯ (дар сурати насабҳои гуногун доштани падару модар) дар сабти асноди таваллуди кӯдак аз рӯи қарордоди мақомоти васоят ва парасторӣ сабт карда мешавад.

Мутобиқи моддаи 23 Қонуни зикргардида қайди давлатии таваллуди кӯдаки яксола ё аз он калонтар дар асоси аризаи падару модар (яке аз онҳо) ё шахсони манфиатдор дар сурати мавҷуд будани ҳуҷҷати дар шакли муқарраршуда дар бораи таваллуд, ки аз тарафи муассисаи тиббӣ ё табиби ба фаъолияти хусусӣ машғулбуда дода шудааст, гузаронида мешавад. Ҳангоми бақайдгирии давлатии таваллуди кӯдаки яксола ё аз он калонтар бояд маълумотнома оид ба мавҷуд набудани сабти асноди таваллуди кӯдак, ки аз ҷониби бойгонии дахлдори мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода шудааст, пешниҳод карда шавад. Қайди давлатии таваллуди кӯдаки яксола ё аз он калонтар танҳо аз тарафи мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳия ва шаҳр гузаронида мешавад. Қайди давлатии таваллуди кӯдаке, ки ба балоғат расидааст, дар асоси аризаи худи ӯ гузаронида мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани ҳуҷҷати шакли муқарраршуда дар бораи таваллуд қайди давлатии таваллуди кӯдаки яксола ва ё аз он калонтар дар асоси ҳалномаи суд дар бораи муқаррар намудани далели таваллуд ба ҷо оварда мешавад.

160. Кӯдаке, ки падару модараш ҳангоми таваллуд шудани ӯ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, новобаста аз ҷои таваллудаш шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад[6]. Дар ҳолати гуногун будани шаҳрвандии падару модар, ки яке аз онҳо ҳангоми таваллуди кӯдак шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, кӯдак ба шарте шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мешавад, ки: дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шуда бошад; хориҷ аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шуда, падару модари ӯ ё яке аз онҳо дар ин замон дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сукунати доимӣ дошта бошанд. Дар сурати гуногун будани шаҳрвандии волидайн, яъне агар яке аз онҳо дар лаҳзаи таваллуди кӯдак шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар ин замон ҳам падару ҳам модар берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон доиман зиндагӣ мекарда бошад, шаҳрвандии кӯдаки берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллудёфта аз рӯи мувофиқаи хаттии падару модар муайян карда мешавад. Падару модаре, ки шаҳрвандии гуногун доранд, ҳангоми интихоби шаҳрвандӣ то яксола шудани кӯдак ба мақомоти корҳои дохилӣ ё муассисаи

[6] Моддаи 16 қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии ҶТ»

консулгарии ҷои таваллуд нусхаи шаҳодатнома дар бораи таваллуди кӯдак ва розигии хаттӣ дар бораи интихоби шаҳрвандии ӯро пешниҳод мекунанд[7].

161. Мутобиқи моддаи 41 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилотро яке аз соҳаҳои афзалиятнок эълон намудааст.

162. Маҳдудияти ҳуқуқҳои таълимоти касбии шаҳрвандон аз рӯи ҷинс, синну сол, вазъи саломатӣ, доғи судӣ доштан ва аз рӯи нишонаҳои дигар танҳо дар асоси Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Айни замон, дар системаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 70 омӯзишгоҳ ва литсейҳои касбӣ-техникӣ амал мекунанд, ки дар онҳо қариб 10000 нафар таълим мегиранд. Дар ин муассисаҳои таълимӣ, ҳамчунин курсҳои кӯтоҳмуддат оид ба аз худ кардани касбу ихтисосҳои дар бозори ҷаҳонӣ зарур амал мекунанд.

163. Давлат дар муассисаҳои давлатии таълимӣ таълимоти умумии асосии ҳатмиро кафолат медиҳад.

164. Шахс ҳамчунин дар муассисаҳои давлатии таълимӣ дар доираи стандартҳои давлатии таълимӣ дар асоси озмун таълимоти ройгони миёна, касбӣ, касбии миёна, олии касбӣ ва касбӣ гирифта метавонад, агар шаҳрванд сати дахлдори таълимотро аввалин маротиба гирад.

165. Давлат махсусан шахсони истеъдоди махсус доштаро дастгирӣ менамояд, ба онҳо дар гирифтани маълумот кӯмак мерасонад, аз ҷумла ба онҳо стипендияи махсуси давлатӣ муқаррар месозад, агар зарур бошад, барои таълим онҳоро ба хориҷи кишвар мефиристонад.

166. Забони таълим дар муассисаҳои таълимӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Давлат ба шаҳрвандон забони таълимро кафолат дода истода, гирифтани таҳсилоти умумиро ба забони давлатӣ ва дар ҷойҳое, ки миллатҳои гуногун бештар зиндагонӣ мекунанд, ба забони модарии онҳо кафолат медиҳад. Озодии интихоби забони таълим дар муассисаҳои таълимӣ бо роҳи ташкили шумораи зарурии синфҳо, гурӯҳҳо ва фароҳам овардани шароит барои фаъолияти онҳо таъмин карда мешавад.

167. Дар тамоми муассисаҳои таълимӣ қатъи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, омӯзиши забони давлатӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои давлатии таълимӣ ба танзим даровардa мешавад.

168. Таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси шаҳрвандони хориҷӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шартномаҳое, ки ба

---

[7] (б.12 Низомнома дар бораи тартиби баррасии масъалаҳои шаҳрвандии ҶТ аз 21 ноябри соли 1996, № 611)

муассисаҳо ва ташкилотҳо, мақомоти раёсати маориф, иттиҳодияҳо, иттиҳодияҳои муассисаҳои таълимӣ, шахсони дигари ҳуқуқӣ ва воқеӣ тибқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешаванд, ба анҷом расонида мешаванд (мод.53).

169. Намояндагони гурӯҳҳои гуногуни миллӣ ва этникӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд, ҳуқуқ ба нигоҳ доштан, рушд ва ҳизи фарҳанги худ, ташкили корхона ва муассисаҳои фарҳангӣ, марказ ва ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии ҷамъиятҳо, иитиҳодияҳо ва ташкилотҳои дигари миллиро таъмин менамояд, оид ба бастани созишномаҳои байнидавлатӣ дар ин соҳа чораҳо меандешад ва ҳуқуқҳои онҳоро ҳифз менамояд.

**Моддаи 32, 33, 37. Ҳуқуқи интиқол додани маблағҳои пулии бадастоварда, пасандозҳо ва ашёи шахсӣ ба давлати худ; ҳуқуқи гирифтани маълумот оид ба ҳуқуқҳое, ки аз Аҳднома (Конвенсия) бармеоянд ва ҳуқуқ ба паҳн намудани маълумот, ҳуқуқи хабардор шудан оид ба шартҳои иҷозатдиҳӣ барои ворид шудан ба давлати анҷом додани кор ба таври кироя ва ба машғул шудан бо фаъолияти музднок**

170. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» пешбинӣ шудааст, ки коргарони муҳоҷире, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатии музднок машғуланд, метавонанд маблағҳои пулии бадастоварда ва пасандозашонро ба ҳудуди давлати тарк намудаашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳвил намоянд. Қайд намудан зарур аст, ки чанд вақт интиқоли маблағ ба ватан мушкил буд, муҳоҷирони меҳнатӣ маҷбур буданд маблағҳои худро бо худ баранд ё маблағро бо хешу табор ва наздикони худ мефиристонданд. Ин боиси ришвахӯрӣ ва сӯистеъмол дар мақомоти гумрук ва сарҳади кишвари таъинот, транзит ва пайдоиш гардид. Ба ғайр аз ин, истифодаи воситаҳои ғайрирасмии интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ боиси пайдо шудани гурӯҳҳои гуногуни ҷиноятӣ дар ҳудуди кишварҳои таъинот ва транзит гардид. Ин гурӯҳҳо қисми зиёди маблағи мухоҷирони меҳнатиро мегирифтанд. Воситаҳои расмии интиқоли маблағ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ бо сабаби мушкил будани ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо, рушд наёфтани хизматрасониҳои бонкӣ, набудани боварӣ ба бонкҳо ва фоизбандии давлатии сифоиза маъмул набуд.

Дар соли 2001 Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон берун аз кишвар қабул гардид, ки дар он қайд гардида буд: «зарурати муҳоҷирати меҳнатии қонунӣ ва танзимшаванда берун аз кишвар пеш аз ҳама ба баландбардории некӯаҳволии аъзои оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби амалигардонии интиқоли маблағ аз ҷониби

муҳоҷирони меҳнатӣ асос меёбад». Дар Консепсияи давлатии мазкур эътироф гардид, ки некӯаҳволии аъзои оилаи муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳисоби амалигардонии интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ амалӣ мегардад. Бо мақсади озодона ворид шудани асъори хориҷӣ ба кишвар бо қарори Ҳукумати мамлакат аз 25 сентябри соли 2001, №445 боҷи давлатӣ дар ҳаҷми 30% барои интиқоли маблағ манъ карда шуд. Баъди ин ҷараёни интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути бонкҳои расмӣ афзуд.

Рақобати ба вуҷудомадаи байнибонкӣ, ки хизматрасонӣ оид ба интиқоли маблағҳоро амалӣ мегардонанд, ба васеъшавии хизматрасонӣ ва пастшавии фоиз барои интиқоли маблағ оварда расонд. То ҳол бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин системаҳои байналмилалии интиқоли маблағ шартномаҳо доранд: MoneyGram, MIGOM, Western Union, Contact, Unistream, VIP Money Transfer ва ғайра.

171. Бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ ба интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири калон расонд. Аз семоҳаи сеюми соли 2008 сар карда, пастравии ҳаҷми интиқоли маблағ ба мушкилоти пардохтпазирии системаи бонкӣ, ноустувории молиявӣ оварда расонд ва ба фоидаи аҳолӣ ва афзоиши сатҳи камбизоатӣ таъсири ҷиддӣ расонд. Ин боиси ташвиши Ҳукумати кишвар гардид. Вобаста ба ин Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зерин андешид:

- барои беҳтар намудани хизматрасонии интиқоли маблағ пардохтпазирии бонкҳо аз ҷониби Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин гардид;

- бо мақсади таъмини саривақтии сафарҳои муҳоҷирон аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат барои пурра кардани хароҷоти марбут ба сафар пешниҳод карда мешуданд;

- нуқтаҳои иттилоотии боварӣ ташкил карда шуданд, ки дар сурати ба миён омадани мушкилот марбут ба интиқоли маблағҳо, муҳоҷирони меҳнатӣ тавонанд бо бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамос шаванд ва тавсияҳои аниқ гиранд;

- нуқтаҳои интиқоли маблағ дар ноҳияҳои алоҳидаи дурдаст зиёд шуданд, то ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита аз ҷойи зист аз хизматрасонӣ истифода бурда тавонанд[8].

172. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва воситаҳои дигари ахбори омма» ва «Дар бораи телевизион ва радио» ҳуқуқҳои ҳар касро ба изҳори озодонаи ақида, ҷустуҷӯ, гирифтан ва паҳн намудани маълумот кафолат ва ҳифз менамоянд.

---

[8] «Бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва интиқоли маблағҳо», Ташрифов М. мудири раёсати сиёсати пулӣ ва омомрии Бонки миллии ҶТ.

173. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рад намудан дар пешниҳод намудани маълумот ба шаҳрванд ҷазо пешбинӣ шудааст (моддаи 148).

174. Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф менамояд, ки маълумотдиҳии муҳоҷирони меҳнатӣ дар бораи ҳуқуқҳои худ ва дастрасии онҳо ба маълумот ӯҳдадории кишвар ба ҳисоб меравад ва пеши роҳи вайронкунии ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатиро мегирад. Дар моддаи 33 Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2001 фаъолият оид ба ташкили кӯмаки иттилоотию машваратӣ ба муҳоҷирони меҳнатиро пешбинӣ менамояд.

175. Дар барномаи муҳоҷирати меҳнатии берунаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010 дар системаи чорабиниҳо, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ гузаронида мешаванд, ҳамчунин фаъолият оид ба «ташкили кӯмаки иттилооотию машваратӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ» қайд карда шудааст. Бо мақсади гузаронидани маъракаи иттилоотӣ оид ба фаҳмонидан ва паҳн намудани сиёсат дар соҳаи муҳоҷират дар доираи барномаи мазкур мақомоти салоҳиядори Тоҷикистон бояд чорабиниҳои зеринро амалӣ гардонанд:

-таъсиси маҷаллаи «Муҳоҷират», чоп намудани маводи иттилоотӣ дар матбуоти даврӣ, рушди шабакаи марказҳои иттилоотию машваратӣ ва таъсиси махзани ягонаи маълумот дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ;

-нашри китобчаҳо, расмҳо ва маҳсулоти дигари чопӣ оид ба тарбияи ҳуқуқӣ, баландбардории сатҳи маълумотнокии санитарию беҳдоштӣ, инкишофи маданияти меҳнати муҳоҷирон.

Барнома ҳамчунин ташкили кӯмаки иттилоотию машваратӣ ба муҳоҷирони меҳнатиро тавассути дар ноҳияҳо таъсис додани марказҳои иттилоотию машваратӣ, чопи китобчаҳо, ташкили баромадҳо ва нашрияҳо тавассути ВАО, ҷой додани плакатҳои иттилоотӣ дар нуқтаҳои сарҳадӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ғайра пешбинӣ менамояд. Дар барномаи мазкур ҳамчунин баландбардории маълумотнокии ҳуқуқӣ, маданӣ ва тиббии муҳоҷирони меҳнатӣ пешбинӣ шудааст.

176. Фаъолият оид ба маълумот додан ба муҳоҷирони меҳнатӣ дар бораи ҳуқуқу ӯҳдадориҳо онҳо ва дар бораи қонунгузории кишвари будубош ӯҳдадории аксарияти мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ӯҳдадории мақоми давлатии ҷумҳуриявӣ оид ба корҳои ҷавонон қайд гардидааст: расонидани хизмати ҳуқуқӣ ва бо маводи меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва методӣ таъмин намудани муҳоҷирони меҳнатӣ;

Низомномаи Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ ӯҳдадории татбиқи таъмини иттилоотии ташкилот ва шаҳрвандонро оид ба масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба ин муассиса вогузор менамояд. Ҳамчунин масъалаҳои иттилоотонии муҳоҷирони меҳнатӣ вазифаи намояндагии Вазорати корҳои дохилӣ оид ба муҳоҷират дар Федератсияи Россия мебошад. Дар Низомномаи ин сохтор пешбинӣ шудааст, ки Намояндагӣ муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи сиёсати муҳоҷирати меҳнатии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи самтҳои афзалиятноки рушди бозори меҳнати дохилӣ ва чораҳои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мусоидат ба шуғли аҳолӣ тавассути ВАО хабардор менамояд.

Низомнома «Дар бораи оҷонсии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират» ин сохтори давлатиро ӯҳдадор месозад, ки конфронс, семинар ва вохӯриҳо гузаронад, корҳои фаҳмондадиҳӣ-иттилоотиро оид ба масъалаи муҳоҷират гузаронад. Ҳамчунин маҳсулоти гуногуни чопӣ дар ин самт чоп намоянд, чорабиниҳо бо иштироки ВАО гузаронад.

Мутобиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои хоси иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳида субъектҳои хоҷагидорӣ, ки иҷозатнома барои татбиқи фаъолият марбут ба бо кор таъминкунӣ гирифтаанд, ӯҳдадор ҳастанд муҳоҷирони меҳнатиро бо тартиби амалкунандаи бокортаъминкунии шаҳрвандони хориҷӣ дар кишвари таъинот ва муқаррароти қонунгузории иммигратсионӣ шинос намоянд.

Дар фармони якҷояи Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омӯзонидани муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ» ҳамчунин омадааст, ки муҳоҷирони меҳнатӣ бояд ҳатман асосҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро омӯзанд.

177. Ба масъалаи иттилоотонии мухоҷирони меҳнатӣ ҳамчунин ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ машғул мебошанд. Чунончӣ, дар соли 2004 Ташкилоти байналмилалии муҳоҷират якҷоя бо Идораи САҲА дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аввалин Маркази захиравии иттилоотӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ (минбаъд - ИРЦТМ)-ро таъсис доданд.

Соли 2006 бо дастгирии Ташкилоти байналмилалии муҳоҷират ва САҲА чунин Марказ дар базаи ташкилоти ғайридавлатӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва ноҳияи Шахритус, дар соли 2008 бошад, дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Айнӣ, Тоҷикобод ва Ҳисор кушода шуд. Фаъолияти асосии ин Марказ ба машваратдиҳии ройгони муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба қонунгузории кишвари таъинот, расонидани кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ, ташкили вохӯриҳои иттилоотӣ дар байни муҳоҷирон ва аъзои оилаҳои онҳо ва паҳн намудани маводи иттилоотӣ оид ба

масъалаи муҳоҷират равона гардидааст. Дар лаҳзаи омодагии гузориши мазкур 4 ИРЦТМ дар шимол ва ҷануби Тоҷикистон амал мекунанд, аммо Ташкилоти байналмилалии муҳоҷират ба нақша дорад, ки кори 4 ИРЦТМ-и боқимондаро дар ВМКБ, водиҳои Зарафшон ва Рашт барқарор созад.

178. Чуноне ки маълум аст, Ассамблеяи генералии СММ ба давлатҳои иштирокчӣ, ҳамчунин ташкилотҳои байниҳукуматӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ тавсия додааст, ки рӯзи байналмилалии муҳоҷиронро тавассути паҳн намудани маълумот дар бораи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосии муҳоҷирон, мубодилаи таҷриба ва таҳияи чорабиниҳо оид ба ҳифзи онҳо қайд намоянд. Ин тавсияҳоро ба назар гирифта, шӯъбаҳои Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ дар вилояти Суғд дар ҳамкорӣ бо ташкилоти ҷамъиятии Маркази ҳуқуқҳои инсон ҳар сол 18 декабр маъракаи васеъро барои маълумотдиҳии муҳоҷирони меҳнатӣ дар бораи ҳуқуқҳои онҳо, аз ҷумла ҳуқуқҳое, ки аз Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва оилаҳои онҳо бармеоянд, мегузаронад. 18 декабри соли 2009 Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ бо иштироки ташкилотҳои давлатӣ, байналмилалӣ ва ғайридавлатӣ конфронс оид ба муҳокимаи масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ бо мақсади таҳияи чораҳо оид ба таъмини ҳифзи онҳо гузаронд.

**Қисми 4. Ҳуқуқҳои дигари муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, ки дорои ҳуҷҷатҳо ё мақоми доимӣ мебошанд**

**Моддаҳои 38, 39: Ҳуқуқ ба тарки муваққатӣ бе расондани зарар ба иҷозатномаи будубош ва фаъолият; ҳуқуқ ба ҷойивазкунии озодона ва интихоби маҳалли истиқомат дар ҳудуди давлати анҷом додани кор ба таври кироя**

179. Иҷозат додан ба муҳоҷирони меҳнатӣ ба тарки муваққатӣ бе расондани зарар ба иҷозатномаи будубош ва фаъолият; ҳуқуқ ба ҷойивазкунии озодона ва интихоби маҳалли истиқомат дар ҳудуди давлати анҷом додани кор ба таври кироя бо моддаҳои 37 ва 41 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд, ки дар он дар бораи рухсатии ҳарсолаи пулӣ, гирифтани таҳсилоти касбӣ гуфта мешавад. Ба замми ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ» (моддаҳои 18 ва 19) ҳуқуқҳои шаҳрвандони хориҷӣ ба рухсатии меҳнатӣ, аз як ҷой ба ҷойи дигар рафтан ва ҳуқуқи интихоби ҷойи зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мутобиқи тартиби муқарраргардида қайд мекунад.

180. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» принсипҳои асосии зерини танзими муҳоҷиратро муқаррар менамояд:

- таъмини ҳуқуқии инсон барои интихоби озодии маҳалли истиқомат, озодии меҳнат, интихоби озоди навъи фаъолият ва касб, озодии ҳиҷрат, озодии рафтуомад;

- норавоии ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқ аз рӯи миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, маълумот, вазъи иҷтимоӣ ва молу мулк;

- иштироки мақомоти дахлдори давлатӣ дар ташкили ба низом овардани равандҳои муҳоҷират;

- иштироки шахсии муҳоҷирон дар ҷобаҷокунӣ дар маҳалли нави истиқомат бо дастгирии унвонии давлатии ташаббус ва худфаъолияти ҳар як шахс, дар навбати аввал онҳое, ки аз минтақаҳои офати экологӣ ва табиӣ кӯчонида шудаанд;

- манъи бадарға ё баргардонидани маҷбурии муҳоҷирон ба кишваре, ки онҳо аз он омаданд;

- ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо (моддаи 2).

181. Маҳдудият дар бобати аз як ҷо ба ҷои дигар рафтан ва интихоби ҷои зист вақте роҳ дода мешавад, ки агар он барои таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва маънавии аҳолӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсон зарур бошад (моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»).

**Моддаҳои 40, 41 ва 42. Ҳуқуқи таъсис додани ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳои касаба; ҳуқуқи иштирок намудан дар ҳаёти ҷамъиятии давлати худ, ҳуқуқи интихоб шудан ва интихоб кардан дар ин давлат; расмиёт ё институтҳое, ки нисбат ба эҳтиёҷоти муҳоҷирони меҳнатӣ ғамхорӣ зоҳир менамоянд ва имконияти амалигардонии ҳуқуқҳои сиёсиро дар давлати анҷом додани кор ба таври кироя таъмин менамоянд.**

182. Мутобиқи моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон муассис, аъзо ва иштирокчии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шуда метавонанд, ба шарте ки ҷои доимии зисти онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ё гувоҳномаи иқомат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошанд.

183. Айни замон, дар ҷумҳурӣ ташкилотҳои миллии ҷамъиятии зерин амал мекунанд:

- Ташкилоти ҷамъиятии «Чамъияти туркманҳои Тоҷикистон»
- Ташкилоти ҷамъиятии «Ҷамъияти маданӣ-маърифатии гурҷиҳо «Сатвистимо Иберия»

- Ташкилоти ҷамъиятии «Иристон» (ташкилоти Осетия)
- Ташкилоти ҷамъиятии «Иттиҳоди халқиятҳои камшумори Қафқоз»
- Ташкилоти ҷамъиятии «Байтерек» (Қазоқистон)
- Ташкилоти ҷамъиятии «Ассотсиатсияи уйғурҳои Тоҷикистон»
- Ташкилоти ҷамъиятии Маркази фарҳангӣ-миллии тотору-бошқирдҳо «Дустлык»
- Ташкилоти ҷамъиятии «Ҷамъияти қирғизҳо»
- Ташкилоти ҷамъиятии «Фонди русии рушди ботинӣ, зеҳнӣ ва миллӣ»
- Ташкилоти ҷамъиятии «Шӯрои ҳамватанони Руси Тоҷикистон»
- Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази робитаҳои фарҳангӣ бо куриягиҳои тамоми ҷаҳон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»
- Ташкилоти ҷамъиятии «Иттиҳодияи курияги҃ои советии Тоҷикистон»
- Ташкилоти ҷамъиятии «Ҷамъияти ӯзбекҳои Тоҷикистон» ва ғайра.

184. Маълумоти иловагӣ дар бораи ҳуқуқҳои коргарони муҳоҷир ба муттаҳидӣ ва таъсиси иттиҳодияҳои касбӣ дар маълумоти гузориши мазкур ба моддаҳои 26 Конвенсия дастрас аст.

185. Мутобиқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳрвандони хориҷӣ дар ҶумҲУРИИ Тоҷикистон ба мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроияи ҳокимият интихоб карда, интихоб шуда ва таьин шуда, инчунин дар раъйпурсии умумихалқӣ иштирок карда наметавонанд.

**Моддаҳои 43,54,55. Принсипи низоми ягона бо шаҳрвандони давлате, ки дар он дар соҳаҳои зерин ба таври кироя кор мекунанд: реҷаи ҳимоя нисбати аз кор холӣ кардан, кӯмакпулии ҳангоми бекорӣ пардохтшаванда ва дастрасии барномаҳо оид ба корҳои ҷамъиятӣ ё кори дигар бо тарзи кироя ба онҳо; муносибати баробар ҳангоми иҷро намудани фаъолияти музднок**

186. Мутобиқи моддаи 35 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад. Дар муносибатхои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудиятҳо манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст.

187. Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» давлат сиёсати мусоидат намудан ба амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои шаҳрвандонро ба шуғли пурра, самаранок ва интихоби озоди шуғл пеш мебарад. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ба принсипҳои ташкили ҳамкории байналмилалӣ дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, бо назардошти фаъолияти касбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, риоя намудани меъёрҳои байналмилалии меҳнат асос меёбад. Ба ғайр аз ин, мутобиқи моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» давлат ҳангоми бекор мондан кафолатҳои зеринро медиҳад:

- додани имтиёз ва ҷубронпулӣ ба кормандони аз корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо аз кор озодгардида; пардохти стипендия ба шахсони бекор дар давраи тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ё бозомӯзӣ дар асоси роҳхати мақомоти хадамоти давлатии шуғл; пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ; имконияти иштирок дар корҳои ҷамъиятии музднок.

188. Ба кормандони аз корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо бо сабаби барҳамхӯрӣ, ихтисор намудани шумора ё штат аз кор озодшаванда ҳангоми қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ имтиёз ва ҷубронпулӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат дода мешавад.

189. Даврае, ки дар давоми он шаҳрванд мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бекорӣ кӯмакпулӣ, стипендия мегирад, дар корҳои муздноки ҷамъиятӣ иштирок мекунад, собиқаи меҳнатии ӯ қатъ намегардад ва ба собиқаи умумии меҳнатӣ дохил мешавад. Қарор дар бораи таъини кӯмакпулӣ барои бекорӣ аз ҷониби мақомоти хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ дар рӯзи 11-ум аз лаҳзаи бақайдгирии онҳо дар баробари қарор дар бораи бекор донистани шаҳрванд қабул карда мешавад. Кӯмакпулӣ барои бекорӣ дар давоми сол 6 моҳи тақвимӣ, вале на зиёда аз давраи 12-моҳа, дода мешавад. Кӯмакпулӣ барои бекорӣ моҳе як маротиба пардохта мешавад, ба шарте ки шахси бекор мувофиқи мӯҳлати аз ҷониби мақомоти хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ муайянгардида аз нав аз қайд гузарад.

190. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликияташон бо иштироки мақомоти хадамоти давлатии шуғл дар асоси шартнома гузаронидани корҳои ҷамъиятии музднокро ташкил менамоянд. Иштироки шаҳрвандон дар корҳои ҷамъиятии музднок танҳо бо розигии онҳо мумкин аст. Ҳангоми ба корҳои ҷамъиятии музднок равон намудан вазъи саломатӣ, синну сол, касб ва дигар хусусиятҳои инфиродӣ ба эътибор гирифта

мешаванд. Шартномаи (қарордоди) меҳнатии мӯҳлатнок дар бораи иштироки шаҳрванд дар корҳои ҷамъиятӣ метавонад аз тарафи шаҳрванд ҳангоми соҳиби кори доимӣ ё муваққатӣ шуданаш пеш аз мӯҳлат қатъ карда шавад (моддаи 22).

191. Мутобиқи моддаи 4 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ба меҳнат, интихоби касб, кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ аз бекорӣ ҳақ дорад. Ба ғайр аз ин мутобиқи қонунгузории меҳнат ҳамаи шаҳрвандон дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ имконияти баробар доранд (моддаи 7).

**Моддаҳои 44 ва 50. Ҳифзи ягонагии оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва якҷояшавии муҳоҷирони меҳнатӣ; бақайдгирии фавт ва парокандашавии оилаҳо**

192. Мутобиқи моддаи 33 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои марбут ба муносибатҳои издивоҷ ва оила истифода мебаранд. Мутобиқи қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва никоҳҳои байни шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрвандӣ, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи қонунҳои он кишвар баста шудаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боэътибор дониста мешавад. Никоҳи шаҳрвандони хориҷӣ, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи қонунҳои он кишваре баста шудаанд, ки дар он ақди никоҳ сурат гирифтааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боэътибор дониста мешаванд.

193. Бақайдгирии давлатии сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз ҷониби мақоми сабти ҳолати шаҳрвандӣ тавассути тартиб додани сабти дахлдори санади ҳолати шаҳрвандӣ амалӣ мегардад, ки дар асоси он шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода мешавад.

194. Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди шаҳрвандӣ»таваллуд, вафот, ақди никоҳ, бекор кардани ақди никоҳ, фарзандхондӣ, муқаррар кардани падарӣ, иваз кардани ном, номи падар ва насаб, ворид намудани ислоҳ, тағйирот, илова, барқарор ё бекор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

195. Ҳангоми мавҷуд будани розигии мутақобилаи ҳамсарон барои бекор кардани ақди никоҳ, ки аз ҳамин ақди никоҳ фарзандони умумии ноболиғ надоранд, ақди никоҳ дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бекор карда мешавад. Бекор кардани ақди никоҳ ва қайди давлатии бекор намудани он дар ҳузури ҳамсарон ва ё

яке аз онҳо бо гузаштани як моҳ аз рӯзи додани аризаи муштараки ҳамсарон дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ба ҷо оварда мешавад.

**Моддаҳои 46, 47, 48. Озод намудан аз боҷу пардохтҳо барои ворид намудан ва берун баровардани ашёи шахсӣ; ҳуқуқ барои интиқол додани воситаҳои бадастоварда ва пасандозҳо аз давлате, ки дар он муҳоҷир ба таври коргари кироя кор кардааст, ба давлати худ ё давлати дигар; андозбандӣ ва принсипи канорагирӣ аз андозбании дукарата**

196. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» пешбинӣ шудааст, ки - Коргарони муҳоҷире, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатии музднок машғуланд, метавонанд маблағҳои пулии бадастоварда ва пасандозашонро ба ҳудуди давлати тарк намудаашон тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳвил намоянд(моддаи 9[2]).

197. Мутобиқи моддаи 4 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадор ҳастанд, ки тамоми андозҳоро пардозанд.

198. Муқаррароти шартномаи байналмилалӣ дар хусуси бартараф намудани андозбандии дукарата ва пешгирии саркашиҳо аз пардохтани андозҳо аз даромад ва амвол (сармоя), ки яке аз тарафҳои он Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, нисбати шахсоне татбиқ мегардад, ки резиденти як ё ҳардуи давлатҳое мебошанд, ки чунин шартнома бастаанд (мод. 169).

**Моддаҳои 49 ва 56. Иҷозатномаи иқомат ва киро кардан барои машғул шудан бо фаъолияти музднок; манъи умумӣ барои иҷборан аз ҳудуди кишвар баровадан ва шартҳои он**

199. Мутобиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шаҳрвандони хориҷие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунан иқомат доранд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ зиндагонӣ карда метавонанд, агар онҳо дорои иҷозати бо гувоҳномаи иқомат барасмиятдаровардашуда бошанд. Шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дигар асосҳои қонунӣ қарор доранд, истиқоматкунандагони муваққатӣ ҳисобида мешаванд. Онҳо ӯҳдадоранд, ки дар муддати 3 шабонарӯз аз рӯзи омаданашон бо тартиби муқarраргардида, шиносномаҳои хориҷӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои ивазкунандаи худро ба қайд гузоранд ва дар сурати гузаштани мӯҳлати муайяни иқомат Ҷумҳурии Тоҷикистонро тарк намоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

системаи бақайдгирии шиносномаҳои хориҷӣ дар ҷойи зисти муваққатии шаҳрванди хориҷӣ истифода мешавад.

200. Бо мақсади танзими фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ва шаҳсони бешаҳрванд бо Қарори Ҳукумати мамлакат аз 31 октябри соли 2008, №529 Қоидаҳои додани иҷозатнома барои кор кардан ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, тасдиқ гардидааст. Дар Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ моҳи марти соли 2009 шӯъбаи додани иҷозатнома барои кор кардан таъсис дода шуд.

Дар давоми соли 2009 шаҳрвандони хориҷӣ аз 47 кишвар ҳуқуқи амалигардонии фаъолияти меҳнатии худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварданд. Аз 4523 иҷозатномаи додашуда барои кор кардан – шаҳрвандони хориҷӣ асосан ба фаъолияти иқтисодии зерин машғуланд:

- саноат– 1466 нафар ё 32,4%;
- савдо ва хурокаи умумӣ– 1318 нафар ё 29,1%
- сохтмон – 997 нафар ё 22%;
- хидматрасонии иҷтимоии аҳолӣ– 188 нафар ё 4,2%;
- нақлиёт – 181 нафар ё 4%;
- алоқа – 82 нафар ё 1,8%;
- тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш – 66 нафар ё 1,5%;
- кишоварзӣ– 18 нафар ё 0,4%;
- маориф – 11нафар ё 0.2%
- намудҳои дигари фаъолияти иқтисодӣ– 196 нафар ё 4,3%;

201. Шаҳрвандони хориҷие, ки дар ҳудуди Тоҷикистон ҷиноят содир намудаанд, ба ҳуқуқҳои маъмурӣ ё дигар ҳуқуқвайронкуниҳо даст задаанд, дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд (моддаи 28).

202. Маълумот дар бораи манъи умумӣ ба бадарға намудан ва шароитҳои бадарға дар маълумоти гузориши мазкур дар моддаҳои 21,22 ва 23 Конвенсия ҷамъ оварда шудаанд.

## ҚИСМИ VI КОНВЕНСИЯ

## Мусоидат дар фароҳам овардани шароити мӯътадил, боадолат ва қонунӣ нисбат ба муҳоҷирати байналмилалии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо

### Моддаи 65: Таъсис додани хадамоти лозимӣ оид ба масъалаҳои вобаста ба муҳоҷирати меҳнатии байналмилалии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо

203. Соли 1997 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалигардонии масъалаҳои соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ, аз ҷумла муҳоҷирати байналмилалии меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо дар назди Вазорати меҳнат Хадамоти давлатии муҳоҷират таъсис дода шуд, ки фаъолияти он ба 4 самт равона гардида буд:

- муҳоҷирати меҳнатӣ;
- муҳоҷирати экологӣ;
- муҳоҷирати ихтиёрӣ (дохилӣ);
- кор бо гурезагон ва шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд.

204. Бо мақсади рушди минбаъдаи ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва таъмини рушди иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 ноябри соли 2006 таҳти рақами 9 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид, ки тибқи он ба зиммаи Вазорати корҳои дохилӣ вазифаҳои Вазорати меҳнат оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ, баъдтар вазифаҳо оид ба кор бо гурезагон ва шахсоне, ки паноҳгоҳ меҷӯянд, гузошта шуд. Вазифҳои асосӣ оид ба ҳимояи давлатии муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи Тоҷикистон ба дӯши намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа вогузошта шудаанд. Мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.01.1995, № 165 яке аз вазифаҳои муҳимтарини Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа: «Ҳифзи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои он, намояндагон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар доираи муқаррарнамудаи ҳуқуқи байналмилалӣ (б.2)» мебошад. Дар Оинномаи консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.07.1998 таҳти №275 тасдиқ гардидааст, муқаррар карда шудааст, ки «консул бояд тамоми чораҳоро андешад, то ин ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра аз ҳуқуқҳояшон, ки давлати будубош ба онҳо пешниҳод намуда, бо меъёру анъанаҳои байналмилалӣ қабул шудаанд, инчунин аз ҳуқуқҳое, ки дар санадҳои байналмилалӣ муқаррар шудаанд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлати будубош аъзои он мебошанд, истифода баранд» (м.23). Бо мушаххасгардонии моддаи мазкур, Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа қайд мекунад: «Ҳимоя, хифзи манфиатҳо, мусоидат ва расондани кӯмак ба

кишвари будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби консулгарӣ ва намояндагии дипломатӣ».

205. Бо дарназардошти он далел, ки қисми асосии муҳоҷират ба Федератсияи Россия рост меояд, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он ноил гардид, ки фаъолияти намояндагии Вазорати корҳои дохилӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират дар Федератсияи Россия дар шаҳри Москва ба роҳ монда шавад. Мутобиқи Низомномаи намояндагии Вазорати корҳои дохилӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират дар Федератсияи Россия, ба зиммаи Намояндагӣ ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон дар сурати поймол гардидани онҳо аз ҷониби корфармоён ё кормандони ваколатдори Хадамоти федералии муҳоҷират, Вазорати корҳои дохилӣ ва мақомоти дахлдори дигари Федератсияи Россия вогузошта шудааст. Новобаста аз ҷиҳатҳои махсуси фаъолияти намояндагии Вазорати корҳои дохилӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират, чӣ тавре ки маълум гардид, имкониятҳои ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳам қонунгузорӣ ва ҳам амалии кормандони намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгарии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештаранд. Ҳамзамон, фаъолияти намояндагии Вазорати корҳои дохилӣ дар ин самт бештар ба масъалаҳои мусоидат намудан ба иҷрои вазифаҳо аз ҷониби консул, ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо сохторҳои гуногуни соҳаи муҳоҷират алоқаманд мебошад. Ин ҳолатро ба таври аён дар Ҷадвали 3 дидан мумкин аст, ки дар он ӯҳдадориҳои вазифавии ҳарду сохтор оид ба масъалаҳои ҳимоя ва мусоидат намудан ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвари будубош оварда шудаанд.

| **Вазифаҳои консули ҶТ** | **Вазифаҳои намояндаи ВКД дар ФР** |
|---|---|
| **Ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ** | |
| а) Консул бояд тамоми чораҳоро андешад, то ин ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра аз ҳуқуқҳояшон, ки давлати будубош ба онҳо пешниҳод намуда, бо меъёру анъанаҳои байналмилалӣ қабул шуаанд, инчунин аз ҳуқуқҳое, ки дар санадҳои байналмилалӣ муқаррар шудаанд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлати будубош аъзои он мебошанд, истифода | а) ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон дар сурати поймол гардидани онҳо аз ҷониби корфармоён ё кормандони ваколатдори Хадамоти федералии муҳоҷират, ВКД ва мақомоти дахлдори дигари ФР **(мод. 7 б.ё)**<br><br>**Низомномаи Намояндагии ВКД дар ФР оид ба муҳоҷират** |

баранд.
( мод. 23 Оинномаи консулгарӣ);

б) Ҳимоя, ҳифзи манфиатҳо, мусоидат ва расондани кӯмак ба кишвари будубоши муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби консулгарӣ ва намояндагии дипломатӣ.
(**Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа**);

в) таҳияи механизми ҳифзи маанфиатҳо аз ҷониби намояндагон, дипломатҳо ва консулон дар расондани кӯмак ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо, ки фаъолияти меҳнатии худро берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ амалӣ мегардонанд.

(**Барномаи муҳоҷирати берунаи меҳнатии шаҳрвандони ҶТ барои солҳои 2006-2010**)

б) Қабул намудани аризаҳо оид ба содир намудани ҷиноят нисбат ба шаҳрвандони тоҷик ё дар ҷустуҷӯ будани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон намудан бо сабаби бедарак гум шудани онҳо дар ҳудуди ФР (мод.7, б. ж. **Низомномаи Намояндагии ВКД дар ФР оид ба муҳоҷират**);

в) ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти хадамоти муҳоҷират, мақомоти шуғл, маъмурияти минтақаҳо ва субъектҳои манфиатдори дигари ФР, аз ҷумла оид ба масъалаҳои риоя намудани ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ мутобиқи қонунгузории амалкунандаи ФР ва созишномаи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР аз 16.10.2001 (мод. 7, сархати 11 **Низомномаи Намояндагии ВКД дар ФР оид ба муҳоҷират**);

г) барқарор намудани робитаҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷамъиятҳои ҳамватанон дар ФР, инчунин намояндагиҳои минтақавии ТБМ, ТБОМ дар ФР бо мақсади муттаҳид сохтани кӯшишҳои дуҷониба оид ба ҳифзи ҳуқуқҳо (**мод.7, сархати 19 Низомномаи Намояндагии ВКД дар ФР оид ба муҳоҷират**);

**Намояндагии манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар мақомоти давлатии кишвари будубош**

Консул ҳуқуқ дорад дар муассисаҳои кишвари будубош шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро намояндагӣ

| | |
|---|---|
| кунад, агар онҳо ҳузур надошта бошанд ё агар пешбурди корро ба ягон шахси дигар насупорида бошанд ё бо сабабҳои дигар манфиатҳои худро ҳифз карда натавонанд. Ин намояндагӣ то шахси ваколатдори худро таъин кардан ё ба зиммаи худ гирифтани ҳифзи ҳуқуқу ӯҳдадории худ аз ҷониби муҳоҷир давом меёбад (мод.28 Оинномаи консулгарӣ ) | |
| **Машваратдиҳӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ** | |
| Консул шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки муваққатан дар минтақаи консулии ӯ мебошанд, оид ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии дигари кишвари будубош, инчунин анъанаву одатҳои маҳал хабардор менамояд **(мод.26 Оинномаи консулгарӣ)** | а) додани маслиҳати ҳуқуқӣ ба ҳама гурӯҳҳои шаҳрвандони ҶТ, ки муваққатан дар ҳудуди ФР мебошанд **(мод. Низомномаи Намояндагии ВКД дар ФР оид ба муҳоҷират);**<br><br>**б)** хабардор намудани муҳоҷирони меҳнатӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати муҳоҷирати берунаи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои афзалиятноки рушди бозори дохилии меҳнат ва чораҳои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мусоидат ба шуғли аҳолӣ тавассути воситаҳои ахбор омма андешидашаванда **(мод. 7 сарх.16 Низомномаи Намояндагии ВКД дар ФР оид ба муҳоҷират);** |
| **Мусоидат намудан ба масъалаҳои барасмиятдарорӣ** | |
| а) Консул ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои истисноӣ ва бо ризоияти хадамоти консулии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон шиноснома диҳад, мӯҳлати эътибори шиносномаҳои онҳоро тамдид кунад ва ба шиносномаҳо қайдҳои зарурӣ ворид намояд (мод. 36 | а) додани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ба Сафорати ҶТ дар ФР оид ба мансубият ба шаҳрвандии ҶТ;<br>б) мусоидат намудан ба ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо барои гирифтани шаҳодатномаи бозгашт ба ватан аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ба воситаи Сафорати ҶТ дар ФР; |

Оинномаи консулӣ);

б) намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар кишвари будубоши намояндагии дипломатӣ ё муассисаи консулӣ ё худ минтақаи консулии он ба таври доимӣ иқомат мекунанд ё муваққатан қарор доранд, шиносномаҳои умумишаҳрвандии хориҷӣ медиҳанд. (**мод. 2 б. 7 Қоидаҳои додани шиносномаҳои хориҷии дорои ҳомилҳои электронии маълумот ва шаҳодатномаҳои бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони** Ҷумҳурии Тоҷикистон);

в) шаҳодатномаи бозгашт аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва дар сурати набудани намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ё он давлат, аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. (**мод. 10 б. 88 Қоидаҳои додани шиносномаҳои хориҷии дорои ҳомилҳои электронии маълумот ва шаҳодатномаҳои бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон**);

в) дар доираи ваколатҳои худ мусоидат намудан дар барқарорсозии шиносномаи гумшуда ё барқарорсозии шаҳодатномаи таваллуди кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ ба воситаи фиристодани талабномаҳо ба мақомоти дахлдори ҶТ;

г) таъмин намудани муҳоҷирони меҳнатӣ бо маълумотномаҳо дар хусуси мавҷуд будан ё набудани доғи судӣ, ки ҳангоми аз ҷониби онҳо ба расмият даровардани бақайдгирӣ ва таъмин намудан бо ҷойи кор лозим аст.

**(мод. 7 б. б,в,г,д Низомномаи Намояндагии ВКД дар ФР оид ба муҳоҷират).**

**Моддаи 66:** Қоидаҳо ва мақомоти расмӣ оид ба киро кардани коргарон барои кор дар кишвари дигар

206. Бо мақсади киро кардани коргарон дар кишваре, ки дар он чунин амалҳо дар асоси созишномаи байни давлатҳои манфиатдор анҷом дода мешаванд, Ҷумҳурии

Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон (соли 1998), Федератсияи Россия (соли 2004) ва бо Ҷумҳурии Қазоқистон (соли 2006) созишномаҳо ба имзо расонд.

207. Барои амалигардонии Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва таҳияи механизми иҷрои он, аз ҷумлаи кормандони масъули вазорату идораҳои манфиатдор гурӯҳи кории дуҷониба таъсис дода шудааст.

208. Ҳамзамон, бо мақсади ҳимояи бозори дохилии меҳнат ва бо кор таъмин намудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди давлат, аз 1 июли соли 2008 дар сохтори дастгоҳи марказии Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғл ва муҳоҷират бахши кор бо субъектони хоҷагидор, ки бо ҷалб намудани қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва додани хулосаҳо ба фаъолияти онҳо машғуланд, таъсис дода шудааст. Агентии давлатӣ ба субъектони хоҷагидор танҳо дар он сурат хулосаи мусбӣ медиҳад, агар гурӯҳи нишондодашудаи касбҳои муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ дар хадамоти шуғли шаҳрвандони бекори Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт наёфта бошад. Агар чунин ҳолатҳо ҷой дошта бошанд, дар ин сурат шумораи муҳоҷирони меҳнатии хориҷии ҷалбшаванда дар ҳаҷми 70 фоизи шумораи умумии шахсони аз хориҷа даъватшаванда ихтисор мегардад. Бо мақсади баррасии ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур эҳтиёҷи тарафи даъватшаванда ба мутахассисони баландихтисос бо омӯзонидани минбаъдаи ин касбҳо ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта мешавад. Назорат ва санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидореро, ки бо ҷалби қувваи кории хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд, инчунин боздоштан ё бозхондани иҷозатномаро дар сурати риоя накардани қонунгузорӣ ва иҷро накардани ӯҳдадориҳо оид ба шартнома танҳо мақоме, ки ҳуҷҷати номбаршударо додаст, амалӣ мегардонад, яъне Хадамоти Муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ.

**Моддаи 68. Чораҳо оид ба пешгирӣ ва решакан кардани гузариши ғайриқонунӣ ё пинҳонӣ ва кирои муҳоҷирони меҳнатие, ки мақоми доимӣ надоранд**

**209.** 2 апрели соли 2001 таҳти рақами 544 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пурзӯр намудани мубориза бо муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нашр гардид, баъдтар, 2 декабри соли 2008 таҳти рақами 599 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Низомномаи механизми амалигардонии назорати муҳоҷират» қабул гардид, ки мутобиқи ин ҳуҷҷатҳо ба як қатор вазорату идораҳо ваколатҳои бар зидди гузариши ғайриқонунӣ ва пинҳонии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо равонагардида дода шуданд.

210. Соли 2008 ба Кодекси ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон иловаҳое ворид карда шуданд, ки масъулиятро барои ташкили воридшавии ғайриқонунии шаҳрвандони

хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ташкили гузариши транзитии ғайриқонунӣ ба воситаи марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд (мод. $335^1$ КҶ ҶТ). Инчунин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ ҷорӣ карда шуд (мод. $335^2$ КҶ ҶТ). Моддаи мазкур ҷавобгарии ҷиноятиро натанҳо барои ташкили ғайриқонунӣ фиристонидан ва бо кор таъмин кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, инчунин ҷавобгариро барои бо кор таъмин намудани муҳоҷирон аз ҷониби шахсе, ки барои амалӣ намудани чунин намуди фаъолият иҷозатнома надорад, муқаррар намудааст.

**Моддаи 71. Баргардонидани ҷасади муҳоҷирони меҳнатӣ ё аъзои оилаи онҳо ва масъалаҳои ҷуброн вобаста ба марги онҳо**

**211. Масъа**лаҳои баргардонидани ҷасади муҳоҷирони меҳнатӣ, ҷуброн вобаста ба марги онҳо дар ин Созишномаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд:

- Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, ки моҳи октябри соли 2004 ба имзо расидааст (моддаи 15);
- Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон, ки моҳи октябри соли 2006 ба имзо расидааст (моддаи 12).

Вазорати корҳои дохилӣ аз соли 2001 сар карда, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муттаҳидкунии сабабҳо ва шароитҳои марги шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар хориҷи наздик ва дур анҷом медиҳад. Дар давраи соли соли 2007- 356 ҷасад, соли 2008- 508 ҷасад соли 2009 -784 ҷасад ва шаш моҳи соли 2010 396 ҷасади шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Федератсияи Россия оварда шуданд. Сабаби асосии марги шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ин куштор, бардоштани ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ, ҳодисаи нохуш, садамаҳои автомобилӣ, заҳролудшавӣ ва ғайра мебошад.